Ҳасан Самадович дар тадқиқотҳои минбаъдаи худ дар бораи як зумра адибони тоҷику ӯзбек аз ҷумла ¯омӣ, Навоӣ, Бобур, Восифӣ, Хондами рва дигарҳо мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

£удратуллоев солҳои 1976-1980, 1983-1986 дар давлати Аф²онистон ба ҳайси тарҷимон ко рва фаъолият кардааст. Дар ин муддат дар матбуоти Аф²онистон зиёда аз 20 мақола ба Чоп расонидааст. Соли 1986 дар Кобул китоби ӯ бо номи «Лу²ати дарӣ-русӣ оиди обёрӣ» ба табъ расидааст.

£удратуллоев дар Аф²онистон ҳам вақти худро беҳуда нагузаронида чун тарҷимон асарҳои Абдурауф Фитрат «Баёноти сайёҳи ҳинд», «Давраи ҳукмронии Амир Олимхон» ва мақолаҳои маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, Садриддин айнӣ ва Хондамирро аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷима кардааст.

Фаъолияти илмии ў ҳам пурҷўшу хурўш гузаштааст. Солҳои 1989-1993 мудири кафедра дар донишкадаи Ирригатсияи тошканд, солҳои 1993 2010 дар назди Вазроати таълими халқи ¤збекистон дар вазифаҳои гуногун аз ҷумла; сардори шўъбаи Аттестатсия, ва Аккредитатсиява литсензияи маркази тести ¤збекистон, сипас1995 директори Маркази таълими халқи ¤збекистон. Соли 1996 сармушовуири Президенти ¯умҳурии ¤збекистон.

Ҳасан Самадович байни солҳои 2003-2010 Ректори Донишкадат омўзгории Ангрен. Дар давоми ректориаш ба натиҷаҳои зиёде ноил гаддид аз ҷумла дар тайёр кардани кадрҳо, баланд бардоштани базаи моддӣ-техникии донишкада ва ободонӣ ҳиссаи сазовор дорад.

Дар Айни замон ў дар ХТХТМОМИ ҷумҳуриямон чун профессори кафедра фаъолият дорад.

Монография, китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои ў чунинанд:

1. Бобурнинг адабий-эстетик қарашлари, «Фан», Тошкент, 1983,4,0 б.л.
2. Русско-дари ирригационный словар, Аф²онистон, Кобул, 10,5 п.л.
3. Навоийнинг адабий-эстетик олами ¢афур ¢улом, 1991,9,0 б.л.
4. Адабиёт, синфи 11 (дар ҳаммуаллифии А. £амарзода ва У. £амарова) .
5. Бобур армони, «Шарқ», монография, 2005, 19,5 б.л.
6. Бобуринг давлатчилик сиёсати ва дипломатияси, монография, 2001,20,5 б.л.
7. дастур аз фанни методикаи таълими забони модарӣ (дар ҳаммуаллифии Ф. Исомиддинов), Тошкент, 1,5 б.т.

## Сайфиддинов Иноятҷон

## Мудири шўъбаи тар²ибот ва ташвиқоти кўмитаи партиявии шаҳр

## ¯онишини ҳокими шаҳри Оҳангарон

## ¯онишини ҳокими шаҳри Ангрен

# Директории ГСПТУ-14



**Манам, ки дида ба дидори дӯст кардам боз,**
**Чӣ шукр гӯямат, эй корсози банданавоз.**
**Ҳофиз**

Сайфиддинов Иноятҷон соли 1932 дар деҳаи Пунғаз лар оилаи равшанфикр ба дунё омадааст. Сайфиддинов Иноятҷон ба мактаби деҳа рафта синфи 7-ро хатм намуда, як сол дар ҳамин мактаб кор кардааст. Соли 1948 ў ба шаҳри Тошкент рафта ба техникуми соҳаи об дохил шуда, баъди хатми он дар хоҷагии оби ноҳияи Ашт ба ҳайси муҳандиси об кору фаъолият намудааст.

Байни солҳои 1952-1955 дар хизмати ҳарбӣ будааст.

Соли 1955 ба шаҳри Ангрен кўчида омада дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти шаҳр фаъолият кардааст. Қариб тамоми умр фаъолияти меҳнатии Сайфиддинов чун роҳбар гузаштааст. Ў дар кўмитаҳои ҳизбӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ дар вазифаҳои масъулиятнок кору фаъолият намудааст. Аслан ў

омӯзгор буда, донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанберо бо тахассуси муаллими физика ва математикаро хатм намуда, аввалҳо ба ҳайси муаллим кор кардааст. Қариб 25 сол дар вазиваҳои масъулиятноки давлатӣ, ки интихобӣ буд кор кардааст.

Байни солҳои 1985-1987 ба ҳайси Ҳоким шари Оҳангарон фаъолият кардааст.

Ӯ оиладор соҳиб 8 фарзанд, ки се нафар писар ва панҷ нафар духтаранд, қариб ҳама соҳиби маълумоти олӣ буда дар ҷабҳаҳои гуногуни шаҳри Ангрен кор карда истодаанд.

## Одирматов Дадоҷон

**«Ходими хизматнишондодаи маорифи РСС Ӯзбекистон» (1990)**

**Мудири шӯъбаи маорифи халқи Ангрен**

**Директори мактаби № 17**



**Замона корсози хоҷа боду бахт ёри ӯ,**

**Бароянд, ҳар муроде, чун замона созгор ояд.**

**Ломеӣ**

Одирматов Дадоҷон 20 марти соли 1936 дар деҳаи Пунғаз дар оилаи колхозчӣ таваллуд меёбад. Соли 1950 мактаби ҳафтсолаи зодгоҳаш, соли 1952 мактаби миёнаи №2 деҳаи Шайдон ва соли 1957 факултети забонҳои хориҷии Институти давлатии педагогии Ленинободро хатм менамояд. Ӯ ба сифати муаллими фанни «Забони англисӣ»-и мактаби миёнаи №3 ноҳияи Куйбишев (ҳоло Хоҷамастон,

Соли 1958 ба шаҳри Ангрен ба кор омаданааст.

1957-58), муаллими мактаби миёнаи тоҷикии №10 шаҳри Ангрен.

1958-59, мудири кабинети методии шӯъбаи маорифи шаҳр.

1959-61, дирекгори мактаби миёнаи №10.

1961-65, саринспектори шӯъбаи маорифи шаҳр.

1965-66, директори мактаби шабонаи коргарҷавонони №5.

1967-68, директори мактаби миёнаи №17.

1968-71 ва 1976-96, муовини мудири шӯъбаи ташвиқот ва тарғиботи кӯмитаи ҳизбии шаҳри Ангрен.

1970-74 мудири шӯъбаи маорифи шаҳри Ангрени вилояти Тошканд.

1974-76 фаъолият карда, соли 1996 ба нафақа мебарояд.

Д.Одирматов дар давоми фаъолияти педагогии 37-солааш зиёда аз 10 вазифаи ҷамъиятиро ба ӯҳда гирифта, онҳоро низ то имрӯз софдилонаю садоқатмандона иҷро менамояд.

Хизматҳои бисёрсолаи бенуқсони педагоги бомаҳорат, ташкилотчии ташаббускор, омӯзгору роҳбари обрӯманд Д.Одирматов дар соҳаи маорифи ҳалқ бо нишони «Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон» (1964), медалҳо ва Грамотаҳои фахрии соҳавӣ , инчунин бо унвони фахрии «Ходими хизматнишондодаи маорифи РСС Ӯзбекистон» (1990) тақдир карда шудаанд.

У оиладор ва соҳиби 4 писару 4 духтар аст.

## Дӯстматов Ашӯрмад

## Котиби дуюми ҳизби ноҳия



**Хирад афсари шаҳриёрон бувад,**

**Ҳамон зевари номдорон бувад.**

**Фирдавсӣ**

Дӯстматов Ашӯрмад соли 1922 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби 7 сола ба омӯзишгоҳи муаллимтайёркунии шаҳри Конибодом таҳсил гирифта, баъди хатми омӯзишгоҳ ба ҳайси муаллим дар мактаби миёнаи № 4 кор кардааст. Дертар дар донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсил карда, бо тахассуси муаллими таърих хатм мекунад. Чандин муддат дар мактаби № 4 кор

кардааст. Дар ташкилотҳои давлатӣ ба мақоми баланд, яъне то ба дараҷаи котиби дуюми ҳизби ноҳия кор ва фаъолият кардааст. Соли 1965 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меояд ва дар мактаби миёнаи № 5-и шаҳри Ангрен ба ҳайси муаллими таърих кор мекунад. Соли 1966 ба сабаби касаллӣ баргашта ба Пун²аз меоянд ва баъди чанде аз олам мегузарад. Барои хизматҳои шоиста ва пурмаҳсулащ ӯ бо ордени «Нишони фахрӣ», чандин медал, з ифтихорномаҳои фахрӣ гардидааст. Чандин маротиба маротиба депутати шӯрои маҳаллӣ ва ноҳиявӣ интихоб гардидааст. Соҳиби 6 фарзанд, се писару 3 духтар ва даҳҳо набераву абераҳо мебошад. Дар синни 44-солагӣ соли 1966 аз ҳаёт гузаштааст.

## Файзуллоев Исомиддин
## Мудири шӯъбаи маорифи халқи ноҳияи Ашт
## Аълочии маорифи халқ



**Тоири иқбол ба ҳамроҳият,**

**Бахти ҳумоюн ба ҳавохоҳият.**

**Хусрави Деҳлавӣ**

Файзуллоев Исомиддин 5 январи соли 1925 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби 7 сола ба омӯзишгоҳи муаллимтайёркунии шаҳри Конибодом рафта таҳсил гирифта, аз соли 1941 то соли 1945 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Соли 1945 дар донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод таҳсил карда, соли 1949 бо тахассуси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм мекунад. Соли 1950 ӯро директори мактаби онвақтаи ба номи Маленков, ки ҳоло ба номи Маъдан аст, таъин мекунанд. Соли 1952 ӯро нозири шӯъбаи маорифи халқи ноҳия таъин мекунанд. Соли 1953 ӯро ба вазифаи мудири маорифи халқи ноҳия таъин мекунанд. Соли 1961 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти мактаби деҳа кор мекунад. Соли 1964 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меояд ва Исомиддин Файзуллоев дар мактаби № 5 шаҳри Ангрен ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Дертар оилаи онҳо боз ба Пун²аз кӯчида меравад. Соли 1980 ба нафақаи меҳнатӣ мебарояд. Барои хизматҳои шоиста ва пурмаҳсулащ ӯ бо ордени «Нишони фахрӣ», 6 медал, з ифтихорномаи фахри гардидааст. ¤ унвондори «Аълочии маорифи халқ» буда, 8 маротиба депутати шӯрои маҳалли интихоб гардидааст. соҳиби 8 фарзанд, се писару 5 духтар ва даҳҳо набераву аберaҳо мебошад. Ҳоло гашти пири меронад.

## Фотима Мадаминова

## Се карат Депутати Совети Олии Тоҷикистон



**Китобе бесанад ҳасти, эй зан,**

**Ҳисобе беадад ҳастӣ, эй зан.**

**Мададгорӣ ба кулли марди олам,**

**Худ аммо бемадад ҳасти, эй зан.**

**Асрори Сомонӣ**

Соли 1921 дар қишлоқи Пун$^{2}$ази ноҳияи Ашти Тоҷикистон таваллуд шудааст. Оилаи онҳо соли 1933 ба ноҳияи Куйбишеви Тоҷикистон кӯчида рафтааст, оилаи онҳо то солҳои панҷоҳуми асри бистум дар ҳамонҷо мондааст. Фотима Мадаминова дар ҳамон ноҳия таълими илм гирифтааст.

Чандин муддат дар лавозимҳои гуногун кор карда солои чилум ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ хизмат кардааст. Зани фаъол кордон аъзои партия дар тамоми корҳои ҷамъиятии шаҳр иштироки фаъолона доштааст. Барои хизматҳои шиостааш борҳо бо медалҳо ва мукофотҳои шоиста аз ҷумла барои меҳнати фидокоронааш дар солҳои ¯анги бузурги Ватанӣ бо медали «Барои Меҳнати Шоиста дар ¯анги бузурги Ватанӣ 1941-1945» аз тарафи Президиуми Совети Олии СССР ва медали «Шӯҳрат» мукофотонида шудааст. Фотима Мадаминова соли 1951 аз округи интихоботии Уялӣ Депутати Совети Олии Тоҷикистон даъватҳои дуюм, сеюм, чорум интихоб шуда иштирок намудааст, асос гувоҳномаҳои

№№ 60, 185, 187. бо имзои Раиси преизидуми совети Олии онвақтаи Тоҷикистон Н. Додхудоев. Фотима Мадаминова  соҳиби чандин фарзанду набераву аберахо мебошад. Фотиам Мадаминова 12 июли соли 2008 дар шаҳри Ангрен аз олам чашм пӯшидааст.

## Сайфиддинов Салоҳиддин
## Раиси иттифоқҳои касабаи энергетикҳои тоҷикистон
## Директори Электоросети Душанбе



**Ганҷи беранҷ надидаст касе,**
**Гули бехор начидаст касе.**
**¯омӣ**

Сайфиддинов Салоҳиддин соли 1938 дар деҳаи Пон²оз таваллуд шудааст. Мактаби миёнаи № 4 ба номи Маъдани деҳаи Пон²озро хатм намудааст. Соли

1958 ба шаҳри душанбе рафта дар донишкадаи политехникӣ таҳсил карда соли 1963 донишкадаро бо тахассуси Муҳандис-энергетик хатм намудааст. Фаъолияти кории ӯ соли 1964 аз муҳандисӣ дар ГЭС-и Норак о²оз ёфтааст. Соли 1971 ӯро раиси иттифоқҳои касабаи соҳаи энергетикҳои реслубликаи тоҷикистон таъин намуданд, вай дар ин вазифа то соли 1976 кор кардааст. Сипас ӯро чун директор ба «Электросет»-и шаҳри Душанбе ба кор таъин намуданд. Муддати дуру дароз дар ин ташкилот меҳнат намуда, сипас аввалҳои солҳои 90-ум ба шаҳрм Ангрен кӯчида омадааст. Чандин муддат дар Энергоуправленияи шаҳри Ангрен чун сардори участка кор карда, ба нгафақаи меҳнатӣ баромадааст. Оиладор соҳиби се духтар ва даҳҳо наберахо. соли 2002 баъди беморӣ аз олам чашм пӯшидааст.

**Душаев Раҳмаулло**

Умрҳо будӣ аниси ҷони дӯст,

Нурбахши дидаи гирёни дӯст.

**¯омӣ**

**Раиси хазинаи “Нуронӣ”и Ангрен**

**Мудири шӯъбаи хоҷагии комуналии шаҳр**

**Директори заводи хиштбарории шаҳр**



**Барандешад он кас, ки доно бувад,**
**Зи коре ки бар вай тавоно бувад.**
**Фирдавсӣ**

Душаев Раҳмаулло 24 апрели соли 1938 дар ноҳияи Чирчиқи Миёнаи вилояти Тошкент дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳаш тамом карда, ба донишгоҳ дохил шудааст. Баъди хатми донишгоҳба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Фаъолияти меҳнатии худро дар заводи маводҳои сохтмонии Ангрен ба ҳайси сардори сех сар кардааст.

Солҳои 1959-1966-сардори сехи маводҳои сохтмонии Ангрен.

Солҳои 1966-1968-сардори шӯъбаи хизмати маишии шаҳри Ангрен.

Солҳои 1968-1971-директори заводи хиштбарории Ангрен.

Солҳои 1971-1974- чонишини сардори хоҷагии норкапарварии Ангрен.

Солҳои 1974-1977-раиси шӯъбаи маишӣ-хизматрасонии ноҳияи Оҳангарон.

Солҳои 1977-1987-сардори шӯъбаи комуналии Ангрен.

Солҳои 1987-1990-сардори шӯъба оби шаҳри Ангрен.

Солҳои 1990-1994 сардори шӯъбаи хизмати маишии шаҳри Ангрен.

Солҳои 1994-2001-сардори шӯъбаи комуналии Ангрен.

Аз соли 2001 то ҳоло раиси хазинаи “нуронӣ”и Ангрен.

Душаев Раҳматулло оиладор соҳиби  чор фарзанд, се нафар писару як нафар духтар мебошад. Фарзандонаш соҳибмаълумот буда дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳр фаолият доранд.

**Рӯзиматов Ҳамроали Назмиддинович**

**Раиси кӯмитаи комсомолони шаҳри Ангрен**

**Директории матаби № 17**



**Бар он бош, то ҳар чӣ ният кунӣ.**
**Назар дар салоҳи раият кунӣ.**
**Саъдӣ**

Рӯзиматов Ҳамроали Назмиддинович моҳи майи соли 1946 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд ёфтам. Соли 1964 синфи 11-и мактаби миёнаи рақами 10-ро тамом карда дар ст. элктрикии шаҳри Ангрен шогирди челонгар шуда кор сар кардам.

Солҳои 1965-70 институти республикавии педагогии шаҳри Тошкандро тамом карда соҳиби ихтисоси муаллими забон ва адабиёти русӣ шуда.

Фаъолияти педагогиро ман соли 1965 дар мактаби миёнаи №5 ҳамчун маллим сар кардам.

Солҳои 1968-73 дар мактаби миёнаи рақами №17 дар вазифаҳои муаллим, ҷонишини директор ва директори мактаб кор кор кардам.

Солҳои 1966-68, 1973-75 дар кумитаи комсомолии шаҳри Ангрен дар вазифаи мудири шўъбаи корҳои ташкилӣ, котиби якуми кумитаи комсомолии шаҳр кор кардам. Аъзои бюрои кумитаи партиявии шаҳр, депутати совети шаҳр, интихоб шуда будам.

Солҳои 1976-79 дар вазифаи директори мактаби миёнаи рақами 15, 1979-80 инспектори маорифи халқ кор кардам. Аз соли 1980 то сентябри 1990дар омўзишгоҳи ҳунар-техникии рақами 10-шаҳри Ангрен дар вазифаҳои ҷонишини директор (1981-82 директор) кор кардам.

Аз соли 1990 нафақахур ҳастам.

## Нарзуллаев Насриддин
## 1989-1991 муовини ҳокими шаҳри Ангрен.
## Директори заводи оҳану бетони шаҳр

**Ҳар киро аз хирад мадад бошад,**
**Кай дар ин тан диҳад, Ки бад бошад.**

**¯омӣ**

Нарзуллаев Насриддин 24 августи соли 1943 дар ноҳияи Бухорои вилояти Бухоро таваллуд шудааст. Донишкадаи политехникиро бо тахассуси «муҳандис-механик» хатм кардааст.

1. 1964-1966 дар сафи қувваҳои мусаллаҳ.

2. 1966-1977 муовини директори ДСК шаҳри Бухоро.
3. 1977-1978 сармуҳандиси хоҷагии комуналии шаҳри Бухоро.
4. 1978-1979 муовини сардори иттиҳодияи сохмонии Ангрен. 1979-1981 директори заводи оҳану бетони Ангрен.
5. 1981-1987 сардори УПТК.
6. 1987-1989 сардори иттиҳодияи хоҷагии комуналии шаҳр.
7. 1989-1991 муовини ҳокими шаҳри Ангрен.
8. 1991-1994 сардори иттиҳодияи шахта-сохтмон.
9. ¯онишини директори генералии АО «Ангишт-сохмон».
10. 1998-2009 дар вазифаҳои масъули гуногуни соҳаи Ао ангишт.
11. оиладор, соҳиби се фарзанду ҳафт набера.

## Фидоев ¯урабой

## Номзади фанҳои геология-минерология



Фидоев ¯урабой 3 сентябри 1958 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 1974 ба мактаби № 23-ро тамом кардааст.

Соли 1975 ба донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда дар факултети геология таҳсил гирифтааст ва соли 1980 бомувафаққият тамом кардааст. ¯ӯрабой солҳои 1980- 1982 дар кони тиллои Кӯчбулоқ меҳнат кардааст. солҳои 1983-1989 дар донишкадаи омӯзгории Ангрен ба ҳайси муаллими геология ва географияи факултети Биология меҳнат кардааст. 1989-1997 аспиранти факултети географияи донишгоҳи давлатии Ленинград. солҳои 1991-1995 ходим илмии донишкадаи тадқиқотии заминшиносии Ленинград. Соли 1995 бомувафаққият кори номзадии худро дар мавзӯъи «Сохти замин ва таърихи куҳҳои Нуратои шимолӣ (Тён-Шони ҷанубӣ)»ҳимоя намуда ба гирифтани номи баланди номзади фанҳои геология- минерология мушарраф гардидааст. солҳои 1995-1997 ҷониши директории корхонаи хусусӣ дар шаҳри Санк-Петербург. солҳои 1997-1998 саргеологи корхонаи «Еростигаз»-и шаҳри Ангрен. солҳои 19982000 ходимси илмии…
¤ бо чандин ифтихорномаҳои давлатӣ мукофотонида шудааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо.

**Исомиддинов Фарҳод**

**Сарметодисти Вазорати таълими халқии ¤збекистон**

**Мудири шӯъбаи маданияти шаҳри Ангрен 1985-86**

**Номзади фанҳои филологи**

**Директории бюрои «Саёҳат ва экскурсия» 1980-1985**



**Тоҷи сари ҳама илмҳост илм,**
**£улфкушои ҳама дарҳост илм.**
**¯омӣ**

Исомиддинов Фарҳод, соли 1944 дар деҳаи понғози ноҳияи Ашти вилояти ҳозираи Суғд дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 1950 ба мактаб рафтап соли 1959 мактаби № 4 ба номи Маъдани ҳозираро хатм намудааст. Соли 1961 ба факултаи тариху филологияи донишкадаи омӯзгории шаҳри ҳозираи Хуҷанд дохил шудааст. Соли 1964 аз сабаби норасоии таваллуди писарбачаҳои солҳои таваллудашон 1941-1945 аз курси чоруми рӯзона ба сафи Армияи онвақтаи шӯравӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват шудааст. Соли 1967 баъди хизмати ҳарбӣ ба донишкадаи мазкур баргашта онро соли 1969 ба итмом расонидааст.

Соли 1969 муаллим дар мактаби 8 солаи ба номи Ю.Нурматов.

Соли 1970 мудири қисми илмии ҳамин мактаб.

Соли 1973 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Худи ҳамон сол муаллими забон ва адабиёти мактаби рақами 17.

Соли 1979 мудири қисми илмии мактаби зикршуда. Соли 1980 ҷонишини директор оид ба корҳои маърифӣ-мадании мактаб.

Соли 1981 бо супориши давлати чун директори бюрои Саёҳат ва Экскурсияи шаҳри Ангрен. Соли 1985 мудири шўъбаи маданияти Ҳокимияти шаҳр таъин гардид.

Бо сабаби саломатӣ аз соли 1986то соли 1994 муаллими забон ва адабиёти мактаби рақами 7 шаҳр. Соли 1995 ба ҳайси Сарметодисти мактабҳои тоҷикии Ўзбекистон дар назди вазорати маорифи халқ дар шаҳри Тошкент. Соли 1996 муаллими калони кафедраи забонҳои Шарқи ДОВТ. Соли 1997 мудири кафедраи “Таълим бо забони тоҷикӣ”.

Соли 2004 мудири кафедраи “забонва адабиёти тоҷик”.

Соли 2007 мудири кафедраи “Забонҳо ва адабиёти Шарқ”.

Аз соли 2010досенти кафедра.

Ф. Исомиддинов муаллими дараҷаи олӣ ва «Муаллими сол» (1990)-и шаҳри Ангрен, дорандаи медали “20-солагии ғалаба дар ¯анги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Грамотаи фахрии Вазорати маорифи халқи Ўзбекистон мебошад.

Ӯ муаллифи зиёда аз 20 мақолаи илмӣ, илмию методӣ ва оммавӣ ва як дастури таълимӣ буда, онҳо дар рӯзномаҳои «Омӯзгор», «Овози тоҷик», маҷаллаи «Тил ва адабиёт» (№ 1, 1999, № 2, 2000) ва маҷмӯаи илмии Донишгоҳи давлатии Қаршӣ чоп шудаанд.

Китоби дарсии «Забони тоҷикӣ», ки бо супориши Маркази таълимии Вазорати маорифи Ӯзбекистон навиштааст, соли равон аз чоп мебарояд.

Ф.Исомиддинов таҳти роҳбарии диф.профессор Қудратуллоев Ҳ.С. дар мавзӯи “Қиссаи Шайх Санон»-и Аттор ва Навоӣӣ аз нигоҳи тасаввуф” рисолаи номзадӣ навишта, онро соли 2001 дифоъ намуд ва ба дараҷаи номзади илмҳои филологӣ соҳиб гардид.

## Машарипов Нуриддин

**¯онишини сардори Вазорати хоҷагии оби тоҷикистон.**



**Мо мулки офият на ба лашкар гирифтаем,**
**Мо тахти салтанат на ба бозу ниҳодаем.**
**Ҳофиз**

Машарипов Нуриддин соли 1937 дар деҳаи пон²ози ноҳияи Ашт ба дунё омадааст. Дертар оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Мактабро дар шаҳри Ангрен хонда соли 1958 махтабро хатм кардааст.

Баъди хатми мактаби миёна ба шаҳри Душанбе рафта соли 1964 ба институти хоҷагии қишлоқ дохил шуда, соҳиби мутахассиси муҳандис-гидротехникӣ ба итмом расонидааст. Машарипов донишкадаро бо дипломи имтиёзӣ тамом кардааст, бинобарон баъди хатми донишкада ӯро ба донишкада ба ҳайси муаллими ба кор қабул кардаанд. Дере нагузашта ба аспирантура дохил шуд, лек шароити оилавӣ маҷбур сохт, хонданро нотамом монда соли 1978 ба шаҳри Ангрен кӯчида оянд.

Соли 1969 ПМК-13 сардори гурӯҳ ба кор дохил шуд.

Соли 1969 ӯро ба ҳайси сардори участка таъин намуданд.

Соли 1973-1978-сардистпечери Взорати хоҷагии оби Тоҷикистон ба кор таъин намуданд.

1978-1988-ҷонишини сардори ¤збекшахтсохтмон. ҳоло дар нафақа. соҳиби чандин фарзан ва наберахо буда даврони пирӣ меронад.

## Сайфидинов Бурҳонидин
## Сармуҳандиси вазорати хоҷагии халқ
## Номзади фанҳои иқтисодӣ



**Эй, чу қалам сурати худ карда рост,**

**Майли рақамҳои кач аз ту хатост.**

**¯омӣ**

Сайфидинов Бурҳонидин 30.03.1947 дар деҳаи пунғази ноҳияи Ашт дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Падараш Зиёмиддинов сайфиддин модараш Баҳриннисо. Оилае, ки бурҳониддин ба дунё омадааст иборат буда, аз шаш писар ва ду духтар иборатанд. Образование:

Ў соли 1966 мактаби миёнаро дар шаҳри Ангрен хатм кардааст.

Соли 1967 ба донишкадаи политехникии Душанбе дохил шудааст. Аз кури сеюми ҳамин донишкада барои хониши аълояш ўро ба донишкадаи политехникии шаҳри ригаи латвия ба хондан фиристониданд, ки онро соли 1972 бомувафаққият хатм намудааст.

Соли 1977 чун тадқиқотчӣ ва аз соли 1979 чун аспирант дар НИИ “Иқтисодиёти умумиҷаҳонии муносибатҳои байналхалқӣ” Академияи улуми собиқ Иттиҳоди Шўравӣ дар шаҳри Маскав дохил шуд ва соли 1983 дар шаҳри Ленинград, ки ҳоло Санкт-Петербург ном дорад рисолаи номзадиашро бомуваффаққият ҳимоя намуд ва соҳиби унвони Номзади илмҳои иқтисодӣ гардид. Соли 1986 соҳиби дараҷаи дотсентӣ гардид.

Фаъолияти кории ў аз соли 1972 дар донишкадаи политехникии шаҳри Душанбе оғоз гардидааст.

Соли 1973 ўро ба кор ба Вазорати Хоҷагии қишлоқ ба вазифаи ҷонишини раиси ОКС гузарониданд.

Соли 1974 ўро ба девони Вазорати хоҷагии халқ ба вазифаи сармуҳандиси сохтмон ба кор таъин намуданд.

Соли 1975 ўро ба вазифаи ҷониши раиси УКСи Вазорати Хоҷагии қишлоқ гузарониданд

Соли 1983 баъди ҳимояи рисолаи номзодӣ чун дотсенти кафедраи “Ташкил ва технологияи Сохтмон” ва мудири ҳамин кафедра таъин намуданд.

Соли 1993 бо сабаби шароити оилавӣ ба шаҳри Ангрен кўчида омад ва чун дотсенти филиали донишкадаи политехникии Тошкент дар шаҳри Ангрен ба кор шурўъ намуд.

Дар байни солҳои 1999-2000 ў чун ҷонишини раиси сохтмони шахтаи №9 дар шаҳри Ангрен фаолият намуд

Дар байни солҳои 2002-2007 дар донишкадаи омўзгории Ангрен чун дотсент кор кардааст.

Аз соли  2008 то ҳоло чун досенти кафедраи “Назарияи иқтисодиёт”и университети шаҳри Екатеринбурги Россия кор ва фаолият дорад.  Барои хизматҳои шоёнаш: бо чандин ифтихорномаҳои давлатҳои Қазоқистон, Тоҷикистон сарафроз гардонида шудааст.

Оиладор, соҳиби як писар ва се духтар мебошад. Фарзандонаш соҳибмаълумот буда, дар абҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳр хизмати босазо доранд.

## Шахсони унвонҳои хизматнишондода дошта

**Азизов Мирзақул**
**Бинокори хизматнишондодаи Ўзбекистон**



**Ба сар чоҳе кан. Обе каш зи баҳри манзилободӣ,**
**Хаёли осмонгардӣ макун, бош аз заминиҳо.**
**Сиддиқӣ**

Азизов Мирзақул соли 1928 дар деҳаи Пунғаз таваллуд шуда, соли 1947 мактаби 7-солаи зодгоҳашро хатм менамояд. Аз соли 1945 то 1950 дар колхози “1 май”-и деҳааш ҳамчун табелчӣ ва мудири анбор кор карда, солҳои 1950-52 дар сафи Армияи Советӣ хизмат мекунад. Соли 1953 бо аҳли оилааш ба шаҳри ангиштканони Ӯзбекистон - Ангрен мекучад. Ӯ аввал дар корхонаи калони “Ангрен-Грессстрой” ба ҳайси бригадир, сипас дар ГРЭС-и Ангрен, сохтмони обанбори Ангрен, ГРЭС сохтмони Ангрени нав (1976-87) ҳамчун коргар фаъолият карда, дар байни коллективҳои калони корхонаҳои мазкур бо меҳнати самараноку содиқона ва интизоми намунавии худ обрӯи баланд пайдо менамояд ва ҳамчун роҳбару коргари меҳнатдӯсту пешкадам шӯҳрат ёфта, ба ордени “Байраки Сурхи Меҳнат», якчанд медал ва унвони фахрии “Бинокори хизматнишондодаи РСС Узбекистон” сазовор мегардад.

М.Азизов аз соли 1955 то соли 1975 депутати Совети депутатҳои халқии шаҳри Ангрен буд.

мукофотҳои ӯ:

Ордени «Байрақи сурхи меҳнат»-1958.

Се медал.

«Барои меҳнати шуҷоатнок»-1971.

«Фахрии меҳнат»1984.

«медали 100-солагии доҳӣ».

Дорандаи 9 нишонҳои сарисинагӣ:

1. Аълочии мусобиқаи сотсиалистӣ дар соҳаи барқ-1956.
2. Ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ-1973.
3. Зарбдори панҷсолаи нӯҳум-1975.
4. Ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ-1976.
5. Ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ-1978.
6. Зарбдори панҷсолаи даҳум-1979.

7.Зарбдори панҷсолаи ёздаҳум-1983.

8. Ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ- -1983

9. Ҷолиби мусобиқаи сотсиалистӣ- 1985.

Дорандаи зиёда аз бист «Ифтихорнома»ҳои корхона.шӯрои маҳаллӣ ва давлатӣ.

Вай аз соли 1987 дар нафақаи номӣ аст.

## Исмоилов Исроил
## Муаллими Хизматнишондодаи Ўзбекистон



**Анбари фикр рехт аз қаламат,**
**Анбарин гашт сафҳа аз қаламат.**
**Мушфиқӣ**

Исмоилов Исроил якуми майи соли 1922 дар деҳаи Пунғаз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1936 мактаби ҳафтсоларо хатм намудааст. Соли 1939 дар Пунғаз фаъолияти педагогии худро оғоз кардааст. Соли 1942 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. Худи ҳамон сол бо ҳамроҳии Рӯзиқулов Юлдошмат дар назди мактаби миёнаи № 3 шаҳри Ангрен синфҳои

камкомплектии тоҷикиро мекушоянд ва ҳарду бо забони тоҷикӣ бори нахуст дар шаҳри Ангрен ба таълими насли наврас мепардозанд.

Исмоилов Исроил аз соли 1942 о²оз намуда, дар мактабҳои рақамҳои 3, 4, 1о, 35, 17 садҳо шогирдонро тарбия намуда ба воя расонидаанд.

Исмоилов Исроил барои меҳнати шоиста ва пурмашаққати худ борҳо бо мукофотҳои олӣ сарфароз гардонида шудааст, аз ҷумла; «Аълочии маорифи халқ», медали «100-солагии ленин» ва соли 1974 бо унвони баланди Муаллими Хизматнишондодаи ¤збекистон мушарраф гардидааст. Оиладор соҳиби 10 фарзанд, даҳҳо набераву абераву чaбераҳо мебошад.

## Насриддинов Сайфиддин
## Сохтмончии хизматнишондодаи ¤збекистон- (1984).



**Шуд кор сахт бар мо, ҳарчанд пайсафедем,**
**Мондем дар кашокаш аз шахкамонии хеш.**
**Кошӣ**

16 декабри соли 1941 дар деҳаи Пунғаз дар оилаи колхозчӣ таваллуд ёфтааст. Падару модараш ба фарзандонашон соли 1948 ба шаҳри Ангрени вилояти Тошканд кӯчида меоянд. Ӯ то синфи ҳаштум дар мактаби рақамҳои з

ва 10 ин шаҳр таҳсил карда, аз синфи ҳаштум то даҳум дар мактаби миёнаи коргарҷавонони №5 мехонад.

Ихтисосашро дар курси такмили ихтисоси сардорони бригадаҳои сохтмонии соҳаи энергетикаи Ўзбекистон такмил дода, Техникуми сохтмони Ангренро бо дипломи аъло хатм менамояд. Солҳои 1962-65 дар сафи Армияи Советӣ хизмат мекунад.

С.Насриддинов ба ҳайси коргари комбинати шир (1957-58), бетонрези сохтмони ГРЭС-и Ангрен (1958-59), сардори бригада (1958-62, 1965-84), сардори участкаи №1 (1985-2001) иншооти мазкур фаъолият кардааст.

У ҳамчун коргари пешқадам, намуна, ташаббускор ва сарвару ташкилотчии бомаҳорату соҳибтаҷриба дар сохтмонҳои азими энергетикии Федератсияи Россия, Ўзбекистон ва Тоҷикистон, сохтмони ГРЭС-ҳои Шатура, Сирдарё, Тошканд, Тахиотош, Қайроққум (РСС Тоҷикистон), Чорбоғ, обанбори Чорбоғ ва дигар иншоотҳои калони шаҳри Ангрен ширкат варзида, бо интизоми меҳнатии намунавӣ, меҳнатдӯстӣ, ғамхорию дилсӯзиаш нисбати ҳамкорону ҳамкасбонаш, корҳои пурсамараш баҳри иҷрои нақшаҳои моҳонаю кварталӣ ва солона, ҷидду чаҳдаш барои ташкилу сафарбар намудани коллективҳои меҳнатии тифоку пешқадам, донишу малакаи бояш дар байни роҳбарон, кормандони инженерию техникӣ ва коргарони корхонаи мазкур, роҳбарияти шаҳру вазоратҳои дахлдор обрӯи баландро сазовор мегардад.

Дар митинге, ки дар шаҳри Ангрен бо иштироки котиби якуми КМ ПК Ўзбекистон Шароф Рашидов ба муносибати ба истифода додани ГРЭС-и Ангрен ташкил мешавад, аз номи коллективи калони ин сохтмони азим С.Насриддинов нутқ эрод мекунад.

Ӯ солҳои тӯлонӣ вазифаҳои ҷамъиятии котиби ташкилоти комсомолӣ, раиси Иттифоқҳои касаба, комиссияи ёрӣ ба мактабу хонаҳои бачагонро ба ӯҳда гирифта, онҳоро низ садоқатмандонаю босамар ба субут мерасонад. Вай вакили съезди энергетикҳои СССР интихоб шудааст.

Хизматҳои шоёну арзандаи сохтмончии баландихтисосу боломартаба, инсони хоксору меҳрубон ва дилсӯзи аҳли меҳнату маориф, заҳматкашу ободгар ва пешсафу пешбарандаи соҳаи энергетикаи мамлакат, вафодори халқу Ватан С.Насриддинов бо мукофотҳои пурарзиш: орденҳои “Байрақи Сурхи Меҳнат” (1971) ва “Нишони фахрӣ”, нишони “Ветерани фахрии энергетикаи СССР” (1982), унвони фахрии “Сохтмончии хизматнишондодаи РСС Узбекистон” (1984), медали “Ветерани меҳнат”, Грамотаҳои фахрии вазоратҳои энергетикаи СССР ва РСС Узбекистон ва бисёр Грамотаҳои фахрии роҳбарияти корхонаю шаҳри Ангрен қадрёби шудаанд.

Ӯ оиладор ва соҳиби 2 духтару 4 писар аст. Ду писараш касби падарро интихоб намуда, дар сохтмонҳои энергетикӣ кор мекунанд.

## £аробоев Абдуллоҷон
## Бинокори хизматнишондода



**Некхоҳон диҳанд панд, валек,**
**Некбахтон буванд пандпазир.**
**Саъдӣ**

£аробоев Абдуллоцон 5 июни соли 1924 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби № 91 ноҳияи Оҳангарон хондааст.

Ихтисосаш бинокор буда бо меҳнати ҳалол ва софдилонааш шинохта шудааст.Абдуллоцон дар ҳамаи мусобиқаҳо ²олиб меомад ва цои аввал ва цоизаи хуб насиби ӯ мегашт.

Соли 1943 дар ¤збекшахтсохтмон ба ҳайси коргар ба кор даромадааст. Дертар дар ҳамин корхона бригадир кору фаъолият намудааст. Барои хизматҳои шоёнаш соли 1975 ӯро ба «Номзадии мукофоти СССР» пешбарӣ намуданд.

Соли 1982 ба ӯ унвони «Номзади лаурети давлатии ¤збекистон дода шуд».

Барои меҳнати шоистааш ӯро борҳо барои саёҳат ба мамлакатҳои хорицӣ аз цумла:

1. 1975 ба Германия.
2. 1977 ба Полша, Чехосславакия, Руминия, Бул²ористон, Германия.
3. 1980 ба Ҳиндустон ва Арабистон фиристонида шудааст.

Аз соли 1987 дар нафақаи меҳнатӣ. Аз тарафи давлат бо чандин медалу нишонҳои сарисинаги мукофотонида шудааст. Оиладор соҳиби 8 фарзанд ,даҳҳо набераву абераву чаберахо.

**Ниёзов Гулмурод**

**«Мураббии хизматнишондодаи ¤збекистон».**

**Номзади фанҳои педагогӣ**



**Сухансанҷу камгӯю бисёрдон,**

**Хирадпешаю зираку кордон.**

**Ҳотифӣ**

Ниёзов Гулмурод 25 июли соли 1943 дар ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхандарё дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Аз соли 1950 то соли 1950 дар мактаби миёнаи № 28 ноҳияи сариосиё таҳсил гирифтааст. Аз соли 1960 то соли 1963 дар факултаи математикаи донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил гирифтааст. Аз соли 1963 то соли 1971 дар мактабҳои ноҳияи худ меҳнат кардааст. Соли 1971 ба донишкадаи политехники Тошкент дохил шуда соли 1977 донишкадаи мазкурро бо дипломи сурх ва тахассуси муҳандиси сохтмон ба итмом расонидааст. Аз соли 1977 то соли 1998 дар донишкадаи омӯзгории Ангрен дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст. Аз соли 1998 то соли 2008 дар вазифаи мудири кафедраи «Таълими педагогика ва психология дар синфҳои ибтидоӣ» кор кардааст.

Соли 1994 рисолаи номзади дифоъ намуда ба гирифтани унвони Номзади фанҳои педагогӣ ноил гаштааст. Барои меҳнатҳои шоистааш борҳо бо мукофтҳои гуногун мукофотонида шудааст.

1987-«Аълочии маорифи халқи ¤збекистон».

1990-бо медали «Фахрии меҳнат».

2001- «Мураббии хизматнишондодаи ¤збекистон». Муаллифи зиёда аз сад мақолаҳои методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ. Муаллифи чандин китобҳои маърифӣ ва дастуруламалҳои илмӣ-услубӣ.

Оиладор соҳиби шаш фарзанд; чор Писару ду духтар ва 12 набера мебошад.

## Ҳамроқулов Абдуқаҳҳор

## Агрономии хизматнишондодаи ¤збекистон.



**Сухангӯй, хушлаҳҷаи кордон,**

**Хушевору донову равшанравон.**

**Савдо**

Ҳамроқулов Абдуқаҳҳор соли 1936 дар деҳаи Пун$^{2}$ази ноҳияи Ашт ба Дуне омадааст. солҳои 40 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меояд.

Абдуқаҳҳор ба мактаби № 3 шаҳри Ангрен соли 1948 ба хондан

даромада мактаби зикршударо соли 1958 хатм мекунад. ¤ донишкадаи хоҷагии халқи Ленинградро бо ихтисоси агрономии илмӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Абдуқаҳҳор

чунин аст

1.то соли 1972 баъди хатми донишкада ходими илмии донишкадаи заминшиносии тоҷикистон ба ҳайси корманди илми фаъолият намуда соли 1972 ба шаҳри Ангрен омада ба мактаби № 10 ба ҳайси муаллими химия ва биология ба кор пардохтааст.

Соли 1974 ¤ро ба вазифаи сарагрономи совхози «Октябр» ба кор даъват мекунанд.

Аз соли 1999 дар нафақаи меҳнатӣ.

Ҳамроқулов Абдуқаҳҳорро барои меҳнати шоёнаш борҳо бо мукофотҳои олӣ сарфароз гардонидаанд.

¤ дорандаои ду ифтихорномаи фахрии ¯умҳурии ¤збекистон агрономии хизматнишондодаи ¤збекистон, агрономии илмии ¤збекистон ва фахрии меҳнат мебошад.

Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад.

**Гулматов Ашӯрмат**

**Механизатори хизматнишондодаи ¤збекистон**

**Аълочии маорифи халқи ¤збекистон**



**Донодил аз ҷавоҳири ҳикмат хазинаест,**

**Аз хештан мадор ҷудо ин хазинаро.**

**¯омӣ**

Гулматов Ашӯрматов соли 1938 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Оилаи онҳо соли 1942 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Ашӯрмат дар сини 7 солагӣ ба мактаб рафта соли 1955 мактаби № 10-ро тамом кардааст. Баъди хатми мактаби миёна ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ дохил шуда соҳиби касби ронандаи экскватор гардидааст. Соли 1960 ба техникуми кӯҳканию сохтмонӣ дохил шуда соли 1964 хатм намудааст.

Баъди хатми техникум аз соли 1965 то соли 1972 ба ҳайси устои кор

ва прораб шуда меҳнат намудааст. Механизатори хизматнишондодаи ¤збекистон

Ба ҳамаи ин қонеъ нашуда, соли 1966 ба донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба шӯъбаи биология ва химия дохилшуда, донишгоҳро ²оибона соли 1972 ро хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ солҳои сол дар мактабҳои миёнаи 15 ва 17 чун муаллими химия ва биология кор кардааст.

меҳнати шоистаи ӯро ба ҳисоб гирифта вазорати маорифи халқи ¤збекистон соли 1985 ба ӯ унвони «Аълочии маорифи халқ»ро доданд. ¤ ҳоло дар нафақаи меҳнатӣ аст. Оиладор соҳиби даҳҳо фарзанду набераву абераҳо мебошад.

## Акрамов Эргашбой

## «Кафшергари хизматнишондодаи ¤збекистон»



**Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,**

**Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.**

**Фирдавсӣ**

Акрамов Эргашбой соли 1948 дар ноҳияи ¤рта Чирчиқ дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Оилаи онҳо соли 1955 ба шаҳри Оққўр²он кӯчида омадааст. Эргашбой дар сини 7 солагӣ ба мактаб рафта то соли 1960 дар онқо таҳсил гирифта соли 1960 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Аввл ӯ дар мактаби № 3-ро, сипас дар мактаби № 5 таҳсил гирифта соли 1966 мактаби миёнаро хатм намудааст. Баъди хатми мактаби миёна ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 3 дохил шуда соҳиби касби кафшергарӣ гардидааст. Соли 1967 ба техникум дохил шуда, касби ҳунармандиро соҳиб гаштааст.

Баъди хатми техникум аз соли 1967 то соли 1969 дар хизмати ҳарбӣ будааст.

Аз соли 1970 сар карда дар ГРЭС ба ҳайси кафшергар шуда кор кардааст. Механизатори хизматнишондодаи ¤збекистон

Меҳнати шоистаи ӯро ба ҳисоб гирифта вазорати Минэнергои ¤збекистон соли 1989 ба ӯ унвони «Кафшергари хизматнишондодаи ¤збекистон»ро доданд. Соли 2011 ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанд, даҳҳо набераву абераҳо мебошад.

## Шерматов Нарзиддин
## Артисти хизматнишондодаи ¤збекистон



**Ба эрон нест ҳамчун ӯ ҳунарҷӯй,**
**Шикофанда ба жӯпину синон мӯй.**
**Гургонӣ**

Шерматов Нарзиддин соли 1955 дар шаҳри Ангрени вилояти Тошканд таваллуд меёбад. Падару модараш зодагони деҳаи Пунғаз буда, охирҳои солҳои ЧБВ ба шаҳри Ангрен кӯчида, соли бисёр дар шахтаҳои ангишти ин шаҳр кор кардааст.

Н. Шерматов баъди ба итмом расонидани синфи ҳафтуми мактаби миёнаи № 5 шаҳри номбурда соли 1968 ба Омӯзишгоҳи хореографии шаҳри Тошканд (гурӯҳи рақсҳои миллии халқӣ) дохил шуда, онро соли 1972 тамом менамояд ва худи ҳамон сол ба ансамбли «Шодлик»-и Филармонияи давлатии Ӯзбекистон ба кор медарояд. Солҳои 1973-75 дар сафи Армияи Советӣ хизмат мекунад. Баъди баргаштан аз хизмати ҳарбӣ фаъолияти эҷодию иҷрокунандагиашро дар ансамбли зикршуда то соли 1996 идома медиҳад. Ҳоло ӯ сарбалетмейстри ансамбли «Зарафшон» мебошад.

Н. Шерматовро дӯстдорони санъати хореографии Ӯзбекистону Тоҷикистон натанҳо чун раққоси моҳир, балки чун эҷодкору басаҳнагузарандаи чандин рақсҳои миллии тоҷикию ӯзбекӣ хуб мешиносанд ва эҳтиром менамоянд.

Ҳиссаи ӯ дар инкишофи санъати хореографии Ӯзбекистон калону арзандааст. Аз ин ҷост, ки ӯ Лауреати мукофоти Иттифоқи ҷавонони Узбекистон ва Лауреати байналхалқии рақсҳои фолклорӣ (1997) буда, соли 1980 бо медали “Дӯстӣ” ва соли 1998 бо ордени “Дӯстӣ” (барои мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳо) мукофотонида шудааст. Соли 1997 барои хизматҳои бисёрсолаи шоёнаш дар соҳаи санъати хореографӣ ба ӯ унвони фахрии “Артисти хизматнишондодаи Республикаи Узбекистон” дода мешавад.

Вай оиладор ва соҳиби як духтару се писар аст.

**Шавкат Тошматов**

**Артисти хизматнишондодаи ¤збекистон-2001.**



**Мавсими наврӯз меояд, ҳумоюн фурсатест,**

**¢ам мабод онро, ки рӯи дил ба сӯи ишратест.**

**Исмат**

Шавкат Тошматов якуми июни соли 1971 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1978 ба синфи якуми мактаби миёнаи № 17 шаҳр рата соли 1986 баъди хатми синфи 8 ба шаҳри Тошканд рафта ба техникуми санъат ва маданияти Тошканд дохил шуда, соли 1990 техникумро бо дипломи сурх тамом кардааст. Худи ҳамон сол ба донишкадаи маданияти Тошканд ба хондан дохил шудааст. Баъди хатми донишкада ӯ ба ансанбли навташкили «Ширинҷон» ба ҳайси сарояндаи сурудҳои халқҳои Шарқ ба кор медарояд. Аз соли 1994 то соли 2000 дар ансанбли рақс ва суруди £увваҳои мусаллаҳи ¤збекистон кор ва фаъоличят намудааст. Аз соли 2000 то соли 2002 дар ансанбли қӯшунҳои наздисарҳадӣ кор кардааст. Дар вақтҳои охир дар хориҷи кишвар , яъне дар Аморати Араб кор ва фаъолият дорад. Соли 1996 хонадор шудааст ва соҳиби ду писар мебошад. ¤ сарояндаи сурудҳои халқҳои дунё буда, мухлисони зиёде дорад. даҳҳо албомҳои талабгорони зиёде дорад. ¤ бо консертҳои ҷолиби

диққат дар мамлакатҳои зиёде рафтааст. Соли 2001 ба ӯ унвони Артсти хизматнишондодаи ¤збекистон дода шудааст.

**Рӯзибоев Раҳматҷон**

**Дорандаи се орден**



**Ранҷбурди ту раҳ ба ганҷ барад,**

**Бибарад ганҷ, ҳар, ки ранҷ барад.**

**Низомӣ**

Рӯзибоев Раҳматон соли 1937 дар деҳаи Пон²оз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хондааст. Соли 1952 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ аз соли 1952 о²оз гардидааст. ¤ ба кори худ содиқ буда, тамоми фаъолияти меҳнатиаш дар як корхона (иттиҳодияи сохтмонӣ) СУ-6 кор кардааст. Барои меҳнати ҳалол ва фидокоронааш борҳо бо мукофотҳои олии давлатӣ сарфароз гардидааст.

1971-ордени «Инқилоби Октябр».

1975- ордени «Шӯҳрати меҳнат» дараҷаи III .

1975- ордени «Нишони ҳурмат».

Ва бо медали «Меҳнати шоён тақдир карда шудааст.

1957-коргари СУ-6.

1962-бригадири СУ-6.

1964-1971-бригадири нақби маҷрои дарёи Ангрен.

1971-1981-бригадири сохтмони заводи реинотехника.

1983-бригадир дар сохтмони Разрези Ангрен.

Вай борҳо ²олиби мусобиқаи сотсиалистӣ гашта сазовори мукофотҳои зиёде гардидааст. Рӯзибоев Раҳматҷон барои коркарди лоиҳаи сохтмони нав сазовори мукофоти Совети Вазирони собиқ иттиҳоди шӯравӣ гардидааст(28.05.1969).

¤ оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад. Фарзанду набераҳояш барои ривоҷу равнақи шаҳри Ангрен ҳиссагузоранд.

## Рустамқулов Абдусалом

## Дорандаи ордени «Меҳнат шӯҳрати»-2005



Рустамқулов Абдусалом 20 декабри соли 1970 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дар мактаби № 1 деҳа таҳсил гирифтааст. Соли 1986 ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 3 дохил шуда, бо тахассуси машинисти экскаватор соли 1989 тамом кардааст. Байни солҳои 1989-1991 дар Россия хизмати ҳарбиро ба ҷой овардааст.аз соли 1991 дар ҳавзаи кони ангишти шаҳр аввал ба ҳайси коргар, сипас чун машинисти экскаватор то ҳоло кор карда истодааст.

Соли 2005 барои меҳнати ҳалолаш, софдилона ва ²айрату шуҷоати кориаш бо чандин ифтихорномаҳои шаҳру вилоят ва республика мукофотонида шудааст, аз ҷумла; соли 2005 бо нишони «Шӯҳрати кончиён», соли 2009 бо ордени «Меҳнат шӯҳрати» мукофотонида шуда, ин мукофоти олиро аз дасти Президенти Республикаи ¤збекистон Ислом Абду²аниевич Каримов гирифтааст.

Барои ободии маҳаллаи Бо²су²д хизматҳои шоиста дорад. Оиладор соҳиби 4 фарзанд, се писару як духтар мебошад.

## Равзаи олимон

**Нуриддинов Шарофиддин**

**Номзади илмҳои теникӣ**



**Шахсам ба чашми оламиён хубманзар аст,**
**В-аз хубси ботинам сари ҳиҷлат ниҳода пеш.**

**Саъдӣ**

Нуриддинов Шарофиддин 13 ноябри соли 1938 дар деҳаи Пунғаз дар оилаи колхозчӣ таваллуд шудааст. Синфи ҳаштумро дар мактаби миёнаи № 4 зодгоҳаш хатм карда, ба сабаби ба шаҳри Ангрени вилояти Тошканд кӯчидани аҳли оилаашон (1953) синфҳои 9 ва 10-ро дар мактаби миёнаи тоҷикии № 10 ҳамин шаҳр мехонад ва соли 1956 ба факултети физикаю математикаи Институти давлатии педагогии Сталинобод (сипас Душанбе) қабул шуда, дар курсҳои сеюм-панҷум стипендияҳои сталинию ленинӣ мегирад ва Институтро бо дипломи аъло ба итмом мерасонад.

Муаллими синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи № 10 тоҷикии шаҳри Ангрен (Оҳангарон - 1955-56), ассистент ва муаллими калони кафедраи математикаи олии Институти политехникии Тоҷикистон (ИПТ- 1961-67), аспиранти Университети давлатии Тоҷикистон (1967-70), муаллими калон (1971-73), дотсенти кафедраи математикаи олии ИПТ-ДТТ (1973-95),

иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи зикршудаи ДТТ (1995-то имрӯз), дар як вакт декани факултети ғоибона (1973-80) ва декани кор бо донишҷӯёни хориҷии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон (1980-94), аз апрели 1994 то имрӯз декани факултети робитаҳои хориҷии Донишгоҳи номбурда.

Ӯ таҳти роҳбарии дит, профессор, ходими шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон Цой П.В. дар мавзӯи «Ҳисоби тақрибии гармиивазкунӣ ҳангоми ҷоришавии моеъ дар қубурҳо ва каналҳо» рисолаи номзадӣ навишта, онро соли 1972 дар Шӯрои илмии Институти гармӣ ва массагузаронии АИ Белоруссия дифоъ менамояд ва аз ноҳия аввалин шуда ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ мушарраф мегардад.

Ш.Нуриддинов аввалин ҷорикунандаи таълими компютерӣ ва курсҳои нави математика дар Институти политехникӣ (Донишгоҳи техникии Тоҷикистон) мебошад. Ӯ фанҳояшро дар сатҳи баланди илмию назариявӣ, бо истифодаи воситаҳои аёнӣ ва комёбиҳои охирини илми математика бо забони равону фаҳмои тоҷикӣ ва русӣ дарс медиҳад, доимо ба ҷорӣ намудани усулҳои беҳтарини таълим ва назорати дарсомӯзии донишҷӯёҷну дониши хуб доштани онҳо мекӯшад.

Тавассути дарсҳояш дар телевизиони тоҷик (зиёда аз 10 сол) дар такмили дониши донишҷӯёни ғоибхон ва хонандагони мактабҳои миёна ҳиссаи арзанда мегузорад.

Фаъолияти Ш.Нуриддинов серсоҳа: омӯзгорӣ, илмӣ, навиштани китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ, тарҷума намудани мутахассисон барои Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, ҷамъиятӣ аст. Ӯ дар иҷрои тамоми вазифаҳояш масъулияти баланд ҳис карда, бо меҳнатдӯстӣ, тозакорӣ, хоксорӣ ва соҳибтаҷрибагию донишмандиаш дар байни ҳамкасбон, омӯзгорону донишҷӯён ва олимону мутахассисони ҷавон обрӯю эътибори баланд дорад.

Ш.Нуриддинов мунтазам машғули кори илмӣ ва илмию методӣ буда, зиёда аз 55 номгӯй китоб, мақолаи илмӣ ва дастури таълимии ӯ дасти чопро дидаанд, ки ҳама ба соҳаи математика ва фаслҳои барномаи силсилаи фанҳои

математика барои макотиби олии техникӣ мутааллиқанд. Як қисми асарҳои ӯ дар ҳаммуаллифӣ бо ҳамкоронаш навишта шудаанд.

Аз интишороти ӯ, ки бо номҳои “Дастур барои дохилшаванда-гон” (дохилшавандагони мактабҳои олии техникӣ), “Ёрӣ ба до-хилшавандагон” (бо забонҳои тоҷикию русй), бо такмил ва таҳ-рирҳои нав 5 маротиба (1977, 79, 82, 85, 87) бо ҳаҷми калону зиёд (дар ҳаммуаллифӣ) чоп шудаанд, «Математика» (Дастур барои дохилшавандагони мактабҳои олии техникӣ) 1991 (бо тоҷикию русӣ), «Маҷмӯаи супоришоти имтиҳонӣ аз математика» (Қисмҳои 1 ва 2) - 1998 ва мақолаҳои илмӣ ва илмию методиаш дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмии Тоҷикистон, АИ СССР, Белоруссия, Латвия ва ғ. дарҷ ёфтаанд, бештар дохилшавандагони мактабҳои олӣ, омӯзгорон ва донишҷӯён баҳра мебардоранд.

Ш.Нуриддинов мутарҷим ва муҳаррири “Алгебра”, “Алгебра ва ибтидои анализ”, «Математика” (китобҳои дарсӣ барои синфҳои 6-11), О.Н.Субербилер. “Масъала ва машқҳо аз геометрияи ана-литикӣ” (Васоити таълим барои студентони мактабҳои олии тех-никӣ, Кудрявцев В.Н., Демидович Б.П.). “Курси мухтасари мате-матикаи олӣ” (Китоби дарсӣ барои факултетҳои табиатшиносии университетҳо, Минарский В.П.), “Маҷмӯаи масъалаҳо аз мате-матикаи олӣ” (Васоити таълим барои студентони мактабҳои олии техникӣ) мебошад, ки дар нашриётҳои “Ирфон”, “Маориф” ва “Ӯзбекистон” аз соли 1975 то 2000 21 маротиба боададҳои зиёд нашр гардидаанд, ки аз онҳо дар давоми 30 соли охир хонандагону омӯзгорони мактабҳои миёнаи Тоҷикистону Ӯзбекистон ва донишҷуёну устодони макотиби олӣ истифода мебаранд.

Вай иштирокчии конференсия ва симпозиумҳои илмӣ оид ба гармӣ ва массаивазкунӣ (дар Душанбею Минск) мебошад.

Ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва соҳибтаҷрибагию ҳалолкории Ш.Нуриддинов махсусан солҳои декани кор бо донишҷӯёни хориҷӣ ва декани факултети робитаҳои хориҷии ИПТ-ДТТ буданаш равшан зоҳир мегардад. Дар давоми фаъолияти омӯзгорию роҳбариаш ба воситаи ин

деканат бештар аз 2000 донишҷӯёни хориҷӣ дар шӯъбаҳои тайёрӣ, факултетҳои таълимӣ ва аспирантураи Институту Донишгоҳи номбурда илм омӯхта, зиёда аз 400 нафарашон дипломҳои муҳандис, меъмор ва номзади илм мегиранд ва дар мамлакатҳояшон: Афғонистон, Покистон, Сурия, Яман, Лаос, Непал, Бангладеш, Ҳиндустон, Булғория, Мозамбик, Миср, Гвинея ва ғайра адои хизмат менамоянд. Илова бар ин маҳз бо ташаббуси Ш.Нуриддинов бисёр донишҷӯёни маҳаллӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ: Хитой, ШМА, Покистон ва дигарҳо барои таҳсили минбаъда фиристода мешаванд, ки ин дар инкишофи робитаҳои байни мамлакатҳою макотиби олии онҳо аҳамияти калон дорад. Дастпарварони Ш.Нуриддинов ҳатто дар вазифаҳои профессори университетҳо ва роҳбару саринженери иншоотҳои бузурги мамлакаташон кор мекунанд.

Ш.Нуриддинов яке аз ҷамоатчиёни фаъол буда, тамоми супоришҳои ҷамъиятиашро низ софдилона ба ҷо меорад.

Хизматҳои шоёни омӯзгор ва олими шинохта Ш.Нуриддинов борҳо бо Грамотаҳои фарии Вазорати маълумоти олию миёнаи махсуси СССР ва Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, аз ҷумла нишонҳои “Барои хизматҳои аъло дар кори маълумоти олии СССР”, “Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон” қадр карда шудаанд. Ба муносибати 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ ба унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» мушарраф мегардад.

Ш.Нуриддинов оиладор, соҳиби 5 фарзанд аст: Баҳодур - инспектори калони Кумитаи гумруки ҶТ, Фаррух - менеҷери ташкилоти байналхалқии Кейр Интернатсионал, Шӯҳрат - ординатори ДДТТ, Фирӯз - донишҷӯи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва Шаҳноза - толибаи литсеи назди ҳамин Донишгоҳанд.

**Исмоилов Фидомат Ҳасанович**

**Номзади фанҳои кимё**



**Андӯҳи ту ногуфтаву дарди ту ниҳон беҳ,**

**Ин пеши кӣ зоҳир кунаму он ба кӣ гӯям.**

**Ҳилолӣ**

Исмоилов Фидомат Ҳасанович соли 1952 21-август дар шаҳри Ангрен вилояти Тошканд дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Падарашон Ҳасанназир деҳқон ва модарашон Тоҷинисо бонуи хонанишин . падару модар бо ҳаваси калон фарзанд тарбия менамоянд, аммо бо фидомат ҳаёт хеле душвор омад, дар синни 6 моҳагӣ бо сабабҳои гуногуни ҳаёт падару модар ҷудо мешаванд, тарбияи Фидомат ба дасти модаркалонашон мемонад. Ба монанди ҳамаи баччаҳо калон мешавад, лек дар дил як оламе буд падар ва модар, инак вақти ба мактаб равӣ ҳам мешавад мактаби миёнаро дар шаҳри Ангрен дар мактаби рақами 17 таҳсил мекунад. Баъд аз хатми мактаби миёна ба омӯзишгоҳи олии шаҳри Ангрен (полетехника институт) дохил мешавад, аммо бо ин қаноат намекунад ва соли 1976 ба Республикаи Тоҷикистон рафта ба Университети Давлатии Тоҷикистон факултети химия дохил мешавад. Баъд аз хатми донишкадаи олӣбар ноҳияи Шаҳртузи вилояти Хатлон ба кор мефиристонанд. Дар ноҳияи Шаҳртуз дар мактаби миёнаи рақами 29 омӯзгори фанҳои химия ва биология шуда кор сар мекунад. Шогирдони хеле

бисёр тайёр менамояд. Омӯзгори хеле хуб ва бо таҷрибаро боз як соли дигар дар Шахртуз омӯзгорӣ намуданро илтимос кардан ва муаллим ба ин розӣ мешаванд. Соли 1978 бо ҳамроҳии арӯс аз Шаҳритуз ба зодгоҳ ба шаҳри Ангрен баргаштанд. Як сол дар шаҳри Ангрен зиндагонӣ мекунанд. Соли 1979 ба пойтахт ба шаҳри Тошканд меояндва ба аспирантура дохил мешаванд. 28-майи соли 1979 яке аз рӯзҳои хушбахттарини мо буд, чунки якумин фарзандамон духтарамон Шахло ба дунё омад. 30-ноябри соли 1980 фарзанди дуюминамон писарамон Фаридун таваллуд меёбад. Бо шароити оилавӣ аспирантураро ба ғоибона гузаронида ба заводи Экскватор ба кор медароянд. Ҳама тарафа ҳаракат мекарданд кори илмии худро пеш баранд. Шабу рӯз нагуфта кӯшиш мекарданд ба мақсад расанд. Бо ҳамроҳии ӯстозашон Осигкина Р.Г ба чандин газета ва журналҳои корҳои илмӣ навиштанд. Соли 1982 бо як хушхабари фарзанди сеюмин писарамон Фирӯз таваллуд мешавад. Фарзанди худро бо ҷону дил дӯст медошт. Ба онҳо доим насиҳат мекард. дӯстдорӣ менамудчунки худашон меҳри падару модар чи гуна буданашро медонистанд. Ба корҳои илмии худ ба шаҳрҳои Москва, Ленинград, Ашхобод, Латвия. Литва, Перм сафар намудаанд. Ниҳоят соли 1991 ба унвони баланди номзади фанҳои кимёи академияи фанҳои Республикаи Ўзбекистон сазовор шуданд. Бисёр мақолаҳо ва брашураҳо чоп карданд. Соли 2011 китоби худро ба номи “Антиқа сув” чоп намуданд. Боз чанд китобҳоро су забони тоҷикӣ бо забони узбекӣ. русӣ тарҷима намуданд.

**Тур²унбоев Рустам**

**Номзади фанҳои педагогӣ**

**Директори «Саноаткалинқо²озсавдо».**

**Декани факултети Забонҳои хориҷӣ**



**Хирад беҳтар аз чашми биноӣ аст,**

**На биноӣ афзун зи доноӣ аст.**

**Абӯшакури Балхӣ**

Тур²унбоев Рустамҷон Маъмуралиевич 5 майи соли 1959 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Баъди хами мактаби миёна ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен дохил шуда, соли 1981 бомувафққият хатм намудааст. Мвофиқи тахассусаш ӯ соҳиби дипломи  забон ва адабиёи рус ва методисти корҳои тарбиявӣ гардидааст.

Дертар ӯ кори илмӣ карда ба гирифтани унвони Номзади фанни педагогика ноил гаштааст.фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст.

1. 1981-1983 муаллими мактаби № 19 ноҳияи Паркент.
2. 1983-1985 муаллими донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен.
3. 1985-1986 аспиранти академияи фанҳои педагогӣ.
4. 1988-1991 муаллими калони кафедраи педагогика.
5. 1991 дотсенти кафедраи педагогика.

6. 1992-1996 мудири кафедраи педагогика ва ноиби ректор оид ба корҳои маърифӣ ва маънавӣ.
7. 1997-1998 иҷрокунандаи вазифаи ректори донишкада.
8. 1998-2000 декани факултети педагогика.
9. 2000-2002 директори «Саноаткалинқо²озсавдо».
10. аз соли 2002 то имрӯз декани факултети Забонҳои хориҷӣ.
11. оиладор соҳиби панҷ фарзанд, чор писару як духтар ва чандин набераҳо.

**Абдуқодиров Абдуқаюм**
**Номзади фанҳои сиёсатшиносӣ**



**Ҳавасе будаш аз дилафрӯзӣ,**

**Дар чӣ? Дар кори донишандӯзӣ.**

**Хусрави Деҳлавӣ**

Абдуқодиров Абдуқаюм Абдулҳаевич [redacted] Соли 1971 дар шаҳри Ангрен таваллуд шудааст.Соли 1988 мактаби миёнаи №17 шаҳри Ангренро бо медали тилло хатм менамояд.Дар давоми як сол барои андӯхти таҷриба дар рӯзномаи бисёрададаи кони ангишти Ангрен “Шахтёрская правда” ба сифати мухбир ифои вазифа менамояд.Соли 1989 ба факультети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба шӯъбаи рӯзона дохил мешавад.Бо ташаббус ва дастгирии раҳбарияти ҳамонвақтаи Кӯмитаи радио ва телевизиони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз вақти донишҷӯиаш ба Шӯъбаи байналхалқии телевизиони Тоҷикистон ба вазифаи муҳаррирӣ ба кор даъват мешавад.Аз соли 1995 чун сармуҳаррири ин шӯъба фаъолият мебарад.Дар як вақт бо компанияи байналхалқии телевизион ва радиои “Мир” ҳамкорӣ мекунад.

Соли 1994 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм карда, ба аспирантура дохил мешавад. Соли 1997 аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро пеш аз муддат хатм карда, таҳти роҳбарии доктори илми таърих, профессор Иброҳим Усмонов оид ба мавзӯи таърихи матбуоти русзабон рисолаи номзадиро дифоъ мекунад.

Аз соли 1998 ба ҳайси муаллими калони Кафедраи омӯзиш ва забони тоҷикии Донишкадаи давлатии омӯзгории вилояти Тошкент ба фаъолияти педагогӣ оғоз мекунад.Дар вазифаҳои мудири кафедраи “Назария ва амалияи сохтмони ҷомеаи демократӣ”(2000-2006) ва муовини аввали ректор оид ба корҳои маънавият ва тарбияи ахлоқӣ(2006-2011) кор кардааст.Алъон чун дотсенти кафедраи фанҳои иҷтимоӣ фаъолият карда, дар болои рисолаи докторӣ кор мекунад.Ҳаммуалифи 4 китоби дарсӣ барои мактабҳои тоҷикзабони Ӯзбекистон, 3 дастури услубӣ ва зиёда аз 80 мақолаҳои илмӣ, услубӣ ва оммабоп аст.

**Насриддинов Исомиддин**

**Номзади фанҳои иқтисодӣ**

## Проректори маърифат ва маданияти ДОДВТ



**Ба нури дил кунад сайри муҳити маърифат ориф,**

**Чаро²и роҳ бошад чашми мино нохудоёнро.**

**Шавкат**

Насриддинов Исомиддин дар шаҳри Ангрени вилояти Тошканд соли 1957 таваллуд ёфтааст. Соли 1974 мактаби миёнаро дар шаҳри Ангрен хат карда. Ҳамон сол ба шўъбаи “Математикаи амалии” факултети “Механика ва математикаи” Университети давлатии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 1979 хатм кардааст.

Баъд аз хатми Университет фаъолияти меҳнатии худро дар “Институти Кибернетикаи” Академияи фанҳои Республикаи Ўзбекистон дар шаҳри Тошканд ба сифати муҳандис сар кардааст.

Солҳои 1984-1987 аспирантураи рўзонаи ҳамин институтро хатм карда, соли 1988 рисолаи номзадии худро аз рўи ихтисоси “Тадбиқи методҳои математикӣ ва мошинҳои ҳисоббарор дар иқтисодиёт, баплангири ва идоракунии хоҷагии қишлоқ” бомуваффақият ҳимоя карда соҳиби дараҷаи илмии нозади фаннҳои иқтисодиёт гаштааст.

Диссертатсияи номзадии И. Насриддинов дар зери роҳбарии яке аз олимони намоёни шӯравӣ оид ба “Системаи автоматии идоракунӣ” (АСУ) дар конҳои кушод проф. И.Б.Табакман навишта шуда, программаи компютерие, ки дар асоси диссертатсия сохта шудааст, дар анҷуманҳои байналхалқӣ дар Германия, Чехия ва Полша намоиш дода шуда, баҳои баланди мутахассисонро гирифтааст.

Насриддинов Исомиддин соли 1989 фаъолияти педагогии худро дар Институти педагогии вилоятии Тошканд, ки дар шаҳри Ангрен ҷойгир аст, ҳамчун маллими калон оғоз карда, аз соли 1990 то соли 2003 фазифаи мудири кафедраи навташкили “Информатика ва технологияи информатсионӣ” иҷро кардааст. Дар зери роҳбарии ӯ кафедра ба яке аз кафедраҳои пешқадам табдил ёфта, дар тарбияи мутахассисони соҳаи Информатика барои мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёнаи республика хизмати шоёне кардааст.

Соли 1998 ба унвони “Аълочии маорифи халқи” республикаи Ӯзбекистон сазовор шудааст.

Соли 2002 сазовори гранти байналхалқӣ оид ба ҳамкории илмии IREX гаштааст.

Аз соли 2003 то 2010 проректори корҳои илмӣ шуда кор кардааст.

Бевосита зери роҳбарии ӯ якчанд анҷуманҳои республикавӣ ва вилояттӣ баргузор шудааст. Муаллифи зиёда аз 80 мақолаҳои илмӣ ва дигар воситаҳои таълим мебошад.

Ӯ яке аз фаъолони ташкили гурӯҳҳои тоҷикӣ дар институт мебошад. Соҳиби чор фарзанд аст, духтараш Насриддинова Маҳбуба маллимаи англисии ҳамин институт аст.

**Махмадияров Авазмад Боқиматович**

**Номзади фанҳои филолгӣ**



**Паи он рав, ки орифи маънист,**
**Марди ориф ба дӯсти авлист.**
**¯омӣ**

Махмадияров Авазмад Боқиматович 20 апрели 1957 дар оилаи коргар ба Дунё омадааст.

Махмадияров баъди хатми мактаби миёна ба донишкадаи омӯгории шаҳри Николаеви Россия ба хондан даромада соли 1980 бомувафаққият ба аном расонидаас. Аз соли 1980 то соли 1984 дар мактаби миёнаи № 28 ноҳияи Оҳангрон ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти рус кор кардааст. Фз соли 1988 дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен чун муаллими фанҳои забон ва адабиёти рус фаъолият намудааст.

Аз соли 1988 то соли 1991 аспиранти Донишкадаи омӯзгории шаҳри Нижненовгороди Россия. Соли 1992 бомувафаққият ҳимоя намуда ба гирифтани унвони номзади фанҳои филологӣ Мушарраф гардидааст. Аз соли 1993 чун мудири кафедраи «Методикаи таълими забони русӣ». Дар давоми фаъолияти меҳнатиаш чандин мақолаҳои методӣ Чоп кунонидааст.

Аз соли 1994 то соли 1997 доктаранти донишкадаи адабиёти умумиаҳонии ба номи М. Горький.

Оиладор соҳиби ду фарзанд.

## ˉӯраев Миршакар
## Мудири шӯъбаи наркологии вилояти Тошканд



**Агар дӯст бошад туро тозарӯй,**

**Бияфзоядаш нозишу рангу бӯй.**

**Фирдавсӣ**

ˉӯраев Миршакар 10 марти соли 1964 деҳаи дуоби ноҳияи деҳқонободи вилояти £ашқадарё дар оилаи марди деҳқон ба дунё омадааст. Дар мактаби № 47 ноҳияи деҳқонобод таълим гирифтааст. Соли 1996 Донишкадаи тиббии педиатрии тошкандро хатм кардааст.

Фаъолияти кори ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1981-1984 донишҷӯи омӯзишгоҳи тиббии шаҳри £аршӣ.
2. 1984-1987 фелдшери ёрии таъҷилии шаҳр.
3. 1987-1991 фелдшери заводи МЧСи Тошканд.
4. 1987-1996 донишҷӯи донишкадаи тиббии Тошканд.

5. 1996-2004 духтури ёрии таъҷиллии тошканд.
6. 2004-2008 мудири шӯъба наркологии вилоятии Тошканд.
7. 2008-2009 шифокори корхонаи наркологии ноҳияи Тошканд
8. аз соли 2009 то ҳоло мудири шӯъбаи ихтисосгардондашудаи вилоятии наркологӣ дар шаҳри Ангрен.

**Абдуқодиров Зоҳир**

**Чемпиони СССР**



Абдуқодиров Зоҳир 2 декабри соли 1962 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар ба дунё омадааст. То синфи 7 дар мактаби № 10 таҳсил гирифта, аз синфи 8 дар мактаби № 8 давом дода, онҷо мактабро хатм намудааст. Аз давраи мактабхониаш сар карда ба ҷамъияти «Динамо» аъзо гардида, мунтазам дар машқҳои муштзанӣ (бокс) машқ мекард ва тез дар байни ҳамсолони худ ба муваффаққиятҳои калон соҳиб гардид.

Соли 1978 дар байни ҷавонон Чемпиони ¤збекистон гардид.

Солши 1979 соҳиби маълумоти миёна гардидааст.

Соли 1980 ба шӯъбаи ОТДи донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен дохил шудааст.

1979, 1980, 1981, 1982 дар байни калонсолон Чемпиони ¤збекистон гаштааст. Соли 1979 дар байни калонсолони собиқ Иттифоқ сазовори ҷои сеюм гардидааст.

Соли 1981 Чемпиони мутлақи мусобиқаи умумииттифоқӣ гашта, сазовори унвони Чемпиони СССР гардид. £ариб дар тамоми шаҳрҳои собиқ Иттифоқ ва давлатҳои Куба, Арабистон, Германия, Аф²онистон, Чехословакия дар мусобиқаҳо иштирок намуда бо дасти боло баргашта омадааст.

Дар вақтҳои охир яке аз мураббиёни соҳибтаҷрибатарини шаҳр буда, шогирдони ӯ аз мусобиқаҳои бонуфуз ²олиябиятро ба даст оварда, шаъну шӯҳрати бокси Ангренро оламгир намуда истодааст.

Оиладор соҳиби чандин фарзанду даҳҳо набераҳо мебошад.

**Рафиқов Раҳимбой**

**Сардори Колонаи автобазаи Средазугол**

**Дорандаа ордени «Дӯстии халқҳо»**



**Ба сабр ар барояд туро номи нек,**

**Диҳад номи некат саранҷоми нек.**

**¯омӣ**

Рафиқов Раҳимбой 25 сентябри соли 1953 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1960 ба мактаби № 9 рафтааст. Баъди хатми синфи 8 соли 1968 ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳр ба шуъбаи кафшергарӣ дохил шудааст. Бо тахассуси устои кафшергари барқӣ омузишгоҳро тамом кардааст. Соли 1972-1974 дар хизмати ҳарби будааст.

Аз соли 1975 то соли 1991 дар автобазаи Средазугол ба ҳайси ронандаи мошини боркашон меҳнат намудааст.

Аз соли 1991 то соли 2009 ба ҳайси сардори коллона кор ва фаъолият намудааст. Хизматҳои шоёни ӯро ба инобат гирифта ба ӯ соли 1986 ордени «Дӯстии халқҳо» дода шудааст. ¤ бо чандин ифтихорномаҳои давлатӣ мукофотонида шудааст. Рафиқов Раҳимбой ²олиби мусобиқаҳои меҳнатии солҳои 1987, 1988, 1989, 1990, 1991 мебошад.Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо. соли 2011 вафот кардааст.

## Кормандони сохторҳои қудратӣ

**£удраташ онро ба ҳам омехтааст,**

**Ҳар дам аз он нақши нав ангехтааст.**

**¯омӣ**

Ин тоифа одамон бо далерӣ, нотарсӣ, матонат, ҷасорат,чаққонӣ ва бо дурбинии худ аз дигар одамон фарқ мекунанд, чунки дар ниҳоди онҳо Парвардигор ин хислатҳоро ҷой додааст. Агарчанде аз дур кори онон осон менамояд дар асл меҳнати хело вазнин аст, чунки онон вақти аниқи корӣ надоранд. На шабу на рӯз намедонанд, ки кай вақти холии онҳо. Онҳоро нобаҳангом ба кор че² заданашон мумкин. Барои кори онҳо шабу рӯз фарқ надорат. Дар вақти хизмат ҳама хешу бегона барои онон яканд. Чунин аст қисмату тақдири коргарҳои сохторҳои қудратӣ.

# Сохторҳои қудратӣ

## Олимов Мадиброҳим

## Генерали юститсия



**Дилат равшану вақт маҷмӯъ бод,**

**£адам собиту поя марфӯъ бод.**

**Саъдӣ**

Олимов Мадиброҳим 4 январи соли 1959 дар шаҳри Ангрени вилояти Тошканди РСС Узбекистон дар оилаи коргар таваллуд меёбад. Падару модараш зодагони деҳаи Пунғаз буда, соли 1950 ба шаҳри Ангрен мекӯчанд ва то ҳол он ҷо зиндагӣ мекунанд. М. Олимов соли 1965 мактаби миёнаи тоҷикии №17 шаҳри номбурда ва соли 1981 факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм менамояд.

Ӯ ҳамчун муфаттиш ва ёрдамчии прокурори ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе (1981-84), ёрдамчии калони прокурори шаҳри Душанбе (1985), прокурори шӯъбаи назорат аз болои иҷроиши қонунҳо оиди ноболиғон ва ҷавонони прокуратураи ҷумҳурӣ (1985-86), ҷонишин ва прокурори Роҳи Оҳани ш. Душанбе (1986-93), сардори шӯъбаи Прокуратураи генералии ҶТ оиди назорат аз болои иҷроиши қонунҳо дар бораи ноболиғон ва ҷавонон (1993-95), сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералии ҶТ (1995 - 2001) кор карда, ҳоло сардори Раёсати назорати қонунӣ будани қарорҳои судҳо

оиди парвандаҳои шаҳрвандӣ ва хоҷагии Прокуратураи генералии ҶТ мебошад.

Ӯ забонҳои тоҷикӣ ва русиро хуб медонад ва бо онҳо оиди риояи қонунҳо, пешгирии ҷиноятҳо ва тарбияи мутахассисони ҷавони соҳаи прокуратура дар рӯзномаҳои "Комсомолец Таджикистана", "Коммунист азимов Таджикистана", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Тоҷикистони советӣ", "Вечерний Душанбе" ва маҷаллаи "Қонуният" зиёда аз 20 мақола ба табъ расонида, ба воситаи радио ва телевизиони ҷумҳуриявӣ бештар аз 25 маротиба баромад кардааст.

Барои иҷрои софдилонаи вазифаҳои асосӣ ва ширкати фаъолонааш дар корҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар ҳайати Комиссияи муштараки марказии аттестатсионии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ бо ордени "Шараф" ва "Корманди фахрии прокуратура" сазовор гардидааст.

Ӯ соҳиби рутбаи «Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3-Генералмайори адлия» мебошад.

Оиладор ва соҳиби 5 фарзанд аст.

## Ҳасанов Абдуҷаббор

## Полковники милитсия



**£удраташ онро ба ҳам омехтааст,**

**Ҳар дам аз он нақши нав ангехтааст.**

**¯омӣ**

Ҳасанов Абдуҷаббор 20 апрели соли 1947 дар деҳаи Пунғаз таваллуд меёбад, аз оилаи хизматчӣ. Соли 1966 мактаби миёнаи №5 шаҳри Ангрени вилояти Тошканд, соли 1971 шӯъбаи журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон ва солҳои 1979 ва 1985 курсҳои такмили ихтисоси Институтҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои ҷамъиятии РССС Ӯзбекистон ва Белорусияро ба итмом расонидааст.

Ӯ ба ҳайси муаллими кафедраи иқтисоди сиёсии Университети давлатии Тоҷикистон (1971-1994), сардори шӯъбаи ташкилӣ оид ба даъват ва ҷобаҷогузории кадерҳои Қумитаи оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди ҳукумати ¯Т (1994-1997), мудири қисми таълимии Курсҳои ҷумҳуриявии Қумитаи мазкур (1997-2000), сардори шӯъбаи таълими Маркази таълимию методии Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии ¯умҳурии Тоҷикистон (2000-то ҳозир) фаъолият менамояд.

Вай муаллифи 59 мақолаи илми, илмию методи, аз ҷумла асарҳои “Дастури методи ва плани машғулиятҳои амали аз фанни “Таърихи иқтисодии СССР ва мамлакатҳои хориҷӣӣ”” (1987), “Дастури методи ва плани машғулиятҳои амали аз фанни “таърихи хоҷагии халқи СССР” (1991), мебошад.

А.Ҳасанов дар барқарор кардан ва ҳифзи сохти Конститутсионӣ дар ¯умҳурии Тоҷикистон ҳиссаи арзанда гузошта, ба рутбаҳои нави ҳарби сазомегардад. 6 сентябри соли 2001 ба ӯ рутбаи полковники дода мешавад.

Вай оиладор ва соҳиби 6 фарзанд аст: ҳамсараш – Шаҳриниссо дӯзанда, духтаронаш: Дилором-ҳуқуқшинос, Дилафрӯз, Зулхумор ва Умеда -

иқтисодчи буда, ҳамаашон аз рўи ихтисос кор мекунанд. Мавод аз китоби «Симои Ашт»-и Н. Азимов

**Насриддинов Ҳусниддин**

**Подполковники милитсия**

**1983-1994 сардори корҳои ҷиноятии шаҳри Ангрен.**



**Чу сарви бўстонаш тозаги ёфт,**
**Дар он гулшан баландовозагӣ ёфт.**
**Мулҳам**

Насриддинов Ҳусниддин 12 январи соли 1940 дар деҳаи пон²оз дар оилаи деҳқон ба Дунёомадааст. Дертар оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кўчида меояд ва Ҳусниддин дар мактаби №5 шаҳри Ангрен таҳсил мекунад. Соли 1975 Насриддинов Ҳусниддин ба донишкадаи политехникии Тошканд дохил шуда донишкадаро бо тахассуси муҳандис-механик ба итмом мерасонад.

1958-ронанда дар автобазаи №72.

Аз соли 1963 то соли 1994 кор дар шўъбаи корҳои дохилӣ.

1967-медали «50-солагии милитсияи шўравӣ.

1973-медал -«барои хизматҳои шоиста» дараҷаи III .

1979-медал «барои хизматҳои шоиста» дараҷаи II.

1983-медал «барои хизматҳои шоиста» дараҷаи I.

1990-медали «Фахрии меҳнат».

1983-1994 сардори корҳои ҷиноятии шаҳри Ангрен.

Муддати 31 сол дар сафи шӯъбаи корҳои дохилӣ хизмат намуда соли 1994 ба нафақа баромада, сипас ба корхонаи «Ангренангиштсохтмон» ба вазифаи таъминотчии механикӣ ба кор даромадаанд. Соли 2003 бемаҳал вафот кардаанд.

Аз соли 1994 нафақахӯри номӣ.

Соли 1980 ба мактаби Вазорати корҳои дохилӣ (МВД) тамом карда соҳиби ихтисоси муфаттишӣ гардидааст.

Соли 1973 ба ¤ унвони майор медиҳанд, соли 1983 бошад соҳиби унвони подполковникӣ мегардад.

**Ашӯрматов Мирзааҳмад**

**Сардори шӯъбаи ОБХССи шаҳри Янгиобод**



**Умрест аз ҳавову ҳавс чашм бастаам,**

**Чун ²унча фори² аз ²ами олам нишастаам.**

**Сайидо**

Мирзоаҳмад Ашӯрматов соли 1033 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба Дуне омадааст. Синфи 7 ро дар деҳаи худ Хонда, соли соли 1948 ба техникуми Молияи Тошкент ба хондан даромадааст. Баъди хатми техникум ӯро барои кор ба ноҳияи Олтиариҷи Фар²она ба кор фиристониданд. Ду сол дар техникумҳои молияи Олтиариҷ ва Сух ба ҳайси муаллими фанни молия кор карда омад.

Аз соли 1953 то соли 1957 дар Оҳангарон дар вазифаи назоратчии молия кор ва фаъолият намудааст. Баъди ташкил шудани шаҳри Янгиобод чандин муддат дар вазифаи назоратчии молияи ин шаҳр будааст.

Соли 1952 ба донишкадаи молияи шаҳри Тошкент ба аъба ²оибона дохил шуда соли 1960 тамом намудааст ва соҳиби маълумоти олӣ гардидааст.

Аз соли 1963 сар карда дар шаҳри Ангрен ба вазифа назоратчии ОБХСС кор кардааст.

Аз соли 11965 то соли 1971 дар вазифаи сарназоратчии ташкилоти зикршуда кор кардааст.

Аз соли 1974 то соли 1976 мудири шӯъбаи ОБХССи Янгиобод.

1976-1986 донишини сардори шӯбаи ИИБи Янгиобод.

1986-1989 сардори шӯъбаи ИИБи шаҳри Ангрен.

Ашӯрматов Мирзоаҳмад аз соли 1989 дар нафақаи меҳнатӣ. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераву абераҳо мебошад.

## Шабидинов Турсунбой

## Ходими корҳои дохилии шаҳри Ангрен

**Ба рози дил чу бикшой лаби хеш,**

**Нахуст аз хайру шарри он ибияндеш,**

**¯омӣ**

15 майи соли 1949 дар деҳаи Бо²су²д таваллуд шудааст. Соли 1964 Мактаби миёнаро дар деҳаи худаш тамом кардааст. Худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хуҷанд дохил шуда соли 1968 хатм намудааст.фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст:

1964-1968 омӯзишгоҳм тиббӣ.

1969-1971 хизматит ҳарбӣ.

1971-1074 муаллими ҳарбии мактаби №23.

1974-1995 ходими корҳои дохилии шаҳри Ангрен.

Аз соли 1995 дар нафақа. оиладор, соҳиби чандин фарзанду набераҳо.

## Мирзоматов Абдурасул

## Сардори шӯъбаи зидди ҷиноятии шаҳр



**Ҳиммати мард чун баланд бувад,**
**Дар ҳама кор арҷманд бувад.**
**¯омӣ**

Мирзоматов Абдурасул облоқулович соли 1957 дар деҳаи Бо²су²д таваллуд шудааст. Соли 1966 ба мактаби миёнаи № 23 ба хондан дарома соли 1976 мактабро бомувафаққият тамом кардааст. Баъди хатми мактаби миёна ба донишкадаи омӯзгории шаҳр дохил шуда, баъди хатми донишкада боз ба мактаби олии милитсия ²оибона ба хондан даромадааст. ¤ ҳам дар шӯъбаи корҳои дохилӣ кор мекарду ҳам боз дар шӯъбаи ²оибона хондани худро давом медод.

Соли 1981 ба шӯъбаи корҳои дохилии шаҳр чун назоратчии ОБХСС кор кардааст. Дертар ӯро ба вазифаи назоратчии шӯъбаи ҷустуҷӯи ҷинояткорон таъин намуданд. Кордонӣ, меҳнатдӯсти ва ҳалолкории ӯро ба инобат гирифта ӯро ьа вазифаи сардори шӯъбаи зидди ҷинояткории шаҳр таъин намуданд. Абдурасул мирзоматов соли 2008 ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад.

# Роҳбарони ташкилоту корхонаҳо

**Азимов Маҳкам**
**Директори АОО ангишт**



**Зи меҳмон сахопеша пардохт ҷой,**
**Баровард дарҳои меҳмонсарой.**
**Шодӣ**

Азимов Маҳкам соли 1926 дар деҳаи Пунғази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Аввал дар мактаби деҳаи худ хондааст, сипас ба шаҳри Ангрен кӯчида омада, дар Ангрен хондани худро ба итмом расонидааст. Дертар ба шаҳри Ленино-Кузнетси Россия рафта, дар Академияи кӯҳшиносии онҷо таълим гирифтааст ва бо тахассуси иқтисодчигӣ баргашта ба Ангрен омадааст. Маҳкам Азимов қариб дар тамоми фаъолияти меҳнатии худ дар вазифаҳои роҳбарӣ кор кардааст.

Фаъолияти меҳнатии чунин суръат гирифтааст:

1. 1941-1946 коргари Шахтаи № 1 шаҳри Ангрен.
2. 1946-1949 Сардори ВВО трести Ӯзбекангишт.
3. 1949-1960 муҳандиси таҳиягари Шахтаи № 1.
4. 1960-1972 Сардори шӯъбаи ташкили меҳнати Ӯзбекангишт.
5. 1972-1977 котиби ташкилоти ҳизбии Шахтаи № 9.
6. 1977-2001 Директори ООО Ангренангишттаъминот.

Маҳкам Азимов дар давоми фаъолияти меҳнатии қариб 60 солаи худ барои халқу ватан ва шаҳри худ хизмати босазое дорад. Барои меҳнати софдилонааш ва барои ихтирокориаш ва хизматҳои шоистааш борҳо бо мукофотҳои пулию молӣ сарфароз гардонида шудааст. Аз ҷумла:

1. Медалҳои «Барои меҳнати фидокорона».
2. Медали «Шӯҳрати шахтёрӣ» дараҷаи 1.
3. Медали «Шӯҳрати шахтёрӣ» дараҷаи 2.
4. Медали «Шӯҳрати шахтёрӣ» дараҷаи 3.

¤ соҳиби се фарзанд ва даҳҳо набераву абера аст. Соли 2001 аз фаъолияти корӣ боз намонда нобаҳангом аз олам чашм пӯшидааст.

## Исоматов Масаид



**Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,**
**Ҳунармандонро гавҳар ояд ба кор.**
**Фирдавсӣ**

Исоматов масаид, 5 январи соли 1932 дар деҳаи Пон²ози ноҳияи Ашт ба дунё омадааст. Соли 1950 синфи 7-ро дар Пон²оз тамом намуда ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст ва ба мактаби рақами 3 ба хондан даромадааст ва баъди хатми мактаби миёна ба техникуми шиносии Тошканд дохил шуда соли 1954 бо муваффаққият ба итмом расонида соҳиби ихтисоси муҳандиси гардидааст. Баъди хатми техникум исоматов масаид ба шаҳри Ангрен баргашта омада ба шахтаи рақами 9 ба кор даромадааст. ¤ро ба вазифаи

устои гази зеризаминӣ таъин намуданд. Соли 1958 ӯро ба вазифаи ёрдамчии раиси участкаи рақами 1 таъин намуданд. У аз соли 1973 то охири умрашяъне то соли 2005 дар вазифаи директори базаи чубу тахтаи Ангрен буд. Исоматов Масаид 2 майи соли 2005 бо ҳаёт падруд гуфтааст.

## Исмоилов Абдуқодир

## Директори базаи ангишт



**Тавонгар шуд он кас, Ки дарвеш буд,**
**В-агар хӯрдаш аз кӯшиши хеш буд.**
**Фирдавсӣ**

Исмоилов Абдуқодир 12 феврали соли 1920 дар деҳаи Пон²ози ноҳияи Ашти вилояти Су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дар мактаби деҳа таҳсил гирифта сипас ба омузишгоҳи омузгории Конибодом ба хондан даромадааст. Баъди хатми омузишгоҳ ба деҳаи худ баргашта, дар мактаби деҳа ба райси муаллими синфҳои ибтидоӣ кор кардааст. Соли 1942 ба шаҳри Ангрен кучида омадааст.Оиладор соҳиби панҷ фарзанди солеҳ, ки дар қабҳаҳои гуногуни шаҳр сарбаландона меҳнат кардаанд ва мекунанд. Барои

хизмати шоистааш уро депутати совети шаҳри интихоб намудаанд.У дар давоми ҳаёти худ дар вазифаҳои зерин кор ва фаъолият кардааст:

1942-1952 дар тресги узбекангишти устои корҳои кӯҳи.

1952-1963 дар корҳои гуногун.

1960-1972 мудири ошхонаи №2 шаҳри Ангрен.

1972-1975 диретори базаи савдои ангишт.

1976-1978 мудири хоҷагии участкаи пармакунӣ.

1977-1980 директори корхонаи асбобҳои мураккаб.

Аз соли 1980 дар нафақаи меҳнатӣ.

Умри бобаракате дида дар синни 90 солаги соли 2008

## Мирзоматов Облоқул
## Директори базаи чӯбу тахтаи шаҳр



**Зи ном аст то ҷовидон зинда мард,**
**Ки мурда бувад колбад зери гард.**

;

**Фирдавсӣ**

Мирзоматов Облоқул соли 1928 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дар мактаби деҳа таҳсил гирифтааст. Соли 1947 ба кони ангишти шаҳр ба кор даромадааст. меҳнати шоиста ва ҳалоли ӯро ба инобат гирифта роҳбарони шаҳр ӯро соли 1973 ба корхонаи савдои чӯбу тахта директор таъин шудааст. Мирзоматов Облоқул то ба дами ба нафақа баромадан дар ҳамин корхона меҳнат кардааст. Барои ободии маҳаллаи Бо²су²д хизматҳои шоиста дорад. Оиладор соҳиби 7 фарзанду чандин набераву аберахо.

**Машарипов Иброхимҷон**
**Директори фирмаи "Эврика"**



**Фардо, ки ҳисоби ҷумла олам талабанд,**
**Он зарра, ки дар ҳисоб н-ояд моем.**

**Афзалӣ**

Машарипов Иброхимчон соли 1955 дар кишлоки Понғози ноҳияи Ашти вилояти Ленинободи ҳозираи Суғди ҷумҳурияти Тоҷикистон ба дунё омадаам. Аз соли 1958 дар шаҳри Ангрени вилояти Тошкент зиндагонӣ мекунам. Аз соли 1962 то 1971 дар мактаби №5 баъдтар №17 шаҳри Ангрен то синфи 10 таҳсил намуда синфи 10-ро соли 1972 дар мактаби №4 ба номи Маъдани кишлоки Понғози ноҳияи Ашт хатм намудам. Соли 1972 ба Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин ба факултети иктисоди шубаи ба плангири хоҷагӣ халқ шӯбаи шабона дохил шудам бади хатми курси якум . аз моҳи майи соли 1973 то моҳи майи соли 1975 хизмат дар сафари армияи советӣ дар шаҳри Балабановаи вилояти Калуга.

Аз соли 1972 то 1979 фаъолияти меҳнатиро дар заводи лаку ранг барори шаҳри Душанбе дар вазифаҳои бухгалтер , устои сех баъдтар роҳбари сех сардори бухгалтер оғоз кардам . Баъди хатми Университет соли 1979 ба шаҳри Ангрен баргашта соли 1979-1980 дар техникуми иқтисоди ва ба плангрии шаҳри Ангрен муаллими иқтисод сиёсӣ, 1980-1981 дар управления Вторчермет дар вазифаи кабулкунанда .

1981-1982 ПТУ дар вазифаи слесар фаъолияти меҳнатиро давом додам. Аз моҳи июли 1982 то июли соли 1995 дар корхонаи савдои шаҳри Ангрен “Ангренторг” ҳисобчи , аз соли 1986 сарҳисобчи кору фаъолият кардааст.

Аз соли 1995 то соли 2010 директори фирмаи “Эврика”. Аз соли 2011 сарҳисобчии ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшидаи “маркази логистикаи Ангрен”. Дар айни ҳол роҳбари корхонаи хусусии “Ёқуб” фаъолият дорад. Соҳиби шаш фарзанд буда, Гулбаҳор,Аваз, Раҳматуллоҳ, Навбаҳор, санавбар ав Парвиз буда ҳама соҳиби маълумотҳои ихтисосӣ буда, дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳр кору фаъолият доранд.

## Мадаминов Мадаюб

## Сардори Ангренсавдо

;



**Ба хуррамию хушӣ бигзарон ҷаҳон, ки ҷаҳон,**

**Ба ҳарчи ҷуз хушуву хуррамӣ, ҳама савдост.**

**Анварӣ**

Мадаминов Мадаюб 15 октябри соли 1933 дар шаҳри Тошканд дар оилаи коргар таваллуд щудааст. Соли 1941 ба мактаби миёнаи № 113 шаҳри Тошканд дохил шуда, соли 1947 баъди хатми синфи 5 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меояд. Дар Ангрен баъди хатми сини 7 ба шаҳри Тошканд ба техникуми зооветеринарӣ дохил иешавад. Бо сабаби касалӣ техникумро хатм нанамуда баргашта меояд.

Соли 1951 ба ОРС комбинати «¤збекангишт» ба ҳайси магазинчӣ ба кор медарояд. Боз дар Тошканд ба хондан медарояд. Баъди ТКШ чандин муддат дар магазинҳои Ангрен ба ҳайси фурӯшандагӣ кор мекунад.

Соли 1960 оилаи онҳо ба Фар²она кӯчида меравад. ¤ро ба магазини №30 Фар²она мудир таъин мекунанд.

Соли 1961 оилаи онҳо боз баргашта ба Анрен меояд. ¤ро мудири магазини №84 таъин менамоянд. Барои меҳнати софдилонааш ӯро ба вазифаи сардори савдои Ангренсавдо ба кор таъин мекунанд ва то ба нафақа баромаданаш он ҷо кор кардааст. Оиладор соҳиби се фарзанд.

## Убайдуллоев Саъдулло
## Сардори ДРП-3



**Ба ҳиммат кӯҳро аз пеш бардошт,**
**Аҷаб санге зи роҳи хеш бардошт.**
**Низомӣ**

Убайдуллоев Саъдулло 18 феврали соли 1932 дар шаҳри Тошканд дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Мактаби дар шаҳри худ хондааст. Баъди мактаби миёна дар техникуми маъданшиносии Тошканд ба шаҳри ангрен омадааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1954-1955 тресети «¤збекангишт» нақлиётчӣ.
2. 1955-1956 усто-таълимгари ГОРТУ-3.
3. 1956-1959 ронанда тдар АСУ-6.
4. 1952-1962 мудири анбори ҳамин корхона.
5. 1963-1978 сардори ДРП-3-и Оҳангарон.
6. 1978- 1982 сардори ДРП-2 шаҳри Ангрен.
7. 1982-1991 сардори ДРП-3.
8. 1992 дар нафақаи меҳнати.

Барои меҳнатҳои софдилона ва бисёрсола борҳо бо мукофотҳои пулию молӣ мукофотонида шудааст. ¢олиби мусобиқаи меҳнати соли 1980. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераву абераҳо мебошад. Ҳоло дар қайди ҳаёт нест.

**£урбонов Иброҳим**

**Директории базаи ангишт 1956-1960**

**Диретори хиштзавод 1963-1965**



**Марди раҳравро куҷо орому хоб,**

**Дар қалақ бояд дилаш дар изтироб.**

**Румӣ**

£урбонов Иброҳим 10 феврвли соли 1927 дар деҳаи пун²аз дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Мактаби иьтидоиро дар пун²аз хондааст. Соли оилаи онҳо ба шаҳри Тошканд кӯчида рафтааст. Давоми таҳсилро дар Тошканд гузаронидааст.

Соли 1947 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст.

Соли 1949 ба техникуми Кӯҳшиносии Тошканд дохил шуда соли 1953 тамом кардааст.

Соли 1953 ба Шахтаи № 9 ба ҳайси устои кор фаъолият бурда то соли 1956 кор кардааст.

Аз соли 1956 то соли 1960 дар базаи ангишт дар вазифаи директорӣ кор кардааст.

Аз соли 1960 то соли 1963 ба ҳайси муҳандиси ангиштшинос кор кардааст.

Аз соли 1963 то соли 1965 дар заводи хиштбарорӣ директор шудааст.

1965-1968 прораби геологияразведка.

1968-1970 раиси ЖЭКи шаҳр.

1971-1975 директори базаи ангишт.

Аз соли 1975 то ба нафақаи меҳнатӣ дар заводи резинотехника кор кардааст.

Соҳиби 9 фарзанд, се Писару 6 духтар, даҳҳо набераву абераву чаберахо.

## Сулаймонов Юсуфҷон

## Директори магазини хоҷагӣ

;



**Агар саодати ӯ тофтӣ бар Искандар,**

**Ба зулмат-андар раҳ ёфтӣ бар оби бақо.**

**Муиззӣ**

Сулаймонов Юсуфҷон иброҳимович дуюми моҳи майи соли 1939 лар шаҳри £ӯқанд таваллуд шудааст. Вай дар мактаби № 6 шаҳри ӯқанд таҳсил гирифтааст. Соли 1958 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Смоли 1958 ӯ ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳр дохил шуда соҳиби маълумоти миёна гардидааст.

Аз соли 1960 то соли 1965 чун ронандаи таксӣ меҳнат кардааст. Аз соли 1970 то соли 1978 дар вазифаи мудири магазини хоҷагидорӣ кор кардааст.

Оиладор соҳиби чандин фарзанду набера аст.

Соли 1978 вафот бемаҳал кардааст.

**Шамсиддинов Хайрулло**

;

**Директори хиштзавод**



**Хиште ба хайр чун хуми май бар замин гузор,**

**Дигар қадам ба қасри биҳишти барин гузор.**

**Соиб**

Хайрулло Шамсиддинов соли 1935 дар деҳаи Пон²оз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактабро дар зодгоҳаш хатм намуда, чанд муддат дар колхоз дар вазифаи ҳисобчӣ кор ва фаъолият намудааст. Соли 1951 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Хайрулло баъди ба Ангрен кӯчида омадан дар заводи чирпичбарорӣ ба ҳайси коргар ба кор даромадааст. Дертар ин завод ба заводи хиштбарорӣ табдил ёфтааст. Хайрулло тамоми фаъолияти худро дар ҳамин завод гузаронидааст. Аз коргари оддӣ сар карда то ба вазифаҳои сардор ва роҳбари ҳамин корхона фаъолият намудааст. Хайрулло дар давоми фаъолияти 45 солаи худ барои халқу ватан ва шаҳри худ хизмати босазое дорад. Барои меҳнати софдилонааш ва барои ихтирокориаш ва хизматҳои шоистааш борҳо бо мукофотҳои пулию молӣ сарфароз гардонида

шудааст. ¤ соҳиби шаш фарзанд ва даҳҳо набераву абера аст. Соли 2012 баъди бемори̇ аз олам чашм пӯшидааст.

## Бегматов Шермат
## Имом хатиби масҷиди Дукент



**Фурӯ хондам асбоби фиқҳу калом,**
**Шудам дар шиори фақоҳат тамом.**
**Шоҳин**

Бегматов шермат 4 феврали соли 1928 дар деҳаи Пон²оз дар оилаи деҳқон ба дунё омааст. Мактаби ибтидоиро дар деҳаи худ хатм намудааст. Солҳом 50 асри гузашта, оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. Мулло Шермат аз соли 1952 то ба дами ба нафақа баромадан, яъне то соли 1978 дар як корхона Шахтаи № 9 кор карда ба нафақаи меҳнати̇ баромадаанд. Барои меҳнати софдилона ва ҳалоли худ Мулло Шермат ду маротиба ²олиби мусобиқаи меҳнати̇, ду маротиба аълочии мусобиқаи

сотсиалистӣ гардидаанд. борҳо бо фахриярномаҳои шаҳру вилоятӣ сарафроз гардонида шудаанд. Соли 1998 масҷиди ҷомеъи Дукент аз қайди давлатӣ гузашта мулло Шерматро ба вазифаи Имом-хатиби масҷиди зикршуда ба кор таъин намуданд. Аз сабаби пирӣ соли 2007 вазифаи имомиро супоиданд. Пас аз беморӣ соли 2010 аз олам чашм пӯшиданд.

## Назмиддинов Юлдош
## Директории ресторан



Назмиддинов юлдошев 1 марти соли 1937 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1939 ба мактаби маҳалла ба хондан рафтааст.

Соли 1955 мактабро дар зодгоҳаш хатм намудааст. Соли 1946 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Худи ҳамон сол дар шаҳри Ангрен ба ГРЭС ба кор маш²ул шудааст. Соли 1955 фаъолияти меҳнатии ӯ о²оз гардидааст:

1. 1956-1957 курси ронандагиро хатм намудааст.
2. 1954-1956 коргари корхонаи ГРЭС.
3. 1957-1958 коргари корхонаи Разрез.
4. 1958-1959 коргари корхони нонпазӣ.

;

5. 1960-2000 дар корхонаи хӯроки умумӣ аз коргари оддӣ то ба директории ресторан. Аз соли 2000 дар нафақаи меҳнатӣ.

Аз соли 2000 инҷониб дар истироҳат ва гашти пирӣ меронгад. Дар давоми кору фаъолияти меҳнатии худ, барои меҳнатдӯстӣ, ҳалолкориаш борҳо бо ифтихорномаҳои гуногун мукофотонида шудааст. соҳиби 9 фарзанд, 3 писару 6 духтар ва даҳҳо набераву абераву чабера аст.

**Ҳамроқулов Саҳобиддин**

**Сардори почтаи Ангрен**



**Ганҷи беранҷ надидаст касе,**

**Гули бехор начидаст касе.**

**¯омӣ**

Ҳамроқулов Саҳобиддин Холматович 23 моҳи майи 1951 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таввалуд шудааст. Аввал дар мактаби « 10 хонда, сипас мактаби миёнаи № 5 ро хатм намудааст. Баъди хатми мактаби миёна аз соли 1967 то соли 1979 дар корхонаи «ӯзбекангишт» ко рва фаъолият намудааст. Соли 1969 ба донишкадаи омӯзгории Ангрен ба шӯъбаи математика дохил шуда , бомувафаққият ба анҷом расонидааст. Аз соли 1973 баъди хатми донишкада ба ҳайси муаллим дар мактаби № 17 ба кор шрӯъ намудааст. Соли 1989 курси кӯтоҳмуддати роҳбарони сиётатшиносро хатм намудааст. Соли 1989 ӯро аҳли маҳалла ба депутатии совети маҳаллӣ пешбарӣ намуданд. Фаъолияти меҳнатии Саҳобиддинро ба инобат гтрифта роҳбарияти шаҳр вайро ба вазифаи масъули Сардори почтаи Ангрен таъин намуданд, то ҳоло дар ҳамин вазифа сарбаландона меҳнат мекунад.

Баъди сардори почта таъин шудан ӯ ду сол, аз соли 1994 то соли 1996 дар коллеҷи алоқа таҳсил намудааст.

Дар ободӣ ва ривоҷу равнақи шаҳри азизамон ҳамчун фуқаро ва ҳамчун депутати халқ хизматҳои шоиста дорад. Саҳобиддин бо гурӯҳе аз зиёиёни миллатдӯст барои кушода шудани гурӯҳҳои тоҷикӣ дар назди донишкадаи омӯзгории Аегрен саҳмгузор аст.

Саҳобиддин борҳо чун депутати кӯмитаи маҳаллӣ ва шаҳри интихоб шудааст. Вай оиладор аст, ¤ соҳиби панҷ фарзанд, се Писару ду духтар ва даҳҳо набераву абера мебошад.

## Дадоматов Турсун
## ¯онишини директории генералии заводи «Резинотехника».
## Ветерани меҳнат



**Бувад расму оини марди далер,**
**Ки орад бо оҳистагӣ Шер зер.**
**Фирдавсӣ**

Дадоматов Турсун 15 феврали соли 1943 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дертар оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. ¤ соли 1949 ба мактаби № 10 рафта, соли 1960 мактабро хатм намудааст. Соли 1960 ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №3 (ГОРТУ-3) дохил шуда, соли 1962 ба анҷом расонидааст. Фаъолияти кории ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1962-1970 ба ҳайси электрослесар (аввал устои дараҷаи якум, сипас то дараҷаи шашум рафта расидааст.) дар ГРЭС.
2. 1970-1973 чун устои дараҷаи шашум дар вазифаи электрослесари кор кардааст.
3. 1973-1974 дар шахтаи № 9 электрослесари зеризаминии дараҷаи панҷум.
4. 1974-1986 сардори шӯъбаи таъминоти заводирезинотехника.
5. 1986-2002 ҷониши директории генералии заводи Резинотехника.
6. Аз соли 2003 дар нафақаи меҳнатӣ.

Дадоматов Турсун барои меҳнати софдилонааш ва меҳнатдӯстиаш борҳо бо мукофотҳои олӣ сарафроз гардонида шудааст аз ҷумла;

1. 1989 барои меҳнати чандинсола ва софдилонааш бо нишони «Аълочии нафткоркардабарории собиқ иттиҳод».
2. 1990 бо нишони «Ветерани меҳнат».
3. бо чандин ифтихорномаҳои завод, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ низ мукофотонида шудааст.

Оиладор соҳиби 7 фарзанд, шаш Писару як дутар, даҳҳо набераву аберaҳо.

## Ғаниев Малик
## Директори Турбаза



**Нишони падар бояд андар писар,**
**Раво бошад, ар камтар орад ҳунар.**
**Фирдавсӣ**

¢аниев Малик 22 октябри соли 1941 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дертар оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд.

Баъди хатми мактаби миёна соли 1960 ба ҳайси сарпионервожатии мактаби 10 ба кор таъин шудааст. Байни солҳои 1960-1963 дар сафи қӯшунҳои собиқ иттиҳоди шӯравӣ хизмати халқу Ватан кардааст.

1. 1963-1969 чун сарпионервожатии мактаби 10 кор кардааст.

кор кардааст.

2. 1969-1973 ба ҳайси ҷонишини директр оид ба корҳои тарбиявӣ дар мактаби 10 кор кардааст.
3. 1973-1977 дар органҳои бехатарии шаҳр кор ва фаъолият бурдааст.
4. 1977-1983 дар мактаби № 10 кор кардааст.
5. 1883-1995 ба ҳайси директори турбаза фаъолият кардааст.
6. соли 2005 баъди беморӣ вафот кардааст.

¢аниев малик барои меҳнати софдилонааш ва меҳнатдӯстиаш борҳо бо мукофотҳои олӣ сарафроз гардонида шудааст.

Оиладор соҳиби чандин фарзанд, даҳҳо набераву абераҳо.

## Назаров Абдуқодир



**Падид овард устоде ҳунаркеш,**

**Ба ҳар ангушти дасташ сад ҳунар беш.**

**¯омӣ**

Назаров Абдуқодир соли 1944 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дертар оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. ¤ соли 1951 ба мактаби № 10 рафта соли 1962 мактабро тамом кардааст. Соли 1962 ӯро ба ҳайси сардори ЖЭК ба кор таъин намудаанд, ки то соли 1986 дар ин вазифа кор кардааст. Соли 1986. дертар сардори ОКС шуда кор кардааст. Дар корхонаи мушараки ¤збекистон-Германия «Коалин» ба ҳайси сардорӣ низ фаъолият кардааст. Оиладор соҳиби 10 фарзанд, се Писару 7 духтар, даҳҳо набераву аберахо. Ҳоло дар қайди ҳаёт нест.

## Шодиматов Мирзаолим

## Сардори мехсеи шахтаи № 9



**Куҷо ӯ бувад, манн наям ба кор,**

**Ки ӯ паҳлавон асту гурду савор.**

**Фирдавсӣ**

Шодиматов Мирзаолим 1 апрелисоли 196о дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дуне омадааст. Дар мактаби № 23 шаҳри Ангрен таҳсил гирифта соли 1997 хатм кардааст.Баъди хатми мактаб ба донишкадаи политехникӣ дохил шуда, соли 1985 хатм кардааст.

Байни солҳои 1978-1980 дар округиТуркво хизмати ҳарбиро ба ҷой овардааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1977-1981 коргари ПТУ Ангрен.
2. 1981-2010 дар Шахтаи № 9.
3. аз соли 2010 ба нафақаи меҳнати баромада бошад, ҳам корро то ҳоло давом дода истодааст.

Дар давоми мӯҳлати меҳнатии худ аз челонгари оддӣ кор Сар кар карда то ба дараҷаи сарэнергетики корхона омада расидааст.

Барои хизматҳои шоёнаш бо чандин ифтихорномаҳои шаҳру вилоят ва бо мукофотҳои моливу пулӣ сарафроз гардонида шудааст. Аз ҷумла бо медалҳои:

1. «Шӯҳрати кончӣ» дараҷаи 3-2007.
2. «Шӯҳрати кончӣ» дараҷаи 2-2009.
3. «Шӯҳрати кончӣ» дараҷаи 1-2010.

Соҳиби пурраи кӯҳкани шӯҳратдор.

Соли 1986 дар мусобиқаи кончиёни собиқ иттифоқ дар ВДНХ шаҳри Маскав ширкат намуда ба гирифтани ҷои ифтихории 1 ноил гардида, шарафи кончиёни Ангренро дар тамоми иттифоқ баланд бардоштааст ва бо саёҳатномаи 35 рӯза ба кишвари Англия мушарраф гардидааст.

Оиладор соҳиби4 фарзанд, 1 писару се духтар, ва даҳҳо набераҳо мебошад

**Бобоқулов Баҳриддин**

**Директории заводи хиштбарорӣ**

**Директории заводи сементбарорӣ**



**Мероҳани худ зи гиё бофтӣ,**

**Хишт задӣ, рӯзӣ аз он ёфтӣ.**

**Низомӣ**

Бобоқулов Баҳриддин 21 декабри соли 1940 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1953 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. ¤ ба мактаби № 10 шаҳри Ангрен ба хондан меравад. Соли 1957 синфи 7-ро тамом кардааст. Аз синни 16 солагиаш ба заводи чирпичбарорӣ ба кор даромадааст. Дертар ба заводи сементбарори ба кор даромада, чандин сол ба ҳайси муҳандис, сармуҳандис ва муддати дуру дароз дар вазифаи директории завод ко рва фаъолият кардааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1958-1962 коргари заводи чирпикбарорӣ.
2. 1962-1968 электрослесари ҳамин корхона.
3. 1968-1971 сардори электросех.

;

4. 1971-1975 сармуҳандиси барқи семзавод.

5. 1975-1979 И,В,Д семзавод.

6. 1980-1982 муҳандиси сехи хиштбарорӣ.

7. 1982-1983 коргари мошинкашонӣ.

8. 1983-1988 коргари шӯъбаи сӯхторхомӯшкунии «¤збекангишт».

9. 1988-1990 сармуҳандиси заводи хиштбарорӣ.

10. 1990-1995 директори комбинати маводои сохтмонӣ.

11. 1995-2002 директори заводи сембарорӣ.

Бобоқулов Баҳриддин барои меҳнати софдилонааш ва меҳнатдӯстиаш борҳо бо мукофотҳои олӣ сарафроз гардонида шудааст аз ҷумла;

1990 бо нишони «Ветерани меҳнат».

бо чандин ифтихорномаҳои завод, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ низ мукофотонида шудааст.

Оиладор соҳиби чандин фарзанд, даҳҳо набераву абераҳо. Ҳоло дар қайди ҳаёт нест.

**Ҳамроқулов Нарзулло**

**Мудири магазини № 90**

;



**Ончи ҷовид бимонад, ном аст,**

**Номаи чоҳ фаноанҷОм аст.**

**¯омӣ**

Ҳамроқулов Нарзулло соли 1936 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт ба Дуне омадааст. солҳои 40 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меоянд.

Нарзулло ба мактаби № 3 шаҳри Ангрен соли 1944 ба хондан даромада мактаби зикршударо соли 1954 хатм мекунад. ¤ техникуми савдоро бо ихтисоси молшинос хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст

1.1954-1960 коргари шахтаи № 9.

2. 1960-1964- фурӯшандаи магазини № 51.

3. 1964-1984 мудири магазини № 43.

4. 964-1996 мудирир магазини № 90.

Аз соли 1996 дар нафақаи меҳнатӣ.

Ҳамроқулов Нарзуллоро барои меҳнати шоёнаш ьорҳо бо мукофотҳои олӣ сарфароз гардонидаанд.

;

¤ дорандаои ордени «Нишони меҳнат», ду ифтихорномаи фахрии ¯умҳурии ¤збекистон ва фахрии меҳнат мебошад.

Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад.

**Ҳамроқулов Хайрулло**

**Директории магазини № 90**



**Ба бо² ар набошад сабоҳ баҳрадеҳ,**
**Зи дил ²унчаро кай кушояд гиреҳ.**
**¯омӣ**

Ҳамроқулов Хайрулло соли 1939дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт ба Дуне омадааст. Солҳои 40 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меояд.

Нарзулло ба мактаби № 3 шаҳри Ангрен соли 1947ба хондан даромада мактаби зикршударо соли 1957 хатм мекунад. Маълумоташ олӣ ¤

донишкади Хоҷагии халқи шаҳри Тошкандро бо ихтисоси ҳисобчӣ ва иқтисодчӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст

1.1957-1958 коргари шахтаи № 9.

2. 1958-1962хизматчии ҳарбии қисмҳои ракетӣ.

3. 1962-1983 коргари магазини Ангренсавдо.

4. 1963-1964 шунавандаи курси такмили ихтисос.

5. 1964-1968 мудири магазини № 25.

6. 1968-1969 директории магазини № 51, 18.

7. 1969- донишҷӯи донишкадаи хоҷагии халқ.

8. 1975-2005 директори магазини молҳои спортӣ.

Аз соли 2005 дар нафақаи меҳнатӣ.

Ҳамроқулов Хайруллоро барои меҳнати шоёнаш борҳо бо мукофотҳои олӣ сарфароз гардонидаанд.

¤ дорандаои ордени «Нишони меҳнат», ду ифтихорномаи фахрии ¯умҳурии ¤збекистон,корманди аълочии савдои ва фахрии меҳнат мебошад.

Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад.

**Тошматов Тухтасун**

**Директори АО АТП-13 Оҳангарон-2003-09**

;



**Ҳиммати мард чун баланд бувад,**

**Дар ҳама кор арҷманд бувад.**

**¯омӣ**

Тошматов Тухтасун Маназарович соли 1950 дар шаҳри Ангрен дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Мактаби № 5 шаҳрро тамом кардааст.

Баъди хатми мактаби миёна ба шаҳри Душанбе рафта ба Донишгоҳи Давлатии Душанбе ба шӯъбаи иқтисодиёт дохил шуда, бомуваффақкият онро хатм намудааст ва соҳиби касби иқтисодчи гардидааст. Фаъолияти меҳнатии худро дар оғоз чун сардиспетчери АТП-29 шаҳри Ангрен сар намудааст. Сипас то соли 2003 дар заводи “Резинотехника” чун ҷонишини раиси Транспорти корхонаи зикршуда кор кардааст. Аз соли 2003 то соли 2009 директори АО АТП-13 шаҳри Оҳангарон адои вазифа намудааст.Барои хизматҳои шоёнаш сазовори чандин ифтихорномаҳои шаҳриву вилояти ва давлатӣ гардидааст. Оиладор соҳиби чандин фарзандони солеҳ мебошад.

## Сулаймонов Абдумалик

;

## Раиси Тадбиркор-ҳунармандони Ангрен

## Раиси Тадбиркор-ҳунармандони вилояти Тошканд

Сулаймонов Абдумалик 9 феврали 1956 дар шаҳри Ангрен таваллуд шудааст. Соли 1963 ба синфи якуми мактаби № 11 рафта, дертар ба мактаби № 17 гузашта, соли 1973 мактаби зикршударо тамом кардааст.

Соли 1973 ба факултаи Математикаи донишкадаи омӯзгории шаҳр дохил шуда, соли 1977 ба итмом расонидааст.

1. 1977-1978 муалими математикаи мактаби корҷавонони № 5.
2. 1978-1979 хизмат дар сафи қувваҳои ҳарбӣ.
3. 1979-1980 муалими математикаи мактаби корҷавонони № 5.
4. 1980-1991 муалими математикаи СПТУ-3.
5. 1991-1993 муовини роҳбари кооперативи «Семент».
6. 1993-2000 муалими математикаи мактаби корҷавонони № 5.
7. 1993-1999 тадбиркори миқёси давлатҳои мутаҳид.

Аз соли 2009 то ҳоло Раиси Тадбиркор-ҳунармандони Ангрен, ОҳангаронваРаиси Тадбиркор-ҳунармандони вилояти Тошканд

оиладор соҳиби се фарзанд, ду писару як духтар.

## Сайфиддинов Зайниддин

## Сармуҳандиси соҳаи барқи АО ӯзбекангишт



**Туро бо ҳунар гавҳар аст хирад,**

**Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.**

**Фирдавсӣ**

Сайфиддинов Зайниддин 22 октябри соли 1949 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт ба дуне омадааст. Соли 1955 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меояд.

Зайниддин ба мактаби №10 шаҳри Ангрен соли 1957ба хондан даромада мактаби зикршударо соли 1967 хатм мекунад. Худи ҳамон сол вай ба донишкадаи политехники Тоҷикистон дохил шуда, бо тахассуси муҳандиси барқ тамом мекунад.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст:

1.1972-1993 муҳандиси барқи заводи Резинотехника.

2. 1993-2007 сармуҳандиси соҳаи барқи АО ӯзбекангишт.

3. Аз соли то ҳоло муаллими калони коллеҷи Кимё-саноати шаҳр.

Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад.

;

## Юлдошев Аҳмадалӣ

## Директори бозори Ангрен 1990-1998



**Ҳама сарбасар дасти некӣ баред,**

**¯аҳони ҷаҳонро ба бад маспаред.**

**Фирдавсӣ**

Юлдошев Аҳмадалӣ 22 феврали 1952 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1977 дар техникуми бинокорӣ таҳсил гирифтааст. Соли 1988 дар техникуми план-иқтисод таҳсил гирифтааст. ¤ дар солҳои 1992-1997 дар донишкадаи Хоҷагии халқи Тошканд таҳсил намуда, соҳиби маълумоти олӣ гардидааст. Якчанд маротиба ӯро ба депутатии маҳалли пешбари намудаасн.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1969-1970 коргари заводи оҳану бетони № 4.

;

2. 1970-1971 коргари кормбинати «Ангишти Осиёи Миёна».

3. 1971-1973 дар хизмати ҳарбӣ.

4. 1973-1977 коргари соҳаи савдои Оҳангарон.

5. 1977-1990 мудири ресторани «довон»-и Оҳангарон.

6. 1990-1998 директори бозори Ангрен.

7. 1998-2000 Ёрдамчии диретори кони ангишти Ангрен.

8. 2000-2005 директори бозори «Намуна»-и Оҳангарон.

9. 2005-2006 директори бозори Олмалиқ.

10. 2006-2010 сардори ҷамъияти пӯшидаи ААО ӯзбекангишт.

**11.** 2010-2011 мудири ҷамъияти пӯшидаи ААО ӯзбекангишт.

**12.** аз соли 2011 мудири анбори ҷамъияти пӯшидаи ААО ӯзбекангишт.

Оиладор соҳиби шаш фарзанд, ду писару чор духтар.

## Шодиматов Муҳаммадҷон

## Сардори сухторхомӯшкунандагони шаҳр 1971-1983

;



**Гар наӣ кӯкан, аз ²афлати дил ²офил машав,**
**Дар шикасти камари кӯҳ садое дарёб.**
**Маъдан**

Шодиматов Муҳаммадҷон 26 январи соли 1947 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Оилаи онҳо соли 1939 ба шаҳри Ангрен икӯчида омадааст. Соли 1965 мактаби № 10-ро бо баҳои «Аъло» хатм намудааст. Баъди хатми хизмати ҳарбӣ аз соли 1969 о²оз намуда дар ҳайати сухторхомӯшкунандагон ба ҳайси тарбиятгар ба кор пардохтааст. Аз соли 1970 то соли 1971 ба ҳайси муҳандиси калон фаъолият кардааст. Аз соли 1971 то соли 1983 чун сардори гурӯҳи сухторхомӯшкунандагон кор кардааст. Соли 1983 баъди командаи онҳо, Ки ҳарбӣ кунонида шуд ӯ ба экпедитсияи геологии £урамаи Шарқӣ чун муҳандиси калони соҳаи бехатарӣ ба кор гузаштааст. То соли 2009 меҳнат намуда ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст. Барои меҳнати шоистааш борҳо бо ифтихорномаҳои шаҳриву вилоятӣ сарафроз гардонида шудааст. Соли 1997 бо унвони «Собиқадори меҳнат» мукофотонида шудааст. соҳиби 5 фарзанд, се Писару ду духтар, даҳҳо наберахо мебошад.

# Мадиёров ¯ӯрабой

# Директории КП «Садо ЛТД»



**¯авонмардӣ аз корҳо пеша кун,**
**Ҳама некӯвӣ андар андеша кун.**
**Фирдавсӣ**

Мадиёров ¯ӯрабой 15 октябри соли 1957 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Оилаи онҳо соли 1939 ба шаҳри Ангрен икӯчида омадааст. Соли 1965 ба мактаби № 17 рафта соли 1975 хатм намудааст. Соли 1975 ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен дохил шуда бо тахассуси мутахассиси Фани математика соли 1979 тамом кардааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1979-1980 муаллими математикаи мактаби № 5.
2. 1980-1984 муаллими математикаи мактаби № 10.
3. 1984-1985муаллими математикаи мактаби № 8.
4. 1985-1991муаллими математикаи мактаби № 72.
5. 1991-1992 директори «Коопсавдо»-и шаҳри Янгиобод.

6. 1992-1993 директори МУП «Садо»- Янгиобод.
7. 1993-1995 директори комбинати саноатии Янгиобод.
8. 1999 -2003 директори тиҷоратии ООО «ТЭК».
9. Айни замон дар сехи мебелсозӣ ҷонишини директор.

Барои меҳнати шоистааш борҳо бо ифтихорномаҳои шаҳриву вилоятӣ сарафроз гардонида шудааст. соҳиби 5 фарзанд, 4 Писару 1 духтар, даҳҳо наберaҳо мебошад.

## Назиров Мадамин Комилович
## Сардори участкаи Хоҷагии ҷангалпарварӣ



**Ҳар пуштаи дилкушо дар ин аср**
**Ҳам гулшани ҷаннат асту ҳам қаср.**
**Ҳилолӣ**

;

Назиров мадамин 30 апрели соли 1955 дар шаҳри Ангрен ба Дуне омадааст. Мадамин то синфи 8 дар мактаби рақами 15 таҳсил гирифта сипас мактаби № 17-ро ба итмом расонидааст. Баъди хатми мактаби миёна ба шаҳри Тошканд рафта ба донишкадаи Хоҷагии қишлоқ ба шӯъбаи Хоҷагии ҷангал дохил шуда бомувафаққият тамом карда соҳиби тахассуси муҳандиси хоҷагии ҷангал гардидааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ аз соли 1974 о²оз гардидааст. Дар хоҷагии ҷангалпарварии Ангрен дар вазифаҳои гуногун меҳат намудааст. Дар Айни замон дар вазифаи сардори и ҷангалпарварӣ. Дар давоми меҳнатии худ зиёда аз 200га ҷангал бунёд кардааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанд ва наберахои солеҳ мебошад.

**Бобоев Хӯҷамурод**
**Мудири магазини №72**



;

**Аз шакар кому даҳан осояд,**
**В-аз шакарханда равон осояд.**
**¯омӣ**

Бобоев Хӯҷамурод 1 майи соли 1927 дар деҳаи Пон²оз ба дунё омадааст. Мактабро дар зодгоҳаш ба итмом расонидааст. Соли 1942 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадаанд. Бобоев дар давоми фаъолияти меҳнатии худ дар соҳаҳои гуногуни шаҳр меҳнат намудааст. Баъди ба шаҳри Ангрен кӯчида омадан аввал дар кони лашкарак, сипас дар кони Навгарзан кор кардааст. Баъд ӯ ба ба корхонаи хӯроки умумӣ ба кор даромада муддате онҷо меҳнат кардааст. меҳнатҳои шоёни ӯро ба ҳисоб гирифта корхонаи Ангренсавдо ӯро ба магазини №72 ба мудирӣ таъин менамояд. ¤то дами ба нафақа баромадан дар вазифа мудирӣ кор кардааст. Ҳукумати шаҳр меҳнатҳои шоёни ӯро ба ҳисоб гирифта бо мукофотҳои лоиқ сазовор гардонидааст. Дар давоми фаъолияти чилсолаи худ ӯ Зарбдори меҳнат, Ветерани меҳнат, Шаҳрванди лоиқи шаҳр ва боз бо чандин ифтихорномаҳо тақдир кардааст. Оиладор соҳиби ҳафт фарзанди солеҳ, чор Писару се духтар, 22 набераву як абера мебошад.

## Ҳоҷиматов Нурмад

## Мудири магазини № 24

## Собиқадори меҳнат



**Ҳаме то тавонӣ ба неки гирой,**

**Ситоиш кун ӯро, ки шуд раҳнамой.**

**Фирдавсӣ**

Ҳоҷиматов нурмад, 18январи соли 1937 дар деҳаи Бо$^{2}$су$^{2}$д дар оилаи деҳқон ба дуне омадааст. Дар мактаби № 10 шаҳри Ангрен таҳсил гирифтаасвт. Баъди хатми мактаб ба омӯзишгоҳи касби-техникии № 3 дохил шуда соли 1954 хатм кардааст.

Барои хизматҳои шоёнаш бо чандин ифтихорномаҳои шаҳру вилоят ва бо мукофотҳои моливу пулӣ сарафроз гардонида шудааст.

Собиқадори меҳнат.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

4. 1954-1955 коргари сехи механикаи АСУ-2-и Ангрен.
5. 1955-1957 дар АСУ-2 дар сохтмони роҳи Навгарзан.
6. 1957-1960 дар АСУ-1 коргари канали ангрен.
7. 1961-1962 фурӯшандаи магазин.
8. 1962-1997 мудири магазини № 24.

9. аз соли 1997 дар нафақаи меҳнатӣ.

Оиладор соҳиби 8 фарзанд, 5 писару се духтар, ва даҳҳо набераву абераҳо мебошад

**Мадалиев Раҳимҷон**

**Директории заводи ширу рав²ан-1978**



**Ба сабр аз дона ояд хӯша бурун,**

**Зи хӯша раҳравонро тӯша бурун.**

**¯омӣ**

Мадалиев Раҳимҷон 15 майи соли 1938 дар деҳаи Пон²ози ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Баъди хатми синфи якум соли 1950 оилаи онҳо ба шаҳри ангрен кӯчида омаданд. Дар Ангрен баъди хатми синфи 6 мактаби №10 ба заводи ширбарории шаҳр ба кор дохил шуд. Соли 1957 маъмурияти завод меҳнатдӯстии ӯро ба инобат гирифта Раҳимҷонро ба шаҳри Тошканд ба омӯзишгоҳи Истеҳсолоти гӯшту ширӣ ба хондан фиристод. Соли 1959 ӯро ба

сафҳои Армияи Шӯравӣ даҳват намуданд. Баъди як соли хизмат бо талаби завод ӯро пеш аз муддат аз сафҳои хизмати ҳарбӣ озод намуданд. Аз хизмати ҳарбӣ боз ба завод баргашта омада дар вазифаҳои машинисти дастгоҳҳои яхдонӣ, сипас, механикӣ кор кардааст. Соли 1967 ¤ дар Самарқанд дар техникуми истеҳсоли хӯрокворӣ таҳсил кардааст. Соли 1972 ӯро ба ҳайси сармуҳандиси заводи ширу рав$^{2}$ани шаҳри олмалиқ таъин намуданд. Соли 1978 дар Ангрен хати нави заводи шир ба кор даромад ва мадалиев раҳимҷонро ба ҳайси ҷонишини директории завод ба кор даъват намуданд. Соли 1995 ӯро ба вазифаи чун муҳандис-технологи дарачаи якум ба заводи кӯҳӣ-металургии Олмалиқ ба кор даъват намуданд. Соли 1997 ӯро ба вазифаи Сардори шУъбаи кадрҳои саруправленияи Углестрой ба кор даъват намуданд. Аз соли 2004 то ҳоло дар вазифаи муовини «Кумир кон қурулиш» фаъолият дорад. Барои хизматҳои шоёнаш дорандаи як орден «Нишони ҳурмат» в аду медакл «Барои меҳнати шоиста», «Фахрии меҳнат» сарфароз гардонидаанд. Оиладор соҳиби панқ фарзанд ва чандин набераҳо мебошад.

**Азимов Сафармамад Ҳошимович**

**ООО «АнгренАТЕК» и.в.директор**



**Чу хоҳӣ сад қабо дар шодкомӣ,**

**Бидар, як пираҳан дар некномӣ.**

**Низомӣ**

Азимом Сафармамад 19 декабри соли 1956 дар деҳаи Груми шаҳри Ангрен дар оилаи коргар ба Дуне омадааст. Дар мактаби миёнаи №15 таҳсил кардааст. Баъди хатми ГСПТУ байни солҳои 1972-1981 ба ҳайси механик-конструктор кор кардааст. Сипас дар донишкадаи политехники Тошканд дар факултаи АОТФ таҳсил гирифта бо тахассуси муҳандиси-механики автомобил ва трактор ба охир расонидааст. Айни замон ба ҳайси иҷрочии вазифаи директории ООО «Ангрен АТЕК» фаъолият намуда истодааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераҳо мебошад.

## Хомирзоев Неъматулло
## Директории хоҷагии комуналии Янгиобод



;

**Чу Каъба £иблаи ҳоҷат шуд, аз диёри банд,**

**Раванд халқ ба дидораш аз басе фарсанг.**

**Саъдӣ**

Неъматулло 3 марти соли 1953 дар шаҳри Ангрен дар оилаи кӯҳкан ба дуне омадааст. Ӯ хатмкардаи мактаби миёнаи №17 мебошад. Соли 1969 ба шаҳри Душанбе рафта ба донишкадаи политехники Тоҷикистон дохил шуда факултети Сохтмончигиро ба итмом расонидааст ва соҳиби ихтисоси муҳандис-сохтмончӣ гардидааст. Фаъолияти кории ӯ аз соли 1974 чун муаллими фанҳои махсус дар теникуми сохтмони Ангрен о²оз гардида то соли 1982 давом кардааст. Соли 1982 ӯро ба ҳайси сардори «Шӯъбаи истеҳсолоти техникӣ» таъин намудан. Соли 1984 ӯро ба ҳайси сардори «трести хоҷагидорӣ» таъин намуданд. Фаъолияти хуби меҳнатиашо ба ҳисоб гирифта ӯро ба вазифаи инструктори шӯъбаи ташкилии Кӯмитаи партиявии шаҳр пешбарӣ карданд.

Соли 1988 ӯро ба ҳайси котиби партиявии ПМК-15 ба кор таъин намуданд.

Соли 1995 ӯро ба ҳайси директории хоҷагии комуналии Янгиобод ба кор таъин кардан два то соли 1999 дар ин вазифа фаъолият намуд.

Соли 2000 то соли 2006 дар вазифаи «Ассосиатсияи автомобилҳои хусусӣ» кор кардааст.

Солҳои 2006-2007 сармуҳандиси «Ассосиатсияи ширкатҳо»

Фаъолият бурдааст.

борҳо чун депутати совети шаҳрӣ интихоб гардидааст.

Оиладор соҳиби ду Писару ду духта ва даҳҳо набераҳо.

# Директорони мактабҳо

**Назаров Мирзоаҳмад**

**Директори мактаби №1**



**Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,**

**Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ.**

**¯омӣ**

Назаров Мирзоаҳмад соли 1925 дар деҳаи Бо²су²ди шаҳри Ангрен таваллуд ёфтааст. Дар мактаби деҳаи худ маълумот гирифта соли 1940 мактаби миёнаро хатм кардааст. Ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Тошканд ба номи Низомӣ ба факултаи Таърих дохил шуда , бо тахассуси муалими фани таърих ба итмом расонидааст.

1. 1941-1969 муаллими мактаби № 30.
2. 1969-1983 мудири қисми илмии мактаби № 23.
3. 1983-1988 директори мактаби № 1.
4. 1988 дар нафақаи меҳнатӣ.
5. Оиладор соҳиби ҳашт фарзанд се писару панҷ духтар.

;

**Дадоматов Ахмадалӣ**

**Директори мактаби № 17**

**Аълочии маорифи халқ**



**Наёбад хеҷ кас умри дубора,**

**Ба илме рав, к-аз онат нест чора.**

**¯омӣ**

Дадоматов Ахмадалӣ 25 майи соли 1930 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи шахси зиёӣ ба дунё омадааст. Мактабро дар деҳаи худаш хондааст. Соли 1955 дар интернати шаҳри ҳозираи Хуҷанд хондааст. Соли 1955 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Дар мактаби № 10 Ангрен чанд муддат кор ва фаъолият намудааст. Соли 1960 ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод дохил шуда, шӯъбаи химия ва биологияи донишкадаи мазкурро хатм намудааст.

;

Солҳои 1966-1967 дар мактаби № 5 ба ҳайси муаллими биология ва химия, мудири қисми илмӣ кор кардааст. Соли 1972 то соли 1975 директори мактаби № 17 шуда, фаъолият намудааст. Солҳои 1975-1977 дар мактаби № 15 муаллими химия ва биология. Солҳои 1977-1978 дар мактаби № 10 ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ. Аз соли 1978 то соли 1992 дар мактаби № 17 муаллими фанҳои химия ва биология. Ва худи ҳамон сол ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст. Барои меҳнати софдилонааш борҳо бо ифтихорномаҳои шаҳриву вилоятӣ ва давлатӣ сарафроз гардонида шудааст. Медали «100-солагии Ленин», Ветерани меҳнат, нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқ» намунаи гуфтаҳост. Оиладор соҳиби 9 фарзанд, чандин набераву абераҳост. Соли 1993 дар сини 61 солагӣ вафот кардааст.

## Баротов Нишонбой
## Директории мактаби № 23



**Фузун аз хирад нест андар ҷаҳон,**

**Фурӯзандатар кеҳтарону меҳон.**

**Фирдавсӣ**

;

Баротов Нишонбой 10 декабри соли 1944 дар деҳаи Бо²ису²д таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳаш тамом кардааст. Баъди мактаби миёна ба донишкадаи омӯзгории шаҳри ленинобод соли 1962 дохил шуда, соли 1067 факултети методикаи таълими ибтидоиро бо тахассуси муаллими синфҳои ибтидоӣ бомувафаққият тамом кардааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст.

1. 1970-1976 мудири қисми илмии синфҳои ибтидоӣ.
2. 1976-1987 ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ.
3. 1987-1997 директори мактаби № 23 шаҳри Ангрен.
4. 1998-2001 директори филмотекаи шӯъбаи маорифи халқи Ангрен.

Аз соли 2004 дар нафақаи меҳнатӣ.

Оладор соҳиби 8 фарзанд, 6 писару 2 духтар ва чанлин невераву аберaҳо. ҳоло дар нафақаи меҳнатӣ ва гашти пирӣ меронад.

**Мирзалиев Азимҷон**

**Директори мактаби № 23**



**¢арқи дарёи тафаккур шудааем,**

**Таҳнишин чу садафу дур шудаем.**

**¯омӣ**

Азимҷон Мирзалиев соли 1941 дар деҳаи Бо²ису²д таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳаш тамом кардааст. Баъди мактаби миёна ба донишкада дохил шуда , бомувафаққият тамом кардааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст.

5. 1957-1959 коргари иттиҳодияи сохтмонии № 4.
6. 1959-1961 ёрдамчии машинисти экскаватор,
7. 1961-1969 муаллими мактаби № 9 ноҳияи Оҳангарон.
8. 1969-1982 директори мактаби № 23 шаҳри Ангрен.
9. 1982-1986 сардори шӯъбаи № 1 совхози «Октябр».
10. 1989-1994 директори совхози «Октябр».
11. 1994-1995 бригадири хоҷагии ёрирасони «Чаткал».

Оладор соҳиби чандин фарзанду невераву аберахо. оли 1998 баъди касалии дуру дароз аз олам чашм пӯшидаааст.

## Юлдашев Абдурахмон
## Директори мактаби №17



**Неъмати даҳр агарчи бисёр аст,**

**Неъмате беҳтар аз рафиқ куҷост?**

**Суҳайлӣ**

Юлдашев Абдурахмон Мадаминович

Соли таваллуд — 1954

Ҷои таваллуд — Ангрен

Маълумот — олӣ

Тамом кардааст— донишкадаи омӯзгории давлатии вилояти Тошканд, соли 1979.

Мувофиқи маълумот — муаллими математика

Солҳои 1972-1973 — Роҳбари гурӯҳи рӯзаш бардавом

1973-1974 — Муаллими математикаи мактаби №17

1974-1976 — Хизмати ҳарбӣ

;

1976-1997 — Муаллими математикаи мактаби №17

1997 то имрӯз директори мактаби умумитаълимии №17

Оладор соҳиби чандин фарзанд ва чанлин набераҳо.

## £ӯшматов Неъмат

## Директори мактаби № 10



**Ба манзил расид он ки пӯянда буд,**
**Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.**
**Фирдавсӣ**

£ӯшматов Неъмат соли 1938дар деҳаи Мулломири ноҳияи Ашт дар оилаи шахси зиёӣ ба дунё омадааст. Мактабро дар деҳаи худаш хондааст. Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод дохил шуда, шӯъбаитаърихи донишкадаи мазкурро хатм намудааст.

Чандин солҳо дар мактаби № 10 шаҳри Ангрен ба ҳайси директори мактаб фаъолият кардааст.

Оиладор соҳиби чандин фарзанд фарзанд, чандин набераву абераҳост. (Маълумоти кофӣ аз тарафи фарзандонаш дастрас нашуд).

## Самадов Раҳматҷон
## Директори мактаби № 37

**Дарахту кишт барояд зи хоку он гӯяд,**
**Ки, хоҷа, ҳар чӣ бикорӣ ҳамон рӯяд.**
**Шамси Табрезӣ**

Самадов Раҳматҷон 26 январи соли 1952 дар деҳаи Бо²су²ди шаҳри Ангрен таваллуд шудааст. ¤ дар мактаби № 10 шаҳри Анрен таҳсил гирифтааст. Барои хондан ба шаҳри Душанбе рафта, ба донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шудааст. Донишгоҳро бо тахассуси муаллими фанни таърих бомувафаққият ба итмом расонидааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст:

1. 1975-1978 муаллими таърихи мактаби № 23.
2. 1978-1989 муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ.
3. 1989-1992 директори мактаби № 37.
4. 1998-2012 методисти шУъбаи маорифи халқи Ангрен.

Аз соли 2012 дар нафақаи меҳнатӣ. Оиладор соҳиби чаҳор фарзанд ва чандин набераҳо.

## Тошматов Турсунмат Юлдошевич
## Директории мактаби №10 аз соли 2008
## Аълочии таълими халқии Республикаи Ўзбекистон -2011

;



**Рафиқи хайли хаёлему ҳамракиби шикеб,**

**£арини меҳнату андӯҳу ҳамқарини фироқ.**

**Ҳофиз**

Турсунмат Тошматов 20 сентябри соли 1956 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст.

Соли 1963 ба мактаби № 10 ба хондан рафта, соли 1970 ба мактаби № 17 ба хондан гузашта соли 1973 мактаби мазкурро тамом намудааст.

Соли 1973 ба шаҳри Душанбе рафта ба донишгоҳи давлатии тоҷикистон ба факултаи Физика дохил шуда , донишгоҳи мазкурро соли 1979 ба итмом расонидааст. Баъди хатми

донишгоҳ ба шаҳри Ангрен баргаштааст. Соли 1979 фаъолияти меҳнатии худро дар мактаби № 17 ба ҳайси муаллими фанни физика о²оз намудааст.

Соли 1992 унвони «Аълочии маорифи халқи ¤збекистон»ро сазовор гардидааст.

Солҳои 1995-2000 дар шӯъбаи маорифи халқи шаҳри Ангрен кор кардааст.

Соли 2008 ¤ро ба вазифаи директории мактаби №10 ба кор таъин намуданд.

;

Оиладор соҳиби чандин фарзанду набера аст.

## Набиев Ҳидоятулло Абдуламитович
## Директории мактаби №38



**Андак-андак илм ёбад нафс, чун олӣ бувад,**
**£атра-қатра ҷамъ гардад в-он гаҳе дарё гардад.**
**Носири Хусрав**

Ҳидоятулло 9 январи соли 1956 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи коргар таваллуд ёфтааст. Баччагиаш дар ҳамини деҳа гузаштааст. Вай дар мактаби № 23 таҳсил гирифтааст. Баъди хатми мактаби миёна ба шаҳри ХуҷАнд рафта ба донишкадаи омӯзгории Хуҷанд (ҳоло ба номи академик Бобоҷон ¢афуров) ба хондан даромада соли 1980 факултаи Забон ва адабиёти тоҷикро хатм намуда ба гирифтани унвони муаллими забон ва адабиёти тоҷик Мушарраф гардидааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1974 сарвожатии мактаби № 23.
2. 1976 муаллими забон ва адабиёти ҳамин мактаб.
3. 1979 муаллими синфҳои ибтидоии дар мактаби № 1.

;

4. 1985 мудири қисми илмии мактаби № 1.
5. 1988 диретори ҳамин мактаб.
6. 1997 директори мактаби № 38.
7. 2000 Раиси кумитаи маҳаллии ба номи Берунӣ.
8. диретори «Маркази эодии техникӣ»и шаҳри Ангрен.
9. оиладор соҳиби шаш фарзанд, ду Писару чор духтар.

## Абдураҳмонов Азимҷон
## Директори мактаби ибтидоии № 23



**Ҳеҷ талхӣ нест талхтар,**
**Аз фироқи дӯстони пурҳунар.**
**Рӯдакӣ**

Абдураҳмонов Азимҷон 4 майи 1947 дар оилаи колхозчӣ дар деҳаи Бо²ису²д таваллуд ёфтааст. Соли 1954 ба мактаби миёнаи № 91 ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, соли 1965 синфи 11-ро хатм намудааст. Соли 1967 ба мактаби № 23 зодгоҳаш ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидоӣба кор қабул карда мешавад. ¤ худи ҳамон сол ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанди

ҳозира ба хондан даромада, дар шӯъбаи ²оибонаи факултаи биология хондааст.

Соли 1974 дар мактаби №23 ¤ ба ҳайси мудири қисми илмӣ фаъолият намудааст. Соли 1998 ӯро ба ҳайси директори мактаби ибтидоии № 23 ба кор таъин карданд. Оиладор соҳиби 8 фарзанд панҷ писару се духтар. 29 апрели соли 2010 дар синни 63 солагӣ аз олам гузаштааст.

## Нуриддинов Рӯзибой
## Директори мактаби № 2



**Фиристода бояд доно бувад,**
**Ба гуфтан далеру тавоно бувад.**
**Фирдавсӣ**

**Ман на он бошам, ки баҳри шӯҳрат меҳнат карда бошам,**

**Ман на онам, миннати кори хеш пеш карда бошам.**

**Рӯзибой**

Нуриддинов Рӯзибой дар деҳаи Мулло Мири ноҳияи Ашт ба дунё омадааст. Оилаи онҳо дертар ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. ¤ дар мактаби рақами 10 шаҳри Ангрен таҳсил карда, соли 1966 синфи 8 ро хатм намуд. ;

Худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри ҳозираи Хуҷанд ба хондан рафта соли 1970 омӯзишгоҳро бомувафаққият тамом намуда ба Ангрен баргашт. ¤ро ба мактаби № 10 чун муаллими синфҳои ибтидоӣ ба кор қабул намуданд. Дере нагузашта ӯро ба сафи қувваҳои мусаллаҳ баҳри хизмат даъват намуданд. Баъди хизмат боз баргашта ба мактаб омад ва ба ҳайси муаллими меҳнат кор сар кард. Соли 1973 як қисми муаллимони мактабро ба мактаби навташкили № 17 гузарониданд, ки дар қатори онҳо Нуриддинов ҳам буд.

Дар мактаби навбунёд ӯро муаллими тарбияи ҷисмонӣ таъин намуданд. Соли 1978 ӯ донишкадаи омӯзгориро хатм намуд ва соҳиби маълумоти олӣ гашт. Ӯ чун муаллими фанҳои забон ва адабиёти рус ва чун муаллими синфҳои ибтидоӣ, меҳнат ва тарбияи ҷисмони таҷрибаи калон дошт, бинобарон ӯ дар мактаби № 25 дарсҳои тарбияи ҷисмониро бо забони русӣ мегузаронид.

Соли 1983 таҷрибаи бои ӯро ба ҳисоб гтрфта мудири маорифи шаҳр ӯро ба вазифа методисти Шӯъбаи маорифи халқи Ангрен ба кор таъин намуданд. Баъди як соли меҳнат ӯро назоратчииШӯъбаи маориф таъин намуданд.

Соли 1991 ӯро чун директори мактаб ба мактаби № 2 ба кор фиристонидан.

Соли 1993 ӯро ба мактаби шабонаи коргарҷавонон директор таъин намуданд. Баъди пӯшида шудани мактабҳои шабона чанд муддат дар мактаби №4 кор кард.

Соли 1998-1999 дар маҳаллаи Наврӯз чун раиси кӯмитаи маҳаллӣ фаъолият намуд.

Соли 2000 боз ба шӯъбаи маориф ба кор таъин намуданд. Оиладор соиби чандин фарзанду наберахо аст.

## Ғаниев Рустам Ваҳобович

## Директории мактаби № 17



**Диҳад номи некӯт имрӯз бор,**

**Ба фардот хушнудии кирдугор.**

**¯омӣ**

Соли таваллуд — 1949

Ҷои таваллуд — шаҳри Ангрен

Солҳои таҳсил дар мактаби миёна – 1956-1966

Фаъолияти меҳнатиро соли 1966 ҳамчун муаллими синфҳои ибтидоӣ оғоз кардааст.

Солҳои 1968-1970 — хизмати ҳарбӣ.

Аз соли 1970 муаллими синфҳои ибтидоӣ

Соли 1972-1977 — таҳсили ғоибона дар Олигоҳи омӯзгории ш. Самарқанд.

1972-1981 — муаллими забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби №17

1981-1992 – ҷонишини директор оиди корҳои тарбия дар мактаби №17

1992-1996 — муаллими забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби №17

;

1996-1997— директори мактаби №17

1997-2008 — маuллими забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби №17

2008 то имрӯз — муаллими Олигоҳи омӯзгории давлатии вилояти Тошканд.

Бо унвони Муаллими сол ва Аълочии маорифи халқ тақдир карда шудааст:

## Дадобоева Роҳат
## Мудираи бо²чаи № 49



**Зан зан зи вафо шавад, зи зевар нашавад,**
**Сар, сар зи даҳо шавад, зи афсар нашавад.**
**Саноӣ**

Дадобоева Роҳат 15 феврали 1951 деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1966 мактаби миёнаро хатм намуда, худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Ленинобод ба хондан рафтааст. Баъди хатми омӯзишгоҳ чанд муддат дар деҳаи худ ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ кор мекунад. Соли 1971 ба донишкадаи забон ва адабиёти республикави

дохил шуда, бомувафаққият тамом намуда, соҳиби маълумоти олӣ гардидааст.

1. 1970-1978 муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби № 10.
2. 197801990 муаллими забон ва адабиёти Руси мактаби № 10.
3. 1986-1992 мудири қисми илмии мактаби номбурда. бо²чаи № 49 шаҳр.
4. 1992 2003 мудираи бо²чаи № 49 шаҳр.

Оиладор соҳиби ду фарзанд ва чандин наберахо. соли 2003 вафот кардааст.

# Аълочиёни маорифи халқ

## Абдуқодиров Абдулҳай
## Аълочии маорифи халқи Ўзбекистон



**Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,**
**Дониши бекор наярзад ба ҳеч.**
**¯омӣ**

Омӯзгори фанҳои физикаю математикаи тоифаи олӣ Абдуқодиров Абдулхай 20-уми августи соли 1948 дар кишлоки Понғози райони АШТ таваллуд шудааст. Падараш Шерматов Абдуқодир солхои 1944-46 дар

шахтаи 2-БИС, пас дар корхонаи № 29-и Янгиобод кор кардааст. Вай аҳли оилаашро ба шаҳри Ангрен соли 1953 овардааст. Модараш Шерматова Ҳурматбиби хонанишин буд.

Абдуқодиров Абдулҳай соли 1966 синфи 11-умро дар мактаби миёнаи рақами 5 дар маҳаллаи Тешик-Тош хатм намуда ба институти педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М. Киров дохил мешавад. Ба ихтисоси математика онро бо муваффиқият тамом намуда фаъолияти педагогиашро дар мактаби №10оғоз менамояд. Соли 1972 ба ин мактаб раиси иттифоқи касаба интихоб мегардад. Аз соли 1980 то 2006 дар мактаби рақами 17 муаллими фанни физика ва математика шуда кор мекунад. Дар ин мактаб солҳои 1982-90 дар вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия кор карда корҳои таълиму тарбиявии мактабро ба зинаи баланд мебардорад. Дар корҳои ҷамъияти низ фаъолона иштирок мекунад. Аз соли 1988 то 2002 аъзои президиуми иттифоқи касабаи коркунони маорифи шаҳр интихоб гардида буд. Аз соли 2006 то имрӯз институти педагогии шаҳри Ангрен факултети педагогика кафедраи МТИ гурӯҳҳои тоҷикӣ ба сифати муаллими калон аз фанни математика дарс мегӯяд.

Зиёда аз шаст мақолаҳои он оид ба таълиму тарбия ва технологияҳои нави педагоги дар рӯзномаҳои “Учител Узбекистана”, “Овози тоҷик”, “Ангренская правда” чоп шудаанд. Барои мактабҳои таълими ҳамагонии тоҷикӣ китобҳои дарсии “Математика 4, Геометрия 9, Геометрия 11, Алгебра ва ибтидои анализ 11, Физика 8,9 нақшакашӣ 8” ва ғайраҳоро ҳамагӣ 11 номгӯи аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷима намудааст. Ва методи “Тарбияи иқтисодии хонандагон” ва “Ҳалли масъалаҳои математикӣ” дар нашриёти “Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон” чоп карда шудаанд. Ғолиби озмуни муаллими беҳтарини соли 1992 ва лауреати озмуни вилояти мебошад. Ба мамлакатҳои Белоруссия, Гургистон, Украина, Молдавия, Литва, Россия, Лаҳситон сафар кардааст. Барои инкишофи маорифи халқӣ ва таълиму тарбияи насли наврас бо унвони “Аълочии маорифи халқ” нишони

;

сарисинагии “Мустақиллик” ва се маротиба бо грамотаҳои фахрии вазири маорифи Ўзбекистон сарфароз гардидааст. Оиланок. Соҳиби 5 фарзанд ва 4 набера мебошад. Писари калонӣ Абдуқаюм номзади номзади фанҳои таърих дар институти педагогии шаҳри Ангрен, Абдумалик мудири шўъбаи инспексияи давлатии андоз, писари хурди Абдумӯъмин сарэнергетики корхонаи “Кумир қурилиш” духтаронаш Ойниссо ва Розиямо мувофиқан ҳисобчии мактаби № 37 ва ҳамшираи тиббӣ шуда кор мекунад.

## Абдуллоев Абдусалом

## Аълочии маорифи халқи ¤збекистон



**Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,**
**Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.**
**Фирдавсӣ**

Абдуллоев Абдусалом 10 феврали соли 1944 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон ба олам омадааст. Мактаби миёнаи № 4 ба номи Маъданро хатм намудааст. Соли 1963 ба донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба факултаи

забон ва адабиёти тоҷик ба хондан даромада, соли 1968 ба итмом расрнидааст Баъди хатми донишгоҳ ӯро бо роҳхат барои кор ба ноҳияи Файзобод ба кор фиристонидаанд. Аз он ҷо ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват намуданд. Баъди хизмати ҳарбӣ соли 1971 ба шаҳри Ангрен ба кор омадааст. Дар мактаби № 17 фаъолияти омӯзгории худро о²оз намуда, ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст.

Дар мактаби зикршуда то дами ба нафақа баромадан кор кардааст. Ун муаллими фидокор, кордон, муаллими пешқадам ном баровarда борҳо бо ифтихорномаҳои шаҳру вилоят ва ҷумҳурӣ сарафроз гадонида шудааст.

Шогирдони ӯ дар озмунҳои ҷумҳури ҷойҳои ифтихориро иш²ол намуда, шарафи мактабиёни Ангренро боло бардоштаанд. Худи ӯ солҳо чун мудири қисми илмии мактаб обрӯ ва эътибори мактаби № 17-ро дар байни мактаҳои шаҳр боло доштааст. ¤ дорандаи унвони «Аълочии маорифи халқ»-1996 ва «¢олиби мусобиқаи меҳнатӣ»-1974 гаштааст. Соҳиби панҷ фарзанд, чандин набераву аберaҳо мебошад. Соли 2010 вафот кардааст.

## Сулаймонов Мадиброҳим
## Аълочии маорифи халқи ¤збекистон



**Умр кам, фазлу адаб бисёр аст,**

**Касби он кун, ки туро ночор аст.**

**¯омӣ**

Сулаймонов Мадиброҳим якуми январи 1949 дар шаҳри Ангрен дар оилаи кӯҳкан ба Дуне омадааст. Соли 1956 ба мактаби № 10 ба хондан даромадааст. Сипас ду сол дар мактаби №11 таҳсил гирифтааст. Аз синфи панқум Сар карда то охир дар мактаби миёнаи № 5 хонда мактабро хатм намудааст. Соли 1966 ӯро ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидоии мактаби № 5 ба кор таъин анмуданд. Сулаймонов соли 1967 ба шаҳри Хуқанди ҳозира рафта ба донишкадаи омӯзгории онқо ба шӯъбаи ²оибонаи « забон ва адабиёти тоқик» дохил шуда бо тахассуси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ба охир расонидааст. Баъди хатми донишкада дар мактаби №17 солҳои сол фидокорона меҳнат намудааст. Барои хизматҳои шоистааш ӯро ба унвони «Аълочиёни маорифи халқи ¤збекистон» сарафроз гардонидаанд. Оиладор соҳиби се Писару панқ духтар ва даҳҳо набераҳо мебошад.

**Баҳриддин Муҳиддинов**
**Аълочии маорифи халқи ¤збекистон**



**£иммати мард на аз симу зар аст,**
**£иммати мард ба қадри ҳунар аст.**
**¯омӣ**

Баҳриддин Муҳиддинов 10 декабри 1952 дар шаҳри Ангрени вилояти Тошканд таваллуд ёфтааст.

Соли 1959 ба синфи якум ба мактаби миёнаи № 11 рафта, синфи 10-умро соли 1969 дар мактаби миёнаи 17 тамом намудааст.

Соли 1969 ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хӯҷанд дохил шуда аз курси 3-юм ба хизмати ҳарбӣ даъват шуд. Соли 1973 аз хизмат баргашта соли 1974 омӯзишгоҳро хатм намудааст.

Аз соли 1974 ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидоӣ дар мактаби миёнаи рақами 17 фаъолияти педагогиро сар кардааст. Соли 1975 ба донишкадаи педагогии Хуҷанд ба шӯъбаи ғоибонаи факултаи таърих дохил шуда, онро соли 1980 хатм намудааст.

Аз соли 1983 то соли 1997 дар мактаби миёнаи № 17 чун муаллими таърих ва ҷамъиятшиноси кор кардааст. Дар фаъолияти педагогиаш методист муалиими тоифаи олӣ ва соли 1996 бо нишони “Аълочии маорифи халқи республикаи Ўзбекистон” сарфароз гардидааст.

Баҳриддин Муҳиддинов аз соли 1997 то имрўз фаъолияти педагогиашро дар донишкадаи давлатии омўзгориии вилояти Тошканд дар факултаи педагогика давом дода истодааст.

Дар давоми 15-сол дар мактаби олӣ зиёда 50-мақолаҳои илми ва 20-то дастуру воситаҳои методию таълими навиштааст, аз он ҷумла китоби “Дарси муосир ва технологияи педагогӣ” ҳамчун ба сифати китоби дарсӣ барои донишҷўёни гурўҳҳои тоҷикии донишгоҳоҳи Республикаи Ўзбекистон тавсия шудааст. Ў соҳиби 5 фарзанду 10 набера мебошад.

1. Аълочии таълими халқии Республикаи Ўзбекистон (нишона)
   Соли 1999 барои меҳнати бисёрсола ва бо муваффақиятҳо ноил гардидан дар ҷараёни таълиму тарбия;
2. “Ходими фидоии таълими вилояти Тошканд”.
   Соли 1999 (нишона).

**Низмиддинова Сарвиннисо**

**Аълочии маорифи халқ**



**Зани хубу фармонбару порсо,**
**Кунад марди дарвешро подшо.**
**Саъдӣ**

Низмиддинова Сарвиннисо 1 ноябри соли 1953 дар деҳаи яккатути ноҳияи Куйбишев двр оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1954 оилаи онҳо ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Соли 1970 мактаби миёнаи № 17-ро хатм намудааст. Аз соли 1973 ба кори муаллимӣ пардохтааст. Соли 1976 ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен дохил шуда, соли 1981 факултети забон ва адабиёти русро тамом кардааст. Баъди хатми донишкада қариб 40 сол ба насли наврас таълим додаст. Дар давоми фаъолияти омӯзгории худ садҳо шогирдонро тарбия намуда, ба воя расонидааст. Шогирдони ӯ дар озмунҳои ҷумҳурӣ иштирок намуда ҷойхои ифтихориро соҳиб гаштаанд. Барои меҳнати шоистааш соли 2003 ӯро бо унвони «Аълочии маорифи халқ» сарафроз гардонидаанд. Модари 6 фарзанду чандин набераҳо мебошад.

Шамсиддинов Абдувалӣ 1 июни соли 1951 дар деҳаи Бо²су²ди шаҳри Ангрен таваллуд шудааст. ¤ дар мактаби № 5 шаҳри Анрен таҳсил

гирифтааст. Барои хондан ба шаҳри Хуҷанди ҳозира рафта, ба донишкадаи давлатии Ленинобод дохил шудааст. Донишгоҳро бо тахассуси муаллими фанни математика бомувафаққият ба итмом расонидааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин аст:

5. 1969-1976 дар донишкадаи омӯзгории ленинобод донишҷӯ.
6. 1969-1971 дар шаҳри Перми Россия дар хизмати ҳарбӣ.
7. 1976-1980 муаллими синфҳои ибтидоии мактаби № 10.
8. 1980-1987 муаллими математикаи мактаби № 7.
9. 1987-1994 методисти шӯъбаи маорифи халҷи шаҳр.
10. аз соли 1994 дар нафақаи меҳнатӣ.

мукофотҳояш:

1. «Аълочии маорифи халқ»-1992.
2. «Аълочии мудофиаи шаҳрвандӣ».

Оиладор соҳиби ду фарзанд ва чандин набераҳо.

# Иштирокчиёни ¯анги Бузурги Ватанӣ

**Нахоҳад рафт ҳаргиз, эй шаҳидон, ёдатон аз ёд,**
**Далели ҳарфи мо ин ёдгории мӯҳташамбунёд.**
**Раҳим ¯алил**

**21 июни соли 1941 германияи фашисти аҳдшиканона ба ватани собиқи мо, Иттиҳоди Шӯравӣ, ном дошт зер карда даромад. Мардуми ватани мо барои муҳофизаи хоку буми худ ба по хест. Дадо бобоёни мо дар қатори дигар мардуми кишвар ба ҷанг рафта тамоми мудҳишоти ҷангро аз сар гузаронидаанд. онҳо дар давоми ҷанги хонумонсӯз**

**диловарӣ, мардонагӣ, ҷасорату матонат барои муҳофизати шаҳру деҳоти тамоми шаҳрҳои Россия, Украина, Белоруссия, Полша, Чехословакия, Руминия ва дигар давлатҳои аз тарафи фашистон забтшуда саҳмгузор гаштаанд. Дар ҷангҳо маҷрӯҳ шуда, ба беморхонаҳои ҳарбӣ меафтоданд. Ба аёдати онҳо касе намерафт. Касе аз ҳоли онҳо хабар намегирифт, ҳолпурсӣ намекард, онҳоро дилбардорӣ наменамуд. Касе баҳрашон ҳирилобе намебурд, дарди ҷонкоҳ ҷисммашонро хароб мекард, лекин касе тассалӣ намедод. вақте ки**

**нолиш мекарданд, касе парвои онҳо надошт. гоҳ ба худу гаҳе бехуд умедворонаи сӯи дар назар меафкандан, лекин ягон чеҳраи шиносеро намедиданду дардашон дучандон мегардид, ашк аз дидаҳо ҷориву ёди хешу табор доштанд, анна бо ҳамин гунна азобу машаққат ватани худро муҳофизат мекарданд.**

**Бархе аз онон ки дар майдони ҷанг ҳалок мегардиданд, бе дуову фотиҳа зари хоки бегона мемонданд. ҳатто ному нишону қабрашонро кассе намедонад ва зиёрате намекунад.**

**Ақибгоҳ, ки фронти дуюм маҳсуб мешуд, ҳоли зори модарону момоёни мо беҳтар набуд. камбизоатӣ, нодорӣ, ночорӣ, ҳолиононро низ аз ҷангиҳо бадтар карда буд. Одамон ба буридаи нон зор ташнаву гурусна буданд. Агар боре кафи орде ё буридаи нонеро меёфтанд дар ²ами хурдсолон мешуданд. Зару зевари арӯсии худро баҳри ҷангиён фиристонда худашон бо барги гиёҳу решаи гиёҳҳо рӯз мегузарониданд. Ана бо ҳамин қадар азобу машаққат панҷ соли мудҳиши ҷангро пушти сар кардаанд**

## Собиқадори ¯анги Бузурги Ватанӣ

## Олимов Матосим

;



**Чу дар ҷанг танро ба ранҷ оваред,**

**Аз он ранҷ шодиву ганҷ оваред.**

**Фирдавсӣ**

Олимов Матосим 20 январи соли 1922 дар деҳаи Пон²оз таваллуд шудааст. Мактаби нопурраро дар деҳаи худаш тамом кардааст.

Аз соли 1042 то соли 1945 дар ¯анги Бузурги Ватанӣ

Иштирок намудааст. Аз соли 1945 то соли 1954 дар колхоз кор кардааст. Аз соли 1954 то соли 1997 дар ПТУ коргари пароовоз, ёрдамчии машинисти паровоз ва тепловоз меҳнат кардааст. Соли 1997 ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст. Барои шуҷоатмандӣ, чолокӣ ва ҷасорат дар ҷанг бо ордену медалҳои зиёде мукофотонида шудааст.

1. 1945- «барои Япония».
2. 1967-« бахшида ба рӯзи ¢алаба».
3. 1969-« бахшида ба рӯзи ¢алаба».
4. 1973-« бахшида ба рӯзи ¢алаба».

;

5. 1975-« бахшида ба рӯзи Ҫалаба».
6. 1978-« бахшида ба рӯзи Ҫалаба».
7. 1985-« бахшида ба рӯзи Ҫалаба».
8. 1988-« бахшида ба рӯзи Ҫалаба».
9. 1995-« бахшида ба рӯзи Ҫалаба».

медали «¯асорат».

10. ордени «¯анги Бузурги Ватанӣ» дараҷаи 2.
11. медали «Ветерани меҳнат».

## Бекмуродов Шомурод

## Иштирокчии ¯анги Бузурги Ватанӣ



**Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,**

**Ёд бод, он рӯзгорон ёд бод.**

**Ҳофиз**

;

Бекмуродов Шомурод соли 1920 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Маълумоташ олӣ соли 1958 ба донишкадаи ҳуқуқшиносии Тошканд дохил шуда, соли 1961 бо тахассуси ҳуқуқшинос ба итмом расонидааст.

Аз соли 1941 то соли 1944 у чун корманди сохторҳои қудратӣ ба ҳайси корманди кӯмитаи бехатарии шаҳр кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 1944 то соли 1956 чун раиси кӯмитаи маҳаллӣ фаъолият намудааст. то соли 1983 дар сохторҳои сухторхомӯшкунӣ кор карда ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст.

¤ дар ҷангҳои Куйбишев, Калининград ва атрофи Москва ҷанг намуда соли 1944 сахт маҷрӯҳ гардид, бинобарон ӯро ба ватанаш баргардонидиан. Ҳоло Бекмуродови 92 сола дар қайди ҳаёт буда, соҳиби фарзанду набераву абераҳои зиёде аст. Барои хизматҳои шоёнаш бо зиёда аз 20 медалу орденҳо сарфароз гардрнида шудааст.

## Бойматов Нурмат
## Иштирокчии ¯анги Бузурги Ватанӣ



**Даҳрӯза меҳри гардун афсонаест афсун,**
**Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро.**
**Ҳофиз**

Бойматов Нурмат 18 феврали соли 1911 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Дар мактаби деҳа таҳсил гирифтааст. Соли 1942 аввал онҳоро аз шаҳри Тошканд ба шаҳри Сталинград ба ҷанг сафарбар кардаанд..Дар ҷангҳои назди Сталинград хело муддат ҷангидааст.

Соли 1943 дивизияи онҳоро ба ҷанги назди Курск фиристонидаанд. Дар ваҳти мудофиаи шаҳри Курск аз пои чапаш ярадор шуда ду моҳ дар Госпитал бистарӣ гардидааст. Боймат дар ҷангҳои Ленинград, Сталинград, Курск ҷангида то худи Берлин рафтааст. Дар ҷанги Берлин аз қабур²аи чапаш сахт ярадор шудааст. ¤ро бо ҷароҳати сахт ба госпитали Грузия фиристониданд.

Се моҳ дар бистари беморӣ дар Грузия буд ва хабари ¢алабаро онҷо шунид.

Баъди сиҳат шуданаш ӯро чун маъюби дараҷаи дуввум  ба зодгоҳаш фиристониданд.

Боймат Нурматов бо ордену медалҳои гуногун сарфароз гардонида шудааст. Ду маротиба ба ӯ автомобили сабукрав тӯҳфа додаанд.

Оиладор соҳиби ду писар ва ду духтар буда, ҳоло зиёда аз 50 набера, абера ва чабера дорад.

## ¯алилов ¤ринбой

## Иштирокчии ¯анги Бузурги Ватанӣ



**Ай дил, шабоб рафту начидӣ гуле зм айш,**

**Пиронасар бикун ҳунаре  нангу номро.**

**Ҳофиз**

¯алилов ¤ринбой 14 октябри соли 1914 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Дар мактаби деҳа таҳсил гирифтааст. Соли 1934 баъди хатми синфи 7 деҳаи худ барои хондан ба дорулфунуни шаҳри

самарқанд дохил шуд. Баъди хатми ин омӯзишгоҳ ба деҳаи худ баргашта омада дар мактаби деҳа ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидои ба кор пардохтааст.

Дар вазифаи муаллими то соли 1941 меҳнат кардааст. Соли 1941 ӯро ба ҷанг даъват шудааст. Дар чандин муҳорибаҳои мудҳиши ҷанг иштирок намуда, барои пок сохтани хоки ватан дар шаҳрҳои Белгород, Харков, Полтава, Кировград, Звенигород, Коргун, Уман, дар чандин шаҳрҳои Руминия, Венгрия, Чехославакия, Австрия то итмоми ҷАнд содиқона ҷангидааст. Соли 1945 баъди итмоми ҷанг саломат ба шаҳри худ баргашта омадааст. Дар деҳаи худ аз соли 1945 то соли 1950 ба ҳайси мудири анбор хизмат кардааст. Аз соли 1950 то соли 1988 дар банки шаҳри Ангрен дар вазифаи хазинакашонӣ соли 1988 ¯алилов ¤ринбой дар нафақаи меҳнатӣ. соҳиби 9 фарзанд, 5 писару 4 духтар ва даҳҳо набера, абераву чабераҳо мебошад. Соли 1988 бо олами ҳасти падруд гуфтааст.

## Шарофиддинов Аҳмадҷон

## Собиқадори ҷанг



;

**Кушодадилонро бувад бахт ёр,**
**Анӯша касе, к-ӯ бувад бурдбор.**
**Фирдавсӣ**

Шарофиддинов Аҳмадҷон соли 1917 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқони босавод ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз хондааст. Баъди хату савод пайдо кардан чанд муддат ба муаллимӣ пардохтааст. Соли 1941 ба ҷанг даъват шуда муддати чор соли ҷанг дар фронтҳои гуногуни собиқ иттифоқ бо душмани ²аддор ҷангида, борҳо ярадор гаштааст.соли 1944 баъди онки дар яке аз шаҳрҳои Россия сахт маҷрӯҳ шуда чанд муддат дар госпитал хобидааст. баъди Каме сиҳат ёфтан ба ақибгоҳ фиристонида шудааст. Баъди хатми омӯзишгоҳи омӯзгори Соли 1944 аз ҷанг баргаштаомадааст. Оилаи онҳо соли 1954 ба шаҳри Ангрен кӯчида меояд худи ҳамон сол ба мактаби № 10 ба кор даромадааст ва чандин сол онҷо кор кардааст.

Баъди чанд муддат дар мактаби № 17 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ба шогирдон дарс гуфтааст. Баъди ба нафақаи меҳнатиаш ҳам солҳои дароз раиси кумитаи маҳаллаи «Бӯстон» будааст. Барои меҳнати шоистааш дар соҳаи маорифи халқ ба унвони «Аълочии маорифи халқ» сарафроз гардонида шудааст.

Барои хизматҳои шоистааш дар назди халқу ватан барои шуҷоат, мардонагӣ, далерӣ дар вақти ¯анги бузурги ватанӣ:

1. Бо ордени «¯анги ватанӣ» дараҷаи якум аз тарафи Президиуми совети олии СССР мукофотонида шудааст. Боз бо ордени «Байрақи Сурх» низ мукофотонида шудааст. Дорандаи медалҳои:

2. Медали «Бистсолагии ¢алаба».

3. Медали «Сисолагии ¢алаба».

4. Медали «Чилсолагии Ҫалаба».

5. Медали «Панҷоҳсолагии Ҫалаба».

6. Медали «Шастсолагии Ҫалаба».

7. Медали «Ҳафтодсолагии Ҫалаба».

Соли 2004 вафот кардааст. Оиладор соҳиби 5 фарзанд, ду Писару се духтар ва даҳҳо набераву аберахо мебошад.

## Бекназаров Фидомад
## Собиқадори ¯БВ



**Ба манзил расид онки пӯянда буд,**
**Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд.**

**Фирдавсӣ**

Бекназаров Фидомад соли 1920 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз хондааст. Баъди хатми мактаб чанд муддат дармактаби деҳаи худ ба ҳайси муаллими синфҳои ибтидои кор кардааст. Соли 1941ба ба ҷанг даъват шуда муддати панҷ соли ҷанг дар фронтҳои гуногуни собиқ иттифоқ бо душмани ²аддор ҷангида, борҳо ярадор гаштааст.соли 1943 дар шаҳри дар яке аз шаҳрҳои Россия сахт маҷрӯҳ шуда чанд муддат дар госпитал хобида, баъди сиҳат ёфтан боз сафи ҷанг даромадааст. Соли 1945 аз ҷанг баргашта омадааст. Соли 1958 ба донишкадаи омӯзгории шаҳри ленинобод дохил шуда соли 1962 ба итмом расонидааст ва чун муаллими таърих ба итмом расонидааст.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1938-1941 муаллими синфҳои ибтидоӣ дар деҳаи Пун²аз.
2. 1941-1945 иштирок дар ¯БВ.
3. 1945-1946 Роҳбари қисми якуми комиссариати Ленинобод.
4. 1946-1963 директори мактаби деҳаи Мулломири ноҳияи Ашт.
5. 1963-1966 директори мактаби № 5 шаҳри Ангрен.
6. 1966-1983 директорни мактаби № 10 шаҳри Ангрен.
7. аз соли 1983 дар нафақаи меҳнатӣ.

Барои хизматҳои шоистааш ва дар қаҳрамониҳои дар ҷанг нишондодааш бо чандин ордену медалҳо мукофотонида шудааст, аз ҷумла; ордени «Ситораи сурх» ва даҳҳо медау нишонҳои фахрӣ гирифтааст.

Соли 2005 вафот кардааст. Оиладор соҳиби як духтару чандин набераву аберaҳо мебошад.

## Фидоев Турсунмад

## Собиқадори ¯анги бузурги Ватанӣ



**Баҳори умр хоҳ, ай дил, вагарна ин чаман ҳар сол**
**Чун насрин сад гул орад  бору чу булбул ҳазор орад.**
**Ҳофиз**

Фидоев Турсунмад 5 майи соли 1922 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дуне омадааст. Дар мактабҳои №№ 3,10, 23  шаҳри Ангрен таҳсил гирифтаасвт. Соли 1953 баъди  мактаби миёна  ба донишкадаи омӯзгории шаҳри ленинобод дохил шуда, факултаи математикаро тамом карда, соҳиби ихтисоси муаллими математика шуда баргашта ба зодгоҳаш омадааст.

¤ аз соли 1940 то соли 1983 муддати 43 дар мактабҳои №№ 3, 10, 23 ба насли наврас аз фанни математика дарс дода, садҳо шогирдонро табия намудааст.

Барои хизматҳои шоёнаш бо чандин ифтихорномаҳои шаҳру вилоят ва бо мукофотҳо мукофотонида шудааст.

;

Собиқадори меҳнат.

Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

Оиладор соҳиби 8 фарзанд 5 писару се духтар ва даҳҳо набераву аберахо мебошад.

## Мирашӯров Эргашбой
## Собиқадори ҷанг

**Супурдан ба донои гӯянда гӯш,**
**Ба тан тӯша ёбӣ, ба дил рою ҳуш.**
**Фирдавсӣ**

Мирашӯров Эргашбой якуми январи соли 1924 деҳаи Бо²су²ди шаҳри Ангрен дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар деҳаи худ ду сол хонда соли 1933 оилаи онҳо ба Пун²аз кӯчида меравад чанд муддат дар мактаби деҳаи пун²аз таълим гирифтааст. Соли 1940 боз ба Ангрен кӯчида меояд. Баъди ба Ангрен омадан чандин муддат дар геология разедкаи шаҳр кор мекунад. Соли 1942 ба ба ҷанг даъват шуда муддати чор соли ҷанг дар фронтҳои гуногуни собиқ иттифоқ бо душмани ²аддор ҷангида, борҳо ярадор гаштааст. Соли 1945 ҷанг ба охир расида бошад ҳам Мирашӯров Эргашбой аз ҷанг баргашта наомадааст, чунки ӯ дар қисми махсуси разведкаи собиқ Шӯравӣ буд, бинобар он касби худ барои дафъ сохтани душманҳои дохили дар Украинаи ²арбӣ хизмат кардааст.

Дар ҳайати ЧК чанд муддат дар шаҳри Ровнаи Белоруссия ҳам ҳамин фаъолияташро давом додааст. Оқибат соли 1947 аз сафҳои қувваҳои мусаллаҳ ҷавоб ёфта ба шаҳри худ баргашта омадааст. Баъди ҷанг чандин муддат дар органҳои бехатарии шаҳр аз ҷумла дар милитсия кор кардааст. Соли 1959 дар ТПЧ кор ва фаъолият карда соли 1984 ба нафақаи меҳнати баромадааст.

1. Бо ордени «¯анги ватанӣ» дарачаи якум аз тарафи Президиуми совети олии СССР мукофотонида шудааст.

2. Медали «Бистсолагии ¢алаба».

3. Медали «Сисолагии ¢алаба».

4. Медали «Чилсолагии ¢алаба».

5. Медали «Панҷоҳсолагии ¢алаба».

6. Медали «Шастсолагии ¢алаба».

7. Медали «Ҳафтодсолагии ¢алаба».

Соли 2006 вафот кардааст. Оиладор соҳиби 11 фарзанд, 9 писару 2 духтар даҳҳо набераву аберахо мебошад.

**Худойбердиев Ҳоҷибобо**

**Собиқадори ҷанг**



;

**Намемонад одамро шӯҳрату хуршед хомӯшӣ,**

**Равад нақли шуҷоат-мардӣ авлод ба авлод.**

**Раҳим ¯алил**

Худойбердиев Ҳоҷибобо соли 1910 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз хондааст. Соли 1941 ба ҷанг даъват шуда муддати панҷ соли ҷанг дар фронтҳои гуногуни собиқ иттифоқ бо душмани ²аддор ҷангида, борҳо ярадор гаштааст.соли 1943 дар шаҳри Житомири Россия сахт маҷрӯҳ шуда чанд муддат дар госпитал хобида, баъди сиҳат ёфтан боз сафи ҷанг даромадааст.

Барои хизматҳои шоистааш дар назди халқу ватан барои шуҷоат, мардонагӣ, далерӣ дар вақти ¯анги бузурги ватанӣ:

1. Бо ордени «¯анги ватанӣ» дараҷаи якум аз тарафи Президиуми совети олии СССР мукофотонида шудааст.

2. Медали «Бистсолагии ¢алаба».

3. Медали «Сисолагии ¢алаба».

4. Медали «Чилсолагии ¢алаба».

5. Медали «Панҷоҳсолагии ¢алаба».

6. Медали «Шастсолагии ¢алаба».

7. Медали «Ҳафтодсолагии ¢алаба».

Соли 1945 аз ҷанг баргаштаомадааст. Оилаи онҳо соли 1947 ба шаҳри Ангрен кӯчида меояд худи ҳамон сол ба ПТУ ба кор даромада то соли 1965 кор карда аз ҳамон ҷо ба нафақа баромадааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1946-1970 дар ПТУ ба ҳайси коргар кор кардааст. Соли 1970 ба нафақаи меҳнати баромадааст.

Соли 1995 вафот кардааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераву аберахо мебошад.

;

# Зиёмиддинов Сайфиддин

# Собиқадори ҷанг



**Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,**

**Чӣ ²ам гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.**

**Шоҳин**

Зиёмиддинов Сайфиддин соли 1907 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон-марди саводнок ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз хондааст. Соли 1935 дар техникуми савдо таҳсил гирифтааст. Аз соли 1936 то соли 1942 дар шуъбаи молияи ноҳияи Ашт ба ҳайси нозири молия кор кардааст. Соли 1942 ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Соли 1943 баъди сахт маҷрӯҳ шудан аз ҷанг озод карда шудааст. Соли 1954 ба ӯ чун коргари пешқадам унвони Корманди фахрии соҳаи молияи Тоҷикистон дода шудааст.

Аз соли 1943 то соли 1955 дар шӯъбаи молияи Ашт дар вазифаи нозири молия кор кардааст. Соли 1955 бо оилаи худ ба Ангрен кӯчида омадааст.

Аз соли 1955 то соли 162 дар кони МПСМ чун коргар кор кардааст.

Аз соли 1962 то дами нафақа ба ҳайси мудири магазини № 50 кор кардааст. Бо чандин медалу ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст. Соли 1995 баъди касалии дуру дарозе вафот кардааст. Оиладор соҳиби 8 фарзанд, 6 писару 2 духтар ва даҳҳо набераву абераву чаберахо мебошад.

## Назмиддинов Макамбой

## Собиқадори ҷанг



**£иблагоҳам , эй падар, ҷои ту ҷаннат бошад,**

**Он пуштае, ки ту хобӣ, бароҳат бошад.**

**Халқӣ**

Назмиддинов Макамбой соли 1916 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз хондааст..

;

Соли 1941 ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Дар бисёр муҳорибаҳои сахти ҷанг барои озод кардани ватан- Москва, Одесса, Севастопол, Ленинград, Украина, Псков то худи Берлин рафтаанд. Дар яке аз муҳорибаҳои сахти аирофи Берлин маҷрӯҳшуда ба госпитал афтодаанд. Баъди анги Бузурги Ватанӣ ҳам ҷангкунон то Шарқи Дур ҷанги Япония ҳам иштирок намуда соли 1946 сиҳат ба Ватан баргашта омадаанд.

Барои мардонагӣ, ҷасорат, шуҷоат далери бо ордену медалҳои зиёде мукофотонида шудаан:

1. Ордени «Барои ¯асорат»- дараҷаи 1.
2. Ордени «Барои ¯асорат»- дараҷаи 2.
3. Ордени «¯анги Ватанӣ»- дараҷаи 2.
4. Медали «Бистсолагии ¢алаба».
5. Медали «Сисолагии ¢алаба».
6. Медали «Чилсолагии ¢алаба».
7. Медали «Панҷоҳсолагии ¢алаба».
8. Медали «Шастсолагии ¢алаба».
9. Медали «Ҳафтодсолагии ¢алаба».

Боз бо чандин нишонҳои сарисинаги ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудаанд.

Аз соли 1946 то соли 1950 дар зодгоҳи худ Пун²аз ба кишту ко рва деҳқонӣ маш²ул гата, соли 1950 бо аҳли оила ба шаҳри Ангрен кучида омадаанд. Дар Ангрен ба кони ангишт ба ҳайси коргар ба кор даромада, то ба нафақаи меҳнати баромадан кор намудаанд. Маҳкамбой Назмиддинов соҳиби 10 фарзанд, даҳҳо набераву аберахо мебошанд.

## Рӯзиматов Наҷмиддин

## Собиқадори ҷанг

;



**Гар бихоҳед, ки хуфта набошам дар хок,**

**Бо дилу дидаи бедор маро ёд кунед.**

**Зафар**

Рӯзиматов Наҷмиддин соли 1913 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз хондааст. То о²ози ҷанги хонумонсӯз дар колхоз кор кардааст. Соли 1942 ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Дар бисёр муҳорибаҳои сахти ҷанг барои озод кардани ватан- £рим, Одесса, Севастопол, Полша, Белоруссия, Дар яке аз муҳорибаҳои сахт бори сеюм сахт маҷрӯҳ гашта, соли 1945 аз ҷанг озод шудааст. маҷрӯҳшуда ба госпитал афтодаанд. Баъди анги Бузурги Ватанӣ ҳам ҷангкунон то Шарқи Дур ҷанги Япония ҳам иштирок намуда соли 1946 сиҳат ба Ватан баргашта омадаанд.

Барои мардонагӣ, ҷасорат, шуҷоат далери бо ордену медалҳои зиёде мукофотонида шудаан:

1 Ордени «¯анги бузурги Ватанӣ»- мукофотонида шудааст.

;

2. Медали «Бистсолагии Ғалаба».

3. Медали «Сисолагии Ғалаба».

4. Медали «Чилсолагии Ғалаба».

5. Медали «Панҷоҳсолагии Ғалаба».

6. Медали «Шастсолагии Ғалаба».

7. Медали «Ҳафтодсолагии Ғалаба».

Боз бо чандин нишонҳои сарисинаги ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудаанд.

Аз соли 1950 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Аз соли 1951 то соли дар корхонаи геологияразведка кор кардааст. Аз соли 1960 то соли 1976 дар корхонаи СУ- кор кардааст. Худи ҳамон сол ба нафақа баромада, соли 1990 вафот кардааст. соҳиби чандин фарзанду набераву абераҳо мебошанд.

## Ғаниев Абдуваҳҳоб

## Собиқадори ҷанг

**Зи мо то бувад зинда як номдор,**
**Напечем як тан сар аз корзор.**
**Фирдавсӣ**

Ғаниев Абдуваҳҳоб соли 1924 деҳаи Пунғази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактабро то синфи 7 дар Пунғаз хондааст. Соли 1938 дар колхоз кардааст. Соли 1942 ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Соли 1943 баъди сахт маҷрӯҳ шудан аз ҷанг озод карда шудааст. Аз соли 1943 то соли 1952 дар колхози худ ба ҳайси мудири анбор кор кардааст. Соли 1952 бо оилаи худ ба Ангрен кӯчида омадааст.

Аз соли 1952 то соли 1958 дар кони ангишти шаҳри Ангрен чун посбони сӯхторхомӯшкунӣ кор кардааст.

Бо чандин медалу ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст. Соли 1984 баъди касалӣ вафот кардааст. Оиладор соҳиби чандин фарзанд, даҳҳо набераву абераву чабераҳо мебошад.

## £аюмов Абдуқодир

## Собиқадори ҷанг



**Чу дар ҷанг танро ба ранҷ оваред,**
**Аз он ранҷ шодиву ганҷ оваред.**
**Фирдавсӣ**

£аюмов Абдуқодир 15 моҳи майи соли 1924 деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактабро то синфи 7 дар Пун²аз

;

хондааст. Соли 1938  дар колхоз кардааст. Соли 1941 ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Соли 1945 баъди сахт маҷрӯҳ шудан аз ҷанг озод карда шудааст. Чандин солҳо  дар колхози худ ба ҳайси колхозчӣ  кор кардааст. солҳои баъди ҷанг бо оилаи худ ба Ангрен кӯчида омадааст.

Оиладор соҳиби чандин фарзанд,  даҳҳо набераву абераву чабераҳо мебошад.

. Соли 1941 ба ҷанг сафарбар карда шудааст. Дар бисёр муҳорибаҳои сахти ҷанг барои озод кардани ватан- £рим, Одесса, Севастопол, Полша, Белоруссия, Дар яке аз муҳорибаҳои сахт  бори сеюм сахт маҷрӯҳ гашта, соли 1945 аз ҷанг озод шудааст.  маҷрӯҳшуда ба госпитал афтодаанд. Барои мардонагӣ, ҷасорат, шуҷоат далери бо ордену медалҳои зиёде мукофотонида шудаан:

1. бо чандин медалу орденҳои  «¯анги бузурги Ватанӣ»- мукофотонида шудааст.

2. Медали «Бистсолагии ¢алаба».

## Абдуқодиров Толибҷон
## Иштирокчии ҷанги Аф²он



;

**Паланг ин шиносад, ки пайкору ҷанг,**

**На хуб асту донад ҳаме кӯҳу санг.**

**Фирдавсӣ**

Абдуқодиров толибҷон 2 июли соли 1967 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1974 ба мактаби № 10 ба хондан рафтааст.баъди хатми синфи 8 , соли 1982 ба омӯзишгоҳи касбӣ-техники дохил шуда, бо тахассуси Машинисти тепловоз соли 1985 ба итмом расонидааст. Соли 1985 ба сафи қӯшунҳи советӣ даъват шудааст. ¤ро ба ҷанги Аф²онистон фиристониданд. Дар ҷангҳои бошиддат ярадор шуда чандин муддат бистарӣ гардид. Баъди сиҳат ёфтан боз ба пешгоҳи ҷанг фиристонида шуд. Хизматҳои шоёнашро ба инобат гирифта уро бо медали «Барои ҷасорати ҳарбӣ», медали «¯ашни» ва бо ду медали Аф²онистон мукофотонида шудааст. Дар бораи қисми ҳарбии онҳо филми ҳуҷҷати офарида шудааст, ки дар бораи қаҳрамони мо ҳам маълумотҳои кофи мавҷуданд. Аз соли 1988 то соли 1992 дар Семзавод ба ҳайси ёрдамчии машинисти тепловоз кор кардааст. Аз соли 1993 то соли 1997 дар восток кори худро давом додааст. Айни замон ба ҳайси тадбиркор фаъолият дорад.

Оиладор соҳиби чандин фарзанд мебошад.

# Раисони маҳаллаҳо

## Одинаев Машариф

## Раиси маҳаллаи Тешиктош 1948-1954



**Диле, к-аз хирад гардад ороста,**

**Чу ганҷе бувад пурзару хоста.**

**Фирдавсӣ**

Одинаев Машариф соли 1914 деҳаи Пун$^{2}$ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактабро ибтидоиро дар Пун$^{2}$аз хондааст. Соли 1938 дар колхоз кардааст. Соли 1941 ба Ангрен кӯчида омадааст. Соли 1948 то соли 1954 дар маҳаллаи Тешиктош ба ҳайси раиси кӯмитаи маҳалла кор кардааст. Аз соли 1954 то соли 1964 мудири хоҷагии мактаби № 10. аз соли 1964 то соли 1982 дар Шахтаи № 9 коргар. Соли 1982 ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст.

Оиладор соҳиби 8 фарзанд, 2 писару 6 духтар даҳҳо набераву абераву чабераҳо мебошад. Соли 200 вафот кардааст.

## Мадаминов Машариф

## Раиси маҳаллаи Грум 1970-1983



**ˉавонмарду хушхулқу бахшанда бош,**
**Чу ҳақ бар ту пошад, ту бар халқ пош.**
**Анварӣ**

Соли 1932 дар ноҳияи Ашти Тоҷикистон таваллуд шудааст. Оилаи онҳо соли 1933 ба ноҳияи Куйбишеви Тоҷикистон кӯчида рафтааст, оилаи онҳо то соли 1954 дар ҳамонҷо мондааст. Машариф онҷо таҳсил гирифтааст. Аз соли 1941 то соли 1954 ба ҳайси котиби колхоз кор кардааст. Дар статтехникуми Душанбе таҳсил гирифтааст. Баъди хатми техникум дар вазифаҳои гуногун меҳнат кардааст. Аз соли 1954 сар карда дар ПТУ дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Баъди тамом намудани курси кӯтоҳмуддати Электровоз дар Олмалиқ ба ҳайси машинисти электровоз кор кардааст.

Чандин муддат дар лавозимҳои гуногун кор карда соли 1988 аз ПТУ ба нафақа баромадааст. Барои хизматҳои шиостааш борҳо бо медалҳо ва мукофотҳои шоиста аз ҷумла ордени №Шарафи шахтёрӣ№-дараҷаи 2 ва медали « Шӯҳрат» мукофотонида шудааст. Аз соли 1956 то соли 1988 дар Иттиҳодияи ҳисоббарории Ангрен ба ҳайси муовини директор кор кардааст. Аз соли 1970 то соли 1979 ба ҳайси раиси маҳаллаи Грум фаъолият кардааст. соҳиби чандин фарзанду набераву абераҳо мебошад.

## Матосимов Саъдулло
## Раиси кӯмитаи маҳаллаи Инқилоб
## Ветерани меҳнат



**Вақтро гуфтаанд те²и буррон,**
**Ки бувад бе таваққуфе гузарон.**
**¯омӣ**

1. Матосимов Саъдулло дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Дар мактаби деҳа таҳсил гирифтааст.

1. мудири фермаи ҷамоаи хоҷагии Оҳангарон.

2. раиси кӯмитаи маҳаллии Инқилоб.
3. сардори хӯҷагӣ дар ноҳияи Оҳангарон.
4. зоотехники калони совхоз.
5. Раиси кӯмитаи партиявии совхоз.
6. ¯онишини раиси совхози Октябр.

Саъдулло Матосимов дар давоми фаъолияти меҳнатии худ доимо дар сафи пеш, ҳалолкор, поквиҷдон, меҳнатдӯст, фидокори кори худ будааст. хизматҳои меҳнатии ӯро ба ҳисоб гирифта роҳбарон борҳо уро бо мукофотҳои мрливу пулӣ сарфароз гардонидаанд. ¤ дорандаи ду медал ва ордени «Нишони Ҳурмат» мукофотонида шудааст.

Матосимов Саъдулло соли 2009 дар синни 85 солагӣ вафот намудааст.

**Абдуллоев Маҳмуд**

**Раиси кӯмитаи маҳалли**

**Собиқадори ¯БВ**



;

**Эй рафта аз худ бехабар, ёди ту андар қалби мост,**
**Рӯйи ту орем дар назар, ёди ту андар қалби мост.**
**Равшани Ҳамроҳ**

Абдуллоев Маҳмуд соли 1910 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Хатту саводи ибтидоиро дар деҳаи худ баровардааст. солҳои бистуми асри гузашта оилаи онҳо ба шаҳри Тошканд кӯчида рафтааст. Баъди ба воя расидан ӯро ба ¯анги бузурги Ватани даъват мекунанд. Дар давоми ҷанг дар фронтҳои гуногун ҷангин ҷангида борҳо ярадору маҷрӯҳ шуда, ҳар боре баъди сиҳати ёфтан боз ба майдони ҷанг бармегашт. Барои ҷасорат, матонат, мардонагиаш бо ордену медалҳои зиёде сарафроз гардонида шудааст. Аз ҷумла;

1. Медали «20-солагии ¢алаба бар фашизм».
2. Медали «20-солагии ¢алаба бар фашизм».
3. Медали «25-солагии ¢алаба бар фашизм».
4. Медали «50-солагии ¢алаба бар фашизм».
5. Медали «60-солагии ¢алаба бар фашизм».
6. Медали «100-солагии ленин».

Баъди ба итмом расидани ҷанг ба Тошканд баргашта меоянд ва чанд муддат дар шӯъбаи милитсияи шаҳри Тошканд ва сипас корхонаҳои хӯроки умумии шаҳр кор кардааст. Соли 1954 оилаи онҳо аз шаҳри Тошканд ба шаҳри Ангрен кӯчида меоянд. Маҳмуд Абдуллоев ба корхонаи хӯроки умумии шаҳри ангрен ба кор медароянд ва то дами нафақаи меҳнати худ, яъне то соли 1975 дар ҳамин корхона фаълият намудааст. Соли 1975 ба нафақа баромадааст. Худди ҳамон сол ӯро ба раиси кӯмитаи маҳалла интихоб мекунанд, вай то сои 1981 чун раиси маҳалла фаъолият мекунад

ва соли 1981 вафот мекунад. Оиладор соҳиби 6 фарзанд, се писару се духтар, даҳҳо набераву абераву чабераҳо мебошад.

## Киромиддинов Раҳматҷон
## Раиси маҳаллаи «Бӯстон»

**Бо чеҳраи чун оташат, бо ҳарфҳои бе²ашат,**
**Эй нури анвори саҳар, ёди ту андар қалби мост.**
**Равшани Ҳамроҳ**

Киромиддинов Раҳматҷон соли 1935 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз о²оз карда дар Ангрен давом додаст. Соли 1945 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меоянд.
Баъди хатми омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ корро ҳамчун ёрдамчии машинисти эксккватор о²оз карда, дертар чун машинисти номдори эксккватор давом додаст. Аз соли 1958 сар карда то вафот кардан фақат дар як корхона меҳнат намудааст.

Киромиддинов Раҳматҷон ба нафақа набаромада ӯро ба вазифаи раиси маҳалла соли 1980 интихоб намуданд, ӯ то соли 1987 чун раиси маҳаллаи худ меҳнат кардааст. Барои меҳнататҳои шоёнаш ӯро бо чандин ифтихорномаву мукофотҳо сарафроз гардонидаанд. Оиладор соҳиби 9 фарзанду даҳҳо набераву аберҳо мебошад.

## Шамсиддинов Абду²анӣ
## Раиси маҳаллаи Бо²су²д

# Собиқадори меҳнат



**Бузург он касе, к-ӯ ба гуфтори рост,**
**Забонро биёрост, каҷҷӣ нахост.**
**Фирдавсӣ**

Шамсиддинов Абду²анӣ 10 январи соли 1926 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дар мактаби № 30 ноҳияи Оҳангарон таҳсил гирифтааст.баъди вафоти падару модараш тарбияи ӯро акояш Абдусалом ба зиммаи худ гирифтааст. Баъди хатми мактаби миёна дар аз соли 1942 то соли 1945 дар мактаби № 3 муаллимӣ кардааст.аз соли 1955 сар карда дар мактаби № 10 ба кори муаллимӣ пардохтааст. Худи ҳамон сол ба донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод ба шӯъбаи ²оибонаи математика ба хондан рафтааст. Аз соли 1970 то соли 1977 мудири қисми илмии мактаби миёнаи № 10. аз соли 1969 то соли 1979, яъне муддати 17 сол раиси кӯмитаи маҳалла будааст.

Соҳиби чандин фарзанд, ва даҳҳо набераву аберахо.

## Сайфиддинов Нуриддин

## Раиси маҳаллаи Наврӯз

## Ветерани меҳнат



**Вафо чун дарахте бувад мевадор,**
**Куҷо ҳар замоне нав ояд ба бор.**
**Фирдавсӣ**

Сайфиддинов Нуриддин 28 январи соли 1933 дар деҳаи Пун²аз дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1939 ба мактаби маҳалла ба хондан рафтааст.

Соли 1946 синфи 7-ро хатм намудааст. Баъди хатми синфи 7 соли 1946 ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Худи ҳамон сол дар шаҳри Ангрен ба омӯзиш маш²ул шудааст. Соли 1953 фаъолияти меҳнатии ӯ о²оз гардидааст:

6. 1953-1954 курси ронандагиро хатм намудааст.
7. 1954-1956 ронандаи КГБ органҳои бехатарӣ.
8. 1956-1965 ронандаи шахсии ҷонишини раиси комиҷроияи шаҳр
9. 1975-1985 ронандаи командаи сӯхторхомӯшкунии Янгиобод.

;

10. Аз соли 1985 дар нафақаи меҳнатӣ.

Аз соли 1975 то соли 1995 раиси маҳаллаи Наврӯз.

Аз соли 1995 инҷониб дар истироҳат ва гашти пирӣ меронгад. Дар давоми кору фаъолияти меҳнатии худ, барои меҳнатдӯстӣ, ҳалолкориаш борҳо бо ифтихорномаҳои гуногун мукофотонида шудааст. Дар давоми фаъолияти меҳнати қариб 50 солаи худ дар дар соҳаҳои гуногун ба гирифтани унвони «Ветерани меҳнат» сазовор гардидааст. соҳиби чандин фарзанд, даҳҳо набераву абераву чабера аст.

## Пулодов Нарзулло

## Раиси маҳаллаи Наврӯз-2



**Эй шаб, шодӣ, ҳамеша шод о, шод о,**
**Умрат ба дарозии қиёмат бодо!**

**Румӣ**

;

Пӯлодов Нарзулло 27 июни соли 1927 дар деҳаи Пун²ази ноҳияи Ашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Мактаби ибтидоиро дар Пун²аз о²оз карда дар Ангрен давом додаст. Соли 1947 оилаи онҳо ба Ангрен кӯчида меояд.

Баъди хатми курси ронандагӣ корро ҳамчун ронандаи автобазаи «¤збекангишт» Сар кардааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин суръат гирифтааст:

1. 1949-1954 шӯъбаи посбонии шаҳр.
2. 1954=1957 ронандаи автобазаи ¤збекангиш.
3. 1957-1962 ронандаи командаи сухторхомӯшкунӣ.

Пӯлодов Нарзулло ба нафақа набаромада ӯро ба вазифаи раиси маҳалла соли 1957 интихоб намуданд, ӯ то соли 1962 чун раиси маҳаллаи худ меҳнат кардааст.

Аз соли 1967 боз ба командаи сухторхомӯшкунии шаҳрн баргашта то соли 1973 кор кардааст

Аз соли 1973 то соли 1991 дар Подземгаз кор карда ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст.

Аз соли 1991 то соли 1996 боз дар маҳаллаи Наврӯз-2 ба ҳайси раиси маҳалла фаъолият бурдааст.

Аз соли 1996 то соли 2010 посбони маҳалла.

Барои меҳнататҳои шоёнаш ӯро бо чандин ифтихорномаву мукофотҳо сарафроз гардонидаанд. Оиладор соҳиби 7 фарзанд, 5 писару 2 духтар, даҳҳо набераву аберaҳо мебошад. 4 писараш дар ҷанги Аф²он тштирок кардааст. Нарзулло имрӯзҳо зиёда аз 60 набера дорад.

## Норматов Акмал

## Раиси кӯмитаи маҳалла

;



**Бувад маълуми ҳар озоду банда,**
**Ки нодон мурдаву доност зинда.**
**¯омӣ**

Норматов Акмал 22 декабри соли 1936 дар деҳаи бо²су²д дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Дар мактаби миёнаи маҳаллаи худ таҳсил гирифта мактаби миёнаро бо шаҳодатномаи сурх соли 1952 тамом кардааст. ¤ соли 1956 ба донишкадаи омӯзгории шаҳри ҳозираи Хуҷанд дохил шуда, факултаи филологияро бо тахассуси Забон ва адабиёти тоҷик ба анҷом расонидааст. ¤ дар мактаб ба ҳайси муаллим, мудири қисми илмӣ, ҷонишини директор фаъолият намудааст.

Норматов Акмал баъди ба нафақа баромадан ӯро ба вазифаи раиси маҳалла соли 1994 интихоб намуданд, ӯ то соли 2006 чун раиси маҳаллаи худ меҳнат кардааст. Барои меҳнататҳои шоёнаш соли 2001 ӯро бо медали «10-

солагии мустаққилияти ¤збекистон» сарафроз гардонидаанд. Оиладор соҳиби чандин фарзанду набераву абераҳо мебошад.

## Холмирзоев Муҳаммад
## Раиси кӯмитаи маҳалла



**Ранҷи ҷаҳон ба ҳиммати мардона роҳат аст,**
**Гар бор мекашӣ, камарат устувор печ.**
**Бедил**

Холмирзоев Муҳаммад, 20 сентябри соли 1964 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст.

Байни солҳои 1971-1979 дар мактаби миёнаи № 10 шаҳри таҳсил намудааст.

Байни солҳои 1979-1981 дар Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳри Ангрен № 3-ро хатм намуда, соҳиби тахассуси Устои пармакунӣ гардидааст.

;

Байни солҳои 1981-1983 дар Муғулистон хизмати ҳарбиро ба анҷом расонидааст.

Байни солҳои 1983-1985 дар шахтаи №-9 ба ҳайси устои пармагар кор кардааст. Соли 1988 ба сабаби садама ногирони дараҷаи 2 гардидааст. Аз соли 1988 то инҷониб ба ҳайси раиси раиси кӯмитаи маҳаллаи “Чатқол” фаъолият дорад. Оиладор, чандин фарзандони солеҳаро ба воя расонидааст, ки дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳр кору фаъолият доранд.

**Норматов Иномалӣ**

## Раиси кӯмитаи маҳалла



**Дар касби камол боядат ҷаҳд,**

**Дар беҳталабӣ ба сар бари аҳд.**

**¯омӣ**

Норматов Иномалӣ 3 октябри соли 1951 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Иномали соли 1958 ба синфи якуми мактаби № 23

;

маҳаллаи худ ба хондан рафта соли 1968 мактабро хатм намудааст. Соли 1970 ба донишкадаи омӯзгории шаҳри ҳозираи Хуҷанд ба шӯъбаи ²оибонаи методикаи таълими ибтидоӣ ба хондан даромада, донишкадаро бомувафаққият тамом кардааст. Худи ҳамон сол дар мактаби № 23 чун муаллими синфҳои ибтидоӣ ба кор пардохтааст. Соли 1988 дар донишкадаи зикршуда ба факултети филология шӯъбаи ²оибонаи  забон ва адабиёти тоҷик ба хондан даромада, донишкадаро хатм намудааст. Аз худи ҳамон сол сар карда дар мактаби зикршуда ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст.  Дар мактаби зикршуда чандин муддат дар вазифаи мудири қисми илмӣ низ фаъолият намудааст. Соли 2006 ба нафақа баромадааст. Ва худи ҳамон сол ӯро ба раисии кумитаи маҳалла ба кор даъватоиладор соҳиби панҷ фарзанд ва даҳҳо набераҳо мебошад. кардаанд.

**Шодиев Мирзоаҳмад**

**Раиси маҳаллаи «Гулзор»**



;

**Нашавад мард пухта бе сафаре,**

**То накӯшӣ, набошадат зафаре.**

**Авҳадӣ**

Шодиев Мирзоаҳмад 3 апрели соли 1953 дар деҳаи Бо²су²д дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Дар мактаби № 23 шаҳри Ангрен таҳсил гирифтааст. Баъди хатми мактаби миёна дар донишкадаи омӯзишгории шаҳри Ангрен хондааст ва соҳиби тахассуси муаллимӣ гардидааст.гардидааст. Фаъолияти меҳнатии ӯ чунин сурьат гирифтааст:

1.1976-1981 донишҷӯи донишкадаи омӯзишгории шаҳри Ангрен.

2.1973-1978 ходими корхонаи корҳои дохилии шаҳр.

3. 1978 ронандаи қамъияти кушоди автотранспорти шаҳр.

4. 1979-1992 ронандаи автокорхонаи № 5.

5. аз соли 1992 дар нафақаи меҳнатӣ.

6. аз соли 2000 то ҳоло раиси маҳаллаи «Гулзор»..

Соҳиби 5 фарзанд, 3 писару 2 тдухтар ва даҳҳо набера.

## Шамсиддинов Абдуқодир

## Раиси кумитаи маҳаллаи «Бӯстон»



**Умрат баҳорон шуд хазон, бо худ сад ормон,**

**Эй мӯнис, эй хону ҷигар, ёди ту андар қалби мост.**

**Р. Ҳамроҳ**

Шамсиддинов Абдуқодир 22 ноябри соли 1964 дар оилаи коргар дар шаҳри Ангрен таваллуд шудааст. Мактаби № 17-ро тамом кардааст. Баъди хатми мактаби миёна ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии 24 дохил шуда, бо касби челонгарӣ ба охир расонидааст. Аз соли 1963 то соли 1965 дар шаҳри Иркутски россия хизмати ҳарбиро ба ҷой овардааст. Соли 1985 ба заводи хиштбарории шаҳр ба кор даромада, соли 1988 бо сабаби касалӣ аз кор бо ташхиси ногирони гурӯҳи дуюм ба нафақаи маъюби баромадааст. Аз соли 1988то соли 1996 дар маҳаллаи «Бӯстон» ба ҳайси раиси маҳалла меҳнат кардааст. Соли 1996 бо олами ҳасти падруд гуфтааст. Оиладор соҳиби 3 писару чандин набераҳо.

# Абдусаломов Абдуманноф
# Раиси кӯмитаи маҳаллӣ



**Бидоред кори ҷаҳонро ба ранҷ,**
**Ки аз ранҷ ёбад сарафроз ганҷ.**
**Фирдавсӣ**

Абдусаломов Абдуманноф 20 октябри1947 дар деҳаи Боғсуғди шаҳри Ангрен дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст.

Соли 1955 ба мактаби № 23 рафта соли 1965 мактаби рақами 23-и Ангренро хатм намудааст.

Аз соли 1966 то соли 1969 дар хизмати ҳарбӣ будааст.аз соли 1969 то соли 1972 дар корхонаи обдиҳии шаҳр ба ҳайси ронандагӣ кор кардааст. Соли 1972 ба садама дучор шуда ногирони дараҷаи 2 гашта ба нафақаи маъюби баромадааст. Байни солҳои 1989-1995 дар маҳаллаи «бо$^2$су$^2$д» ӯро раиси кӯмитаи маҳаллӣ интихоб намудаанд.

;

Соҳиби чаҳор фарзанд, ду Писару ду духтар ва даҳҳо набераву абера.

**Таримаи ҳол**

**Тошматова Салима**



**Равшании хонадон аз ҳусни зебои за наст,**

**Хонаободӣ яқин аз ақли барҷои за наст.**

**Зафар**

**Тошматова Салима Усмановна соли 1950 дар шаҳри Тошканд дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Дар мактаби миёнаи № 99 шаҳри Тошканд хондааст. Мактаби миёнаро бо медали тилло тамом карда, ба донишкадаи тиббии шаҳр роҳхат гирифта соли 1974 донишкадаро бомуваффаққият тамом кардааст. Баъди ба шавҳар баромаданаш ба шаҳри Ангрен кӯчида омад. Соли 1974 дар таваллудхонаи шаҳри Ангрен чун духтури тоифаи олӣ ба кор шурӯъ намудааст.**

;

**Аз соли 1996 то соли 2004 чун раиси кӯмитаи маҳаллӣ фаолият кардааст. Барои хизматҳои шоёнаш сазовори чандин ифтихорномаҳои шаҳриву вилоятӣ ва давлати аз ҷумла бо медали “10-солагии Республикаи Ўзбекистон” сарафроз гардидааст. Оиладор соҳиби чандин фарзандони солеҳ мебошад.**

## Рӯзибоев Азимҷон
## Раиси кумитаи маҳаллӣ



**Ба адл ор рӯ, то Ки одил шаванд,**

**Ҳама бо ту дар кор якдил шаванд.**

**¯омӣ**

Рӯзибоев Азимҷон 10 августи 1955 дар деҳаи Бо²су²ди шаҳри Ангрен дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Мактаби миёнаи деҳаи худро хатм намудааст. Баъди хатми мактаби миёна ба донишкадаи политехникии шаҳри Ангрен дохил шуда, соли 1972 дохил шудааст. Соли 1974-1976 дар ба

хизмати ҳарбӣ даъват шуда, хизмати халқу ватан кардааст. Аз соли 1976 то соли 1980 дар заводи чиннибарории шаҳр кор кардааст. Байни солҳои 1980-2007 дар вазифаҳои гуногуни соҳаи корҳои дохилии шаҳр хизмат намудааст. Соли 2008 ба нафақаи меҳнатӣ баромада, худи ҳамон сол ба вазифаи раиси кӯмитаи маҳалли маҳаллаи Куктерак Раис интихоб мегардад. Оиладор соҳиби 5 фарзанду даҳҳо набераҳо.

## ¯алилов Саъдулло

## Раиси кумитаи маҳаллӣ



**Ба некӣ гарою маёзор кас,**

**Раҳи растагори ҳамин асту бас.**

**Фирдавсӣ**

¯алилов Саъдулло 15 ферали соли 1956 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Дар мактаби миёнаи № 15 таълим гирифтааст. Соли 1975 ба хизмати ҳарбӣ рафта соли 1977 аз хизмати ҳарбӣ баргашта

;

омадааст. Техникуми бинокориро тамом кардааст. Баъди хатми техникум ба заводи Резинотехника ба кор даромада, то дами нафаќа дар ҳамин корхона кор кардааст. Аз соли 2009 то ҳоло раиси кумитаи маҳаллии маҳаллаи Наврўз-1 мебошад. Оитладор соҳиб чандин фарзанду набераҳо мебошад.

## Равзаи аҳли ќалам

£алам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,

£аламкашро ба маќсад мерасонам.

Шоир дар лу²ат ба маънои гўяндаи шеър, ба назм дароварандаи сухани бадей, танзимкунанадаи калом ќаламдод шудааст.

Шоир Анварӣ дар ин боб чунин гуфтааст:

Кори шоир заҳмат овардан бувад,

В-он ки раҳмат оварад, кори шумост.

Маҳсули шоир шеър гуфтан аст. Худи калимаи шеър дар лу²атҳо ба маъноҳои; дарёфтан, фаҳмидан  донистан, сухани мавзун, сухани фасеҳ ва бадеъ, ки дорои вазн ва ќофия мебошад, ќаламдод шудааст. Он ҳамватанони мо, ки паҳлўи мо зист доранду соҳиби касбу кори гуногунанд, даъвои шоирӣ надоранд, фаќат бо таќозои рўҳияташон дар ваќтҳои барои онҳо гуворо ба шеър рў овардаанд. Шеър гуфтан ҳолати илҳомӣ буда, аз ²айб ба онҳо ваќтҳои ²айрихоҳишии онҳо воҷиб мегардад. Агарчанде онҳоро бо шоирони номӣ баробар кардан наметавон, лекин дар муҳити мо аз мо фарќ доранд ва мо онҳоро шартан чун шоир ќаламдод намудем.

## Шоир Оҷиз

Дар хок зару дар оби дарё гуҳар аст,

;

Зоеъ нагузоранд, ту дил танг макун.

Оҷиз

Мулло Тоҳир Аҳмадов соли 1900 дар шаҳри бостонии Бухоро ба дунё омадааст.¤ соли 1917 мадрасаи Мири Арабро тамом кардааст. Чун марди зиёӣ баъди хатми мадраса чандин муддат дар соҳаҳои гуногун фаъолият намудааст, чунончи чандин муддат корманди молия будааст. Бо сабаби оилавӣ соли 1944 бо аҳли оилааш ба шаҳри Ангрен кӯчида меояд. Дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳри Ангрен меҳнат мекунад. Соли 1978 аз олам чашм мепӯшад. Тоҳир Аҳмадов бо тахаллуси «Оҷиз» бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбеки шеърҳо эҷод кардааст. Набераи шоир Раҳмон Давлатов ҳоло (раиси саҳмгузорони кони ангишти Ангрен) шуда чандин муддат кор кардааст. Мо аз ӯ барои фароҳам овардани маводи чопӣ миннатдорӣ мекунем. Дар зер намунае аз эҷодиёти шоиррова меорем:

Рубоиёт

Ё раб зи ду кавн бениёзам гардон,
В-аз афсари фақр сарфарозам гардон.
Дар раҳи талаб маҳрами розам гардон,
З-он раҳ, ки на сӯи туст, бозам гардон.
***
Ай омада гирён туву хандон ҳама кас,
Аз омадани ту буд шодон ҳама кас.
имрӯз чунон бибош, фардо чу равӣ,
хандон ту буруе равию гир н ҳама кас.

ПОН¢ОЗ

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Пон²оз,
Намудам сайр дар бӯстони Пон²оз.

;

Ба дил ҳамчун баҳорон сайқалам дод.
Тамошоҳои кӯҳистони Пон²оз.

Ба як сӯ барфу ба як сӯ тутҳо,
Аҷоиб расми тобистони Пон²оз,

Шукуфта чун рӯи нозанинон,
Ки маҳсулоти бо²истони Пон²оз.

Ба васфи чашмаву наҳраш чӣ гӯям,
Ҳазорон Салсабил қурбони Пон²оз.

Бихон тоҷики Пон²озӣ ²азалҳо,
Зи ҷӯши дил дар ин давроеи Пон²оз.

Мисоли шабпарак шайтон гурезад,
Зи файзи соҳиби ²илмони Пон²оз.

Расад гар душмане, солим намонад,
Зи қаҳри баҳри пурту²ёни Пон²оз.

Агар намонд файзи ҳусну хубӣ,
Чунин намешавад шоёни Пон²оз.

Ба дидан содда, лекин дилрабоянд,
Ҳама ёшу кӯҳансоли Пон²оз.

Агар дунёӣ ҷӯянд аз заминаш,

Шавад машҳури дунё кон Пон²оз.

Хуморӣ кард Оҷизро, ба як умр,

Ҳавои ҷонфизову шони Пон²оз.

## Расулзода Масобир

### Шоир, директори мактаби № 10



Раҳи таълим бишуд роҳи ҳаётам ,
Дили афрӯхтаам тобанда монад.
Расулзода

Расулзода Масобир (27.2.1924, деҳаи Пунғаз - 4.4.1984, шаҳраки Шайдон), аз оилаи деҳқон. Соли 1940 мактаби ҳафтсолаи зодгоҳаш, сипас Омӯзишгоҳи педагогии Конибодомро хатм карда, омӯзгори яке аз мактабҳои

;

ибтидоии деҳаи худ таъин мешавад. Солҳои 1943-45 Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок менамояд ва ба муқобили фашистони истилогар ҷангида, Ватанро муҳофизат менамояд. Аз майдони ҷанг баргашта, ба Институти тоҷикии муаллимтайёркунии Тошканд дохил мешавад, онро хатм карда, касби омӯзгориашро идома медиҳад ва дар як вақт дар шӯъбаи ғоибонаи Институти давлатии педагогии Ленинобод (1949-52) хонда, онро бо дипломи аъло ба итмом мерасонад. Соли 1948 ба шаҳри Ангрени вилояти Тошканд (дар, ин ҷо аз тамоми деҳоти ноҳияи Ашт, хусусан аз деҳаи Пунғаз бисёр тоҷикон зиндагӣ ва кор мекунанд) рафта, аввал ҳамчун омӯзгори фанни «Забон ва адабиёти тоҷикӣ»-и мактаби миёнаи дузабонаи (узбекию тоҷикӣ) №3, сипас аз соли 1956 то 1968 дар вазифаи директор ва аз соли 1961 то 1963 ҳамчун омӯзгори мактаби миёнаи тоҷикии №10 фаъолят менамояд. Соли 1963 ба маркази ноҳияи худ Шайдон мекучад ва дар ин ҷо аввал ба сифати омӯзгори мактаби миёнаи № 2 ба номи Ленин, сипас ба ҳайси мудири шуъбаи маданияти ноҳия (1963 -74), мудири қисми таълими мактаби миёнаи №17 ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1975-77) кор мекунад ва соли 1977 ба нафақа мебарояд.

Р. Расулзода ҳанӯз солҳои таҳсилаш дар омӯзишгоҳи педагогии Конибодом ба иншои шеър машғул шуда, баъзеи онҳоро тавассути газетаҳои devorii ин таълимгоҳ ба ҳамсабақону устодонаш пешкаш менамояд, навиштаҳояшро солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳамяроқонаш мехонад, онҳоро ба садоқату ватандӯстӣ ва душманбадбинӣ даъват мекунад, лекин шеъри нахустинаш дар матбуот танҳо соли 1951 бо номи “Имзои ҳақиқат” дар рӯзномаи “Ӯзбекистони сурх” пайдо мешавад ва солҳои минбаъда онҳо паи ҳам дар рӯзномаҳои “Узбекистони сурх”, “Пионери Тоҷикистон”, “Шӯҳрати Ашт”, “Маориф ва маданият”, “Тоҷикистони советӣ”, “Машъали коммунизм”, ва “Ҳақиқати Ленинобод”, рӯи чопро мебинанд ва тавассуташон хонадагони сершумори Тоҷикистону тоҷикзабонони Узбекистон ӯро ҳамчун шоири ҷавони умедбахш мешиносанд. Мавзӯъҳои

ашъори Расулзода бағоят гуногунанд. Вай дар ситоиши модар (“Модарам”, “Модаро, офаридгорӣ”, “Дуои хайри модар”, “Ту бо ман зинда, модар”), Ватан (“Ба модар, ба Ватан”, “Баҳори Ватан”, “Муборак бод Ватан, соли нават”), мудофиони Ватану халқ (“Ҷароҳати ҷангӣ”, “Донор”, “Ба шӯҳрат гаштӣ, ҷаҳонгир”, “Ашки шодӣ”, “Байрақ бурдам ба сар”, “Оташи ҷовидонӣ”), сулҳ ва дӯстӣ (“Саҳаргоҳи баҳори сулҳ”, “Садои одами оддии советӣ”, “Ба парвоз омада”, “Қадамҳои аввалини дӯстӣ”), пахтакорон, Ашти Калон ва ободгарони он (“Ба пахтакорони Ашт”, “Ба духтари пахтачин”, “Кӯҳи Оф”, “Аз гулиртон боди форам ҳар саҳар”, “Ашти Калон”, “Марди бунёдкор”, “Наҳри фулодӣ”, “Кафшерчӣ”, “Кранчидухтари бинокор”, бузургони илм, шоирону омӯзгорон ва ҳунармандони номӣ (“Ситораи абадрахшанда”, “Ба Маъдан”, “Ба М. Турсунзода”, «Номатзинда бо мо” “ба Маҳмудҷон Воҳидов”, қаҳрамонони меҳнат Тоҷиддин Имомалиев, Ҷӯрабой Мӯминов, Худойкул Назаров, манзараҳои мафтункунандаи зодгоҳаш Дараи Пунғаз, меваҳои шаккарини он (“Себи Пунғаз”), “Боғи нав”, “Гули қоқу”, “Гули зардолу”, “Гули намошом”, “Бунафша”) ва дар тавсифи айёми ҷавонию тавсифи ҷавонон, зебодухтарон, маҳбубу маҳбубаҳо, ишку муҳаббати самимӣ ва ғайра ғазалу рубоӣ ва маснавию мухаммас гуфтааст, ки то имрӯз вирди забони мардуми шеърдусту шеърхони диёранд.

Омӯзгори маҳбуб, мураббии дилсӯз, ватандӯсти хақиқи, сухансанҷу сухандони боистеъдод, шоири ҳамадону ҳамашинос, марди соҳибмаърифат, фозил, падари ғамхор, дӯсти бетамаъ ва омӯзгору роҳбари тозакор Масобир Расулзода пас аз бемории вазнини бардавом ба олам падруд мегӯяд, вале номи ӯ дар қалби ҳазорҳо дӯстдорону мухлисонаш абадӣ зинда аст, чунонки худаш гуфта: М. Расулзода дар тарбияи насли наврас, ҳимояи ободии Ватан, инкишофи маорифу адабиёти бадеии тоҷик хизматҳои арзанда кардааст, ки онҳо бо медалҳои “Барои шуҷоат” (1943), “Барои ғалаба бар Германия дар ҶБВ солҳои 1941-1945” (1945), “20,25;30-солагии Ғалаба” (1965, 1970, 1975),

“Ветерани меҳнат” (1978), нишони “Аълочии маданияти СОБР” (1968) қадр гардидаанд.

Вай солҳои 1965-1370 депутати Советҳои маҳаллӣ ва ноҳиявии Ашт буд.

Ӯ оиладор ва соҳиби 3 фарзанд буд. Ҳамсараш -Юсуфова Солеҳа соли бисёр омӯзгорӣ карда, чанд сол пеш аз худаш вафот мекунад, писаронаш: Зоирҷон -корманди масъули Ҳукумати шаҳри Чкаловск ва Замирҷон омӯзгори мактаб-литсеи шаҳраки Шайдон ва Мунира иқтисодчии компанияи ҳолдингии «Барқи тоҷик» мебошанд.

***ЗИНДА МОНАД***

Абад номам ба дилҳо зинда монад,
Чароғи дидаҳо рахшанда монад.
Раҳи таълим бишуд роҳи ҳаётам ,
Дили афрӯхтаам тобанда монад.
Ҳаме гуфтам фақат боби накӯӣ,
Зи одам кори нек нишона монад.
Ба ёру ҳам ватан гаштам фидоӣ,
Зи ман сидқу вафо поянда монад.
Будам дилдодаи ёру баҳорон,
Ҳамин айёми дил дар ханда монад.
Бикӯш, хиште ниҳӣ бар қасри даврон,
Ки ранҷи бозуят арзанда монад.

М. Расулзода. «Ашки шодӣ» (маҷмӯаи ашъор, дастнавис), 1986, с. 149.

Назми Маъдан
Дар фазои кишвари шому ситам,
Аз миёни мардуми пурдарду ²ам.

;

Чархи зулмангезу даври тирарӯз,
Хомаи вайро намуд оташафрӯз.
Медурахшид машъалони ноаён,
Чун шафақ, аз ранги субҳи дилафрӯз.
Кӯҳу саҳро шуд ба килкаш ҳамдаме,
Ашки мардумро навишта пур²аме.
Як тараф медид бар гардун шоми тор,
Як тараф дар қалби ӯ нав оламе.
Килки Маъдан назми коҳи ёдгор,
Бигзарад аз пушту қарни бешумор.
Назми гул-савту навои мазлумон,
Назми чун нозук ниҳоли навабаҳор.

**Шоир Буракӣ**



;

**Гар бихоҳи, некӣ кардан дар ҷаҳон,**

**Бош доим хайрхоҳи мардумон.**

**Буракӣ**

Каримҷон Нормуҳаммадзода мутахллис бо Буракӣ 20 июли соли 1936 дар деҳаи зебоманзараи Понғоз ба олами ҳасти чашм кушодааст. Модараш бофандаю падарш деҳқони зарофатгӯй ва шоиртабъе будаанд. Соли 1955 мактаби ба номи Маъданро хатм кардааст. Соли 1960 Университети давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Ба роххати Университет дар шӯъбаи шарқшиносии осори хатти Академияи фанҳои Тоҷикистон фаъолияти кориаш оғоз мегардад. Сипас дар институти политехникии Тоҷикистон, институти санъати Тоҷикистон, комитети радиошунавони ва телевизиони Тоҷикистон, сарредаксияи илмии Қомуси шӯравии тоҷик кор кардааст.

Ниҳоят дар мактаби ҷумҳурӣ ва мактабу гимназияи ноҳияи Ашт машғули таълиму тарбия гардидааст.  Ҳамзамон мурғи илҳомаш дар гулзори шеърият парвоз мекард. Аз соли 1957 дар рӯзномаҳои ноҳиявиӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ашъораш ба табъ расидааст. Маҷмӯаи “Гулбарги Гулшан”-и ӯ даст ба дасти ҳаводорони назм қарор дорад.

Ҳизб ва ҳукумати Тоҷикистон меҳнати Буракиро бо нишони “Аълочии маорифи Тоҷикистон”, “”Ғолиби мусобиқаи сотсиалистии соли 1975”, “Ветерани меҳнат” ва чанд ифтихорнома сарфароз гардидаанд.

Буракӣ ба сабки хуросони эҷод мекунад. Ашъораш пур обу ранг аст. Мавзӯъҳои мухталифро дар бар гирифтааст. Намунаи ашъори Буракиро ба шумоён манзур менамоям:

**Дил мабанд**

;

**Ҳар чи ояд, зиндагонӣ бигзарад,**

**Гар расад пири, ҷавонӣ бигзарад.**

**Умри мо бо сад гаронӣ бигзарад,**

**Ҳар ғаниро комронӣ бигзарад.**

**Дӯстам, ба ганҷи дунё дил мабанд,**

**ганҷи дунё назди доно нописанд.**

**ҳарчи неъмат расад моробаҳам,**

**ҳеч гаҳ гуфтан нашояд бешу кам.**

**Шукр гуям бар худои бокарам,**

**Ҳар чӣ меояд, қазоро, бар сарам,**

**Дӯстам ба ганҷи дунё дил мабанд...**

**Гар бихоҳи, некикардан дар ҷаҳон,**

**Бош доим хайрхоҳӣ мардумон.**

**£урбонов Фидомат**

**Шоир Роҳанӣ**

;



Раҳм ояд аз дилу меҳр ояд аз дидори дӯст,
Якдилӣ дар ҳар макон мебояд будан.

**Роҳанӣ**

£урбонов Фидомат соли 1931 дар қишлоқи Пон²оз ба Дуне омадааст. Соли 1938 оилаи онҳо ба шаҳри Тошканд кӯчида омадааст. Аввал дар шаҳри Тошканд ба мактаб рафтааст. Соли 1945 оилаи онҳо аз Тошканд ба шаҳри Ангрен кӯчида омадааст. Дар Ангрен мактаби миёнаи № 10-ро хатм намудааст. Аз соли 1954 то соли 1956 дар хизмати ҳарбӣ будааст. Соли 1957 ба шаҳри Душанбе рафта, ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба хондан даромадааст. Донишгоҳро бо баҳои аъло хатм намуда, ба шаҳри £ур²онтеппа ба кор меравад. Солҳои 1963-1965 ба ҳайси сарметодисти Вазорати маданияти Тоҷикистон кор кардааст. Соли 1965 ба шаҳри Ангрен баргашта омада, то соли 1971 дар мактаби миёнаи №17 ба ҳайси муаллими таърих кор мекунад. Соли 1971 бо аҳли оилаашон ба шаҳри

Душанбе кӯчида мераванд. Байни солҳои 1971 то 1977 дар Вазорати Маорифи Тоҷикистон ба ҳайси методисти калон фаъолият мекунад. Аз соли 1977 то соли 1991 чун сармуҳаррири нашриёти Энсиклопедияи тоҷик фаолият намуда, соли 1991 ба нафақа баромадааст. Соли 1996 бо оилааш ба шаҳри Ангрен кӯчида омада, соли 2004 вафот намудааст. Оиладор соҳиби се Писару се духтар ва даҳҳо набера.

Мебояд будан

Бар сари ҳар хонадон сардор мебояд будан,
Гар сари коре гирӣ, саркор мебояд будан.
Раҳм ояд аз дилу меҳр ояд аз дидори дӯст,
Якдилӣ дар ҳар макон мебояд будан.
Одамӣ бе саҳв несту рӯзгор бе камбудӣ,
Лозим ояд ҳар киро иқрор мебояд будан.
Ҳарчӣ меояд бар сар бошад зи кирдори забон,
Вақти гуфтан доимо ҳушёр мебояд будан.
Мақсади ҳастӣ набошад сар ба танҳоӣ задан,
Ҳар ҷавонеро канори ёр  мебояд будан.
Роҳанӣ ишқи ҳаёт аз бас  комронӣ бувад,
¯оми ишратро мудом саршор мебояд будан.

**Абдуқаюми Ҳасанзод**

**Шоир Айёнӣ**



**Даруни қалби ман сабт аст ҳар як ҳарфи ширинат,**
**Чӣ мешуд мешунидам боз он зебо суханҳоят.**
**Айёнӣ**

12 марти соли 1951 дар шаҳри Ангрен таваллуд шудаам. Дастпарвари факултаи филологияи Универстети давлатии Тоҷикистон.

Фаъолияти кориро аз мактаби 10-и шаҳри Ангрен оғоз намудам. Чанд муддат чун паёмнигори ғайриштатии рӯзномаи “Овози тоҷик” дар вилояти Тошканд адои вазифа доштам. Устодони аввалинам Сотим Улуғзода, нависандаи советии тоҷик ва Абдуллои Ориёнур (Абдулло Юлдошев). Алҳол ба эҷод машғул ҳастам. Чанд шеърҳои маро ҳофизону Ўзбекистону Тоҷикистон месароянд, наздик ба 35 шеър, аз ҷумла “Фарзанди Тоҷикистон”, “Асту бас”, “Зебои ман ту”, “Садои дил”, “Бе ту”, “Ҳоли дилам”, “Як сухан”, “Яктои ман” ва дигарҳо.

**Саҳар ҳар рӯз меояд ба ёдам рӯи зебоят,**
**Ҳамон чашмони шаҳлою ҳамон зулфи сумансоят.**

**;**

**Ба пеши ту барои диданат ҳар рӯз мерафтам,**

**Ки то бинам, фақат, якбор он қадди дилороят.**

**Нигоҳҳои дилангезат нахоҳад рафт аз ёдам,**

**Чӣ мешуд боз медидам, азизам, он нигоҳҳоят.**

**Даруни қалби ман сабт аст ҳар як ҳарфи ширинат,**

**Чӣ мешуд мешунидам боз он зебо суханҳоят.**

***   *   ***

**Дили ман буд камоли ишқи ту,**

**Орзу буд, ки бубинам рӯи ту.**

**Соҳиби ишқи ту шудан ҳавасест,**

**Биё гирам нафасе аз дили ту.**

**Нафасе бе ту будан ҳам қафасест,**

**Бимирам, то наварам бар дари ту.**

**Ҳамчу ман ошиқи зоре набувад,**

**Гар бихоҳӣ, бимирам дар бари ту.**

**Кас чу ман рози дил ошкор нагуфт,**

**То кай, эй ёр, кашам ман ғами ту.**

**Дили сангини ту ро дар дили ман,**

**Мешавам хоки дар аз рафтани ту.**

Ҳоли дилам чи гӯямат, аҳду вафо надори ту,

Сарви барини ман туи, тарси Худо надориту.

То наравам ба пеши ту, баҳри нисори ҷони хеш,

Ханда куни ба рӯйи ман, шарму ҳаё надори ту.

Дасту дилат зи ман машӯй, дилбари бебаҳои ман,

Бар мани ошиқи ғариб, дар сина ҷой надори ту.

Чашми сиёҳи ту кунун, сабру қарори ман рабуд,

Гар ту ба ҳусн подшоҳ, ақли расо надори ту.

Куштаи хандаи ту шуд, дар раҳи ишқ Аёни ҳам,

Бар ашкҳои ман кунун, раҳм чаро надориту?

;

# Нурулло Каримов

# Шоир Мунир



**Ту мегӯӣ чаро Мунир хабар аз ман намепурсӣ,**
**Хабар чун аз ту пурсам, ки ман аз худ бехабар гаштам.**

**Мунир**

Нурулло Каримов соли 1956 дар шаҳри Ангрен зода шуда, дар ҳамин шаҳр ба камол расидааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 17 ва техникуми бинокории ш. Ангрен солҳои 1976-1978 хизмати аскариро одо намуд. Сипас бахши энергетикаи донишкадаи политехникии шаҳри Ангренро хатм намуд.

Аз соли 1978 инҷониб дар соҳаҳои гуногуни тарвиҷи хоҷагии халқ, аз ҷумла муҳандиси соҳаҳои бинокорӣ, гармитаъминкунӣ ва барқи ҳавзаи ангишти ш.Ангрен хизмат намудааст.

Азбаски мактаби миёнаро бо забони тоҷикӣ ва техникуму донишкадаро бо забони русӣ хондааст, ин ду забонро хуб балад аст. Илова бар корҳои муҳандисӣ вақти холии худро ба мутолиаи китоб, хоса адабиёти бадеӣ мебахшад. Ба шеърҳои классикони русу тоҷик таваҷҷӯҳи хосе дорад.

Дар ду соли охир аз осори классикон илҳом гирифта, ба сурудани ашъори суннатӣ даст зад ва муваффақ шуд, ки чанд шеъру рубои ва муфрадоти ноб сарояд.

**Ғазал**

Сухан аз ҳуснат оварданду ман аз худ бадар гаштам,
Магӯ афсонаи Қайсе, ки ман афсонатар гаштам.

Шароби лолагунатро, нигоро, нӯшидам ҳар дам,
Шудам майхораву бар ҷон қасам, майхоратар гаштам.

Бирафтам то таҳи дарвозаат, то хоки по гардам,
В-аз он ҷо рондиям, ки ман ба шахрат дарбадар гаштам.

Бигуфтӣ, бо нигоҳе ҷони ман аз тан бурун орӣ,
Бурун овардӣ чандон, ки туро ман гирди сар гаштам.

Ба саҳрои висолат хостам, то роҳи ман афтад,
Хато то кай ба ман афтад, ки саҳрои дигар гаштам.

Манам ҳар рӯз бар он, ки шабонгаҳ медиҳӣ ҷоме,
В-аз оне, ки шабам додӣ, саҳар мастонатар гаштам.

Таманнои гули рӯят мудом оташ занад ҷонро
Ва бо хокистари ҷонам зи худ бегонатар гаштам.

Касе дар нори ишқ афтад ба сони Маҷнун орандаш,
Маро кам оядам Маҷнун, к-аз ӯ девонатар гаштам.

Нигоро, то ба кай ангуштнамои аҳли олам ман,
Тараҳҳуме маро имрӯз, ки ман чун гили тар гаштам.

Ту мегӯӣ чаро Мунир хабар аз ман намепурсӣ,
Хабар чун аз ту пурсам, ки ман аз худ бехабар гаштам.

;

Чашм чун дид рухи гулгун бидуни ӯ нобиност,
Дил ба расми бевафоӣ аз паи он дилрабост.

Як нигаҳ кардиву сӯям, аз паят ҷонам равон,
Гар ҳазорон доштам ҷон, ҳар яке аз он турост.

То ба кай аз ту ситам бар қалби хуншорам, нигор,
Ё ки пойафтодаҳоро сар задан расми шумост?!

Рафтаме бар сояи Тӯбо, ки гардам порсо,
Порсо аз ман наёмад, маҷлиси риндон куҷост?

Тифлакон бар киса бурданд, сангҳо, ки доштанд,
З-он сабаб гуфтанд: Ин девона бар ишқ мубталост!

Рӯзи маҳшар аз ту пурсанд, куштӣ риндеро чаро?
Ханҷару пайкон ниҳон кун, в-арна бар лавҳат ҷазост.

Нестам бар ман умед, то гул фишонӣ турбатам,
Шохаи хоре фиристє бар Мунир, он ҳам равост.

## Матлуба Абдуқайюмова

## Шоира матлуба

**Киштии мо ба роҳи худ равон шуд,**
**Раҳи ӯ гоҳ орому гаҳ тӯфон шуд.**
**Матлуба**

Матлуба Абдуқайюмова шоираи Ангренист. Маълумоти филологӣ надорад. Пасту баландиҳои зиндагиро дидааст. Ноумедӣ пешаи аҳриманист. Матлуба инро хуб дарк намудааст. Аз ин рӯ гарчанде зоҳири ашъораш пур аз

;

навмедиву ормонҳо ва афсӯсу надоматҳост, дар қаъри ҳар шеър ва ҳар мисраъ ва ҳатто ҳар як калимаи он шӯълаи умед ҳувайдост. Чаро ки аждаҳои рӯзгорон киштии киштии умеди Матлубаро якбора ба коми худ фурӯ бурдан хост ва ҳамин чароғи умеди қалби беолоиши вай чун тахтапораи наҷот ва ҳамчун “як тори маҳине аз он ресмони ғафси пешин” ӯро аз миёни гирдобҳо ба соҳили умед баровард... Ва аммо дилу равони Матлуба моломози завқ ва пур аз ҷӯши илҳом аст. Шеърҳояш сохта ё тарошида нашудааст, балки садои қалби пурхурӯшаш рӯи коғаз омадааст.

Садои қалбе, ки аз норавоиву носозгорӣ ва нобасомонии рӯзгор об хӯрда бо камоли умеду орзу ба гузашдаи дур ва фардои яқин дар як он менигарад, қалбе, ки худ мӯҳтоҷи навозишу парвариш асту тавонист як тани танҳо ду гули зеборо ба камол расонад, метавонад шоир ҳам бошад ва беҳтарин шеър бигӯяд. Намунаи шеъраш:

Ҳаёт туро мегӯям, барои чӣ надонӣ,
Барои кӣ армону барои кӣ шодонӣ.
Барои кӣ аз санг сахт, мавҷи хатарнок ҳастӣ,
Барои кӣ беғубор, чун оби ҷӯй равонӣ.
Барои кӣ бардавом, охири ту ноаён,
Барои кӣ тезгузар, дарравакак давонӣ.
Барои кӣ рӯзи ту аз шаб ҳам ториктар аст,
Барои кӣ мунаввар, ту офтоби хандонӣ.
Барои кӣ ҳар рӯзат меорад бе меҳнад ганҷ,
Барои кӣ ранҷи сахт, ба он музди гирёнӣ.
Барои кӣ бистар сард, шаби дарозу бехоб,
Барои кӣ лаззатбахш, бағал пури ҷононӣ.
Ҳаёт туро мегӯям: чашмакот калон кушой!!!
Ба тақдирам як нигар, шояд бефарқ намонӣ???

## К И Ш Т И И   Н А С И Б

Моро тақдир ба як киштӣ савор кард,
Ба саҳни он якчанд матоъ ҳам бор кард.
Матои рӯзи шодӣ ,  рӯзи  ғамбор,
Нахуст туро шуғли заҳмату кор кард.

Киштии мо ба роҳи худ равон шуд,
Раҳи ӯ гоҳ орому гаҳ тӯфон шуд.
Вақти хатар дил сӯи соҳил мехост,
Рӯз паи рӯз, сол паи сол давон шуд.

Муддате шуд Худо баҳрро ором кард,
Лек сари ту аз оромӣ ҳаром кард.
Маро монда киштиямон тарк кардӣ,
Танҳо маро миёни баҳр ҳайрон кард.

**Шоир Пунғазӣ**

**Бекматов Икромалӣ**



**Меравад аз умри мо, мо бехабар,**

**Дар талоши молу дунёву замин.**

**Пун²азӣ**

Бекматов Икромалӣ 15 августи соли 1949 дар шаҳри Ангрен дар оилаи аҳли зиё таваллуд шудааст. Хатмкардаи мактаби миёнаи № 5 шаҳри Ангрен. Соли 1967 баъди хатми мактаби миёна ба ГСПТУ-3 дохил шудааст. Баъди омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ дар ПТУ ба вазифаи назоратчии вагонҳо ба кор даромадааст. Икромалӣ 25 сол дар саноти ангишти шаҳри Ангрен кор кардааст. Соли 2007 ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст, ҳоло гашти пирӣ меронад. Оиладор соҳиби панҷ Писару ду духтар, 25 набера мебошад.

Икромалӣ аз хурди ба адабиёт шавқи калон дошта, бештар ба мутоилаи адабиёти сӯфиёна майл дорад, агарчи ¤ худро шоир намеҳисобад, лекин дар ҷодаи шеърҳои тасавуфӣ ба баъзе муваффаққиятҳо ноил гардидааст. ¤ ба омӯзиши ашъори Мавлоно ¯алолиддини Румӣ майл дорад асарҳои дӯстдоштаи вай «Маснавии маънавӣ»и ¯алолиддини Румӣ, «Мантиҷут-

тайр»и Фарididдини Аттор ва мактуботи шайх Раббонӣ аст. Дар ин ҷо якчанд рубоии ӯро ба тарзи мисол меорем:

Даври  моҳу офтобу ҳам замин,
Солу моҳу рӯзу соатҳо ҳамин.
Меравад аз умри мо, мо бехабар,
Дар талоши молу дунёву замин.

***

Ҳар нафас аз зикри Ҳақ ²офил мабош,
Дар амал кардан ба ин коҳил мабош.
Ин нафас беҳуда маш²улаш макун,
Бар гузашти умри худ қотил мабош.

***

Ҳар киро бӯстони Саъдӣ сарвар аст,
Сарвари ӯ дар кушоди гавҳар аст.
Ҳарчи гуфтанду бимонданд орифон,
Шоҳроҳи хонақоҳи дилбар аст.

*******

Деҳи ¢елон бо²у бӯстони ман аст,
Пири ¢елон доруи дарди ман аст.
Гарчи дурам аз ҳамон ¢елона деҳ
Пири ¢елон Шамсу Хуршеди ман аст.

**Шарифов Низомиддин**

**Шоир Шарифӣ**



Шарифов Низомиддин 3 январи 1948 дар шаҳри Ангрен дар оилаи аҳли зиё таваллуд шудааст.

Хатмкардаи мактаби миёнаи № 10. Солҳои 1954-1965 дар мактаби зикршудаи ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Ангрен таҳсил гирифтааст. Соли 1965 баъди хатми мактаби миёна ба донишкадаи политехникии шаҳр дохил шудааст, аз сабаби донишкада ба шаҳри Тошканд кӯчонида шуд, бо сабаби оилави маҷбурИ баъди хатми курси 3 аз хондан дур монд. Соли 1965 ба корхонаи собиқ ИФЗ, ки ҳоло чун РГТО номгузорӣ шудааст ба ҳайси устои қолабрези фулӯзот кор кардааст. Соли 2000 ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст, ҳоло гашти пирӣ меронад. Оиладор соҳиби 3 писару ду духтар, чандин набераҳо мебошад.

Низомиддин аз айёми мактабхониаш сар карда ба адабиёт шавқи калон дошта, бештар ба мутоилаи адабиёти мумтози тоҷик ва адабиёти сӯфиёна майл дорад, агарчи ¤ худро шоир намеҳисобад, лекин дар ҷодаи шеърҳои мардумӣ ба баъзе муваффақиятҳо ноил гардидааст. ¤ ба омӯзиши ашъори Мавлоно ¯алолиддини Румӣ, Бедил, Маъдани Пон²озӣ, майл дорад асарҳои дӯстдоштаи вай девони шеърҳои оламгири Саъдӣ, ҳофиз, «Маснавии

маънавӣ»и ¯алолиддини Румӣ, «Мантиқут-тайр»и Фаридиддини Аттор ва мактуботи шайх Раббонӣ аст. Дар ин ҷо як шеъри ӯро ба тарзи мисол меорем:

## Мирзоматов £утбиддин

## Шоир £утбӣ

**Ин умр аҷаб монанди як дарё шитобон меравад,**
**Умри ҷавон сар бар сари зонуи армон меравад.**
**£утбӣ**

Мирзоматов £утбиддин 27 октябри соли 1961 дар шаҳри Ангрен дар оилаи аҳли коргар таваллуд шудааст.

Солҳои 1967-1977 дар мактаби ба номи Садриддин Айнии № 17 шаҳри Ангрен таҳсил гирифтааст. Соли 1967баъди хатми мактаби миёна ба техникуми сохтмонии шаҳр дохил шуда, бо тахассуси устои ПГС онро хатм кардааст. Байни солҳои 1982-1988 дар донишкадаи омӯзгории шаҳр шӯъбаи ОТД-ро тамом кардааст. Худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 14 ба кор рафта ба ҳайси устои таълими истеҳсолӣ, яъне мастер ба меҳнат пардохтааст.

Соли 1994 ӯро ба ҳайси роҳбари ташкилоти ҷавонони МЖК ба кор даъват мекунанд.

Соли 1998 ӯро ба ҳокимяти шаҳр барои идора кардани алоқаи берунӣ ба кор таъин намудаанд.

Соли 1992 фирмаи хусусӣ, ки «Паритет» ном дошта ба корҳои сохтмони мувофиқат кунонида шудааст ба ҳайси директор кор ва фаъолият карда истодааст.

Оиладор соҳиби 3 фарзанд 2писару 1 духтар, чандин набераҳо мебошад.

£утбиддин аз айёми мактабхониаш сар карда ба адабиёт шавқи калон дошта, бештар ба мутоилаи адабиёти мумтози тоҷик дорад, агарчи ¤ худро шоир намеҳисобад, лекин дар ҷодаи шеърҳои мардумӣ, фалсафаи мантиқиро дорост ба баъзе мувафаққиятҳо ноил гардидааст. ¤ ба омӯзиши ашъори, Бедил, Маъдани Пон²озӣ, майл дорад асарҳои дӯстдоштаи вай девони шеърҳои оламгири Саъдӣ, ҳофиз, Дар ин ҷо аз ашъори ӯ намунае ба тарзи мисол меорем:

Рӯзи рафтан ҳар касеро ояд инъоми сухан,
Иқтидо гӯяд ба номи неки имоми сухан.
Як нафас аз шеъри ҳофиз хонаду омин кунад,
Занги дил шӯяд ба оби форами боми сухан.

Лаҳҷаи хуши забони ҳофизи зебосухан,
Ин забони булбулони бо²и илҳоми сухан.
Олам-олам баҳра ёбад бишканад, ҳар кас ба худ,
Донаки бодоми пурма²зи дилороми сухан.

ҳар касе номаш ба ёд орад худо хайраш диҳад,
Ёди ӯ бодо ба хайр султони некноми сухан.
Мутрибо дар роҳи дилҳо сарфи умрат кардаӣ,
Дон, ки дил дар сари бо²и саранҷоми сухан.

Ин умр аҷаб монанди як дарё шитобон меравад,
Умри ҷавон сар бар сари зонуи армон меравад.
Ёрон шарм медорам аз аҳволи худ гӯё ки ин

;

Толеъ зи ман гардонда рӯяш доманафшон меравад.

**Исомиддинова Ҳанифа**



**Манам фарзанди дилбанди ту, Понғоз,**
**Ҳаётамро зи ту бинмудам оғоз.**
**Ҳанифа**

Ҳанифа соли 1947 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Соли 1965 мактаби №4, ба номи Маъданро бо баҳои аъло хатм мекунад. Баъди ба шавҳар баромадан истиқоматкунандаи шаҳри Ангрени ҷумҳурии Ўзбекистон аст. Соҳибхоназан, соҳиби 7 фарзанд ва зиёда аз 20 набера аст. Аз хурдсолӣ ба шеър меҳри беандоза дорад. Падари бузургвораш шодравон Шарофиддинов Исомиддинро, ки бо тахаллуси

«Ором» шеър эҷод мекарданд, устоди худ меномад. Имрузҳо ҳаёти бофаро²ат дорад.

**Диёри ман**

Диёри ман баҳори дилкушо дорад,
Ҳавои тозае бахри даво дорад.
Ба домон сабзаву гулҳои рангин,
Дар оғиш мурғакони хушнаво дорад.
Сари кӯҳи баландаш лолазор аст,
Ба рӯйи сабзааш нози баҳор аст.
Садои форами кабки ҳилолаш,
Навою созу нози навбаҳор аст.
Манам фарзанди дилбанди ту, Понғоз,
Ҳаётамро зи ту бинмудам оғоз.
Ба мурғони ту гаштам ман ҳамовоз,
Ба гулҳоят шудам мафтуну ҳамроз.
Қадам мондам ба ҳар кӯчаҳоят,
Бинӯшидам зи оби чашмаҳоят.
Бирафтам сӯйи саҳро бо дили хуш,
Бидидам кӯҳу даштад сабзу гулпӯш.
Ба савти булбулонат дода ман гӯш,
Намудам дарду ғамҳоям фаромӯш.
Ханифа духтари нозпарвари ту,
¯авониро бимондаст дар бари ту.

**Хайруллоева Қумринисо Содиқзода**

;



**Чу соҳил дар канори мавҷи печон,**

**Бимонам ноумеду зору ҳайрон.**

**£умрӣ**

27 сентябри соли 1971 дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт ба дунё омадааст. Соли 1988 мактаби рақами 17-ро хатм намудааст. Соли 1989 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе, факултаи филологияи тоҷик дохил шуда, соли 1994 онро хатм мекунад.

Аз хурдсолӣ£умиринисcо табъи хуши шоирӣ дошта, аввалин шеърҳояш дар рӯномаҳои «Шӯҳрати Ашт», «Ҳақиқати Ленинобод» ва маҷҷалаи «Машъал» рӯ и чопро дидааст.

Бо амри тақдир дар шаҳри Ангрени ҷумҳурии Ўзбекистон оила бунёд намудааст. Вай дилбохтаи сухани воло буда, шеър эҷод мекунад. Маҷмўаи шеърҳояш бо номи ғайриоддии “Шеърҳо оиди ҳарфҳо” аз чоп баромад.

Ҳамчун омӯзгори Донишкадаи омӯзгории Ангреншаҳр, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик  дар факултаи “Забон ва адабиёти Шарқ” кор карда буданд.

Зи бас дар бистари ғам нотавон аз заъфи ҳиҷронам,
Бурун н-ояд зи дил бо сад кашокаш тоби афғонам.
Бипеч эй шавқ баҷонам, масӯз эй доғ сомонам,
Макаш эй нола домонам, сиришки маҳви мижгонам.

Канорам омади, эй маҳваши ман,
Рабудӣ зуд қалби беғаши ман.
Куҷо рафтӣ кунун маҳтоби умрам,
Хазон карда баҳори дилкаши ман?

Ало, дарёи пурмавҷи ҷавонӣ,
Ҳамҳангӣ  намоям зиндагонӣ
Талотумнок пур аз ҷӯшу хурӯшӣ,
Маро ҳам гир канорат ҷовидони.

Марав тозон зи гулзори хаёлам,
Баҳори қисматам бинам парешон.
Чу соҳил дар канори мавҷи печон,
Бимонам ноумеду зору ҳайрон.

**Ашӯров Тухтасун**

**Шоир Беҳбудӣ**

;



**Дили пурам будӣ, писарҷонам,**
**Нури дидаам будӣ, меҳрубонам.**
**Беҳбудӣ**

Ашӯров Тухтасун 15 феврали соли 1948 дар шаҳри Ангрен дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1965 мактаби миёнаро дар шаҳри Ангрен хатм мекунад. Соли 1967 ба донишкадаи республикавии илмҳои педагогӣ дохил шуда соли 1972 бо тахассуси муаллими фан9ои забон ва адабиёти рус ба итмом расонидааст. Соли 1966 фаъолияти омӯзгории худро аз мактаби № 5 о²оз намудааст.

Соли 1968 ба мактаби № 17 давом додаст. Соли 1972 ба хизмати ҳарбӣ рафта соли 1973 хизматро ба итмом расонидааст. Чанд муддат дар вазифаи мудири қисми илмии мактаб кор кардааст. Соли 1980 дар омӯзишго9и касбӣ-техникии « 3 низ кор кардааст. Баъд боз мактаби « 17 баргашта то ба нафақа баромадан кор кардааст. Ҳоло дар нафақаи меҳнатӣ.

Аз хурдсолӣ ба шеър мехри беандоза дорад. Дар вақтҳои холигиаш шеър эҷод мекунад. Имрузҳо ҳаёти бофаро²ат дорад. соҳиби 5 фарзанд, 3 писару 2 духтар, даҳҳо наберабу абераҳо мебошад.

## Сугворӣ дар марги Писар

Будӣ, набудӣ, рафтӣ аз олам,
Дили Моро пур кардӣ зи ²ам.
Зиндаятимӣ ҳамрҳи ту буд,
Агарчанде падару модар инҷо буд.
На меҳри падар, на меҳри модар дидӣ,
Аз додару хоҳарҳоят ҷудо будӣ.
Ҳурматат зиёд буд, назди мардумон,
Охиратат обод бод, ҷонам, писарҷон.
Раҳмати Худо насибат гардад,
¯аннати Аллоҳ маконат гардад.
Дили пурам будӣ, писарҷонам,
Нури дидаам будӣ, меҳрубонам.
Писари ҷон, Анвари ҷон, алвидоъ,
вохӯрӣ ба қиёмат монд, алвидоъ.

**Ашӯрова Нилуфар Ҳотамоҷовна**



**Гули ман, ёри ман, аз ман ҷудоӣ,**

**Маҳу хуршеди ман ту дар куҷоӣ?**

**Нилуфар**

10 июли соли 1982 дар деҳаи Понғоз таваллуд шудааст. Маълумоти миёнаро дар мактаби №4, ба номи Маъдани деҳааш гирифта, алҳол дар шӯбаи ғоибонаи коллеҷи омӯзгории шаҳри Хуҷанд, шӯъбаи методика таҳсил дорад. Дар мактаби №11, ба номи Н. Хувайдуллоев фаъолият дорад.

Нилуфар дилбохтаи адабиёт буда, пайваста машқи шеър мекунад ва дар ин ҷода чу номаш умеди шукуфоӣ дорад. Ғазали зер гувоҳи гуфтаҳои болост:

Баъди хатми мактаби миёна ба ҷавони ангренӣ ба шавҳар баромада чандин сол дар Ангрен зиндагӣ кард.

Гули ман, ёри ман, аз ман ҷудоӣ,

Маҳу хуршеди ман ту дар куҷоӣ?

Туро гӯям, вале афсӯс, афсӯс,

Чаро бар диданам боре наоӣ?
Қадам монӣ ба даргоҳи азизам,
Намо, охир, ту расми бевафоӣ.
Зи меҳри ман расӣ бар ҷодаи дил,
Чаро ҷӯйи зи ишқи ман раҳоӣ?
Ту худро дур магир аз меҳри покам,
Зи ишқи худ ба гулзорам дароӣ.
Биё, бахти ҷовид дар ҷавонӣ,
Ба оғӯши муҳаббат гар фаноӣ.
Ба коми дил расон Нилуфари худ,
Ту бахшанда, карими мо, Худоӣ

## Аз эҷоди донишҷӯён



**Моҳи Фарвардин шунав, ҳам матлаби моро пазир,**
**Чунки Меҳмон мунтазири Иди Наврӯз доимо.**

**Меҳмон**

;

Меҳмон. Донишҷӯи соли чаҳоруми бахши тоҷикии факултаи филологияи ДДПВТ, ш.Ангрен.

ӮЗБЕКИСТОН

Як диёри гулфишон дорем мо,
Бахту иқболи ҷавон дорем мо.
Ӯзбекистон аст номаш – пуршараф,
Сулҳ бо аҳли ҷаҳон дорем мо.
Бар заминаш тухми бахт афшондем,
Бас шукӯфон бӯстон дорем мо.
Ҷашни истиқлол табаррук дӯстон,
Олами беормон дорем мо.
Дар ҳавояш халқ озоду амон,
Ҳам мусаффо осмон дорем мо.
Гашт руди пурҷилояш достон,
Сиру Омӯи равон дорем мо.
Корвони мо ба сӯи қиблааст,
Баски доно сорбон дорем мо.
Чун кунем авсофи ту аз мағзи ҷон,
Нуктаҳо дар дил ниҳон дорем мо.
Дар миёни шоирони навқирон,
Ҷаъфари соҳибқирон дорем мо.
Бо муҳаббат меҳр бандем бар Ватан,
Аскарони қаҳрамон дорем мо.
Гар биояд меҳмон, ҳар хонадон
Иззати ӯро ба ҷон дорем мо.
Бахти мо дар доири ин манзара,
Сояи “Рангинкамон” дорем мо.

Ту бихон ақломи маънӣ Меҳмон,
Лаззате аз ин баён дорем мо!

## ОЙ НАВРӮЗ !

Ой Наврӯз, бахти фирӯз, ой Наврӯз,
Сардии олам раҳо бинмой Наврӯз.
Ҳам чароғи қалби мо равшан намо,
Дар хаёли мо туӣ, меой Наврӯз.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, ой Наврӯз!
Бар ҳулулат баски пазмон гаштаем,
Лолу ҳайрон, мавҷи уммон гаштаем.
На шунуфт овози булбул, на шукуфон дона гул,
Шоха урён, мо чу урён гаштаем.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, ой Наврӯз!
Ҳам фароғат дар миёни лолазор,
Сайри боғу кӯҳсор ҳамроҳи ёр.
Бо дили бетоқату бо шавқу завқ
Чидани ҳулбую райҳон дар канор.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, ой Наврӯз!
Ҷомаи сабзат бипӯшу қалби мо равшан намо,
Хомаи рангин бирон дар замину бар само.
Моҳи Фарвардин шунав, ҳам матлаби моро пазир,
Чунки Меҳмон мунтазири Иди Наврӯз доимо.
Ой Наврӯз, бахти фирӯз, ой Наврӯз!
Ман хаёлан гуфтугӯ бар ту шудам,
Пас аз он дар ҷустуҷӯ бар ту шудам.
Чун сафар кардам ба Машриқ, ногаҳон
Бин, ки дар раҳ рӯ ба рӯ бар ту шудам.

;

Ой Наврӯз, бахти фирӯз, ой Наврӯз,

## Умеда
## донишҷӯ

**Ҳама неку бади дунё ба як ҷо,**
**Валекин фарқашон шуд нопадидам.**
**Умеда**

**Умеда.** Умеда Орзумуродова донишҷӯи соли сеюми бахши тоҷикии факултаи филологияи ДДОВТ, ш.Ангрен мебошад. Ба шеъру шоирӣ шавқу ҳаваси тамом дорад. Намунаи ашъораш:

ЧОРГОНАҲО

Аламро дар дилам пурзӯр кардӣ,
Хати тақдири манро шӯр кардӣ.
Ту медонӣ ба қалби ман чӣ кардӣ?
Маро ту зинда-зинда гӯр кардӣ.

Ёрам, ту ба гули суман монандӣ,
Бо ишваву ноз нағмакунон механдӣ.
Дар авҷи ҳаёт аз ту ҷудо гаштам, аҷаб,
Ресмони муҳаббатам зи бех баркандӣ!

Гирифторам бар доми муҳаббат,
Асири ваъдаи хоми муҳаббат.
Азизон, май бирезед аз бароям,

Бинӯшам бода аз ҷоми муҳаббат.

Пудина дар лаби ҷӯбор зебад,
Ситора дар шаби бедор зебад.
Агар ёред, шавед дасто ба гардан,
